Б. БОРОНОВ

# ОДОБНОМА



3-4

ББК 81.2 тоҷик
Б86

**Боронов Б.**
**Одобнома**, китоби дарсӣ барои синфҳои 3-4.
“Сарпараст”, Душанбе; Издательство “Учебная литература”, Самара. Соли 2004, 208 саҳифа.

Истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | Кахмавам | 2000 | Нав | Нав | Нав |
| 2 | [illegible] | 2001 | Нав | Нав | Нав |
| 3 | Юсупова Д | 4-б | Нав | Нав | Нав |
| 4 | ~~Абдуллаева М~~ | 4Б | Нав | Нав | Нав |
| 5 | Вавитов | Х | Нав | Нав | Нав |

Муаллимони мӯҳтарам!

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45, Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

ISBN 5-902614-07-4
© “Сарпараст”, 2003
© Издательство “Учебная литература”, 2003

## БАЧАҲОИ АЗИЗ!

Эй меваҳои ҳаёт, тифлони пок, ғунчаҳои навруста – умеду орзуҳои ояндаи миллати шарифи тоҷик!

Баодоб бошед. Аълою хуб хонед. Рост равед. Рост гӯед. Ростӣ пазиред. Ба ҳамдигар мӯнису ғамхор шавед. Бахри ростию ҳақиқат кӯшед. Ба халқи хеш софдилона хизмат кунед. Ҳамеша омӯзед. Хуш зиндагонӣ кунед.

Ҳифзи ватанро муқаддас шуморед. Падару модарро дӯст доред.

Иззату ҳурмати ин бузургонро ба ҷо оред. Дар хизматашон ҳамеша тайёр бошед. Кӯшиш кунед, то дуои неки падару модар насибатон гардад.

Донед, ки баодобро ҳама дӯст медоранд ва ҳурмат менамоянд.

### ЛУҒАТ:

**Пазиред** - писандед, қабул кунед.
**Мунис** - ҳамдам.
**Бахри** - барои.

### СУПОРИШ:

Гуфтаҳои болоро бодиққат хонда мазмунашонро дар хотир нигоҳ доред.

## АДАБ

**Адаб тоҷест аз нури илоҳӣ,**
**Бинеҳ бар сар, бирав ҳар ҷо, ки хоҳӣ.**

Дар ин байт таъкид шудааст, ки АДАБ ҳамчун тоҷ аст ва он аз нури илоҳӣ офарида шудааст. Ба тарзи дигар онро Худованд аз нури худ ато карда ба моён фиристодааст.

Ҳар касе, ки аз ин кароматы Худованд баҳравар шуда метавонад, ба ҳар коре даст занад, бе душворӣ ба ҷо хоҳад овард.

Адаб чист? Адаб чӣ маъно дорад?

Одобнома чӣ?

Адаб дорои чунин маъноҳост:

**1.** Хулқи нек ва писандида, тавр ва равиши қобили таваҷҷӯҳ, хушхулқӣ.

**2.** Шарм, ҳаё, некӯтабиатӣ, покизагии табиат.

**3.** Илм, дониш, ҳунар.

**4.** Таълим, таъдиб, танбеҳ.

Дар бораи адаб шоирон суханони ҷолибе гуфтаанд.

Хусрав надида буд адаби рӯзгор ҳеҷ,
Инак зи ҳодисоти замонаш адаб расид.

**Хусрави Деҳлавӣ**

Ҳар кӣ дар хурдиаш адаб накунанд,
Дор бузургӣ фалоҳ аз ӯ бархост.

**Саъдии Шерозӣ**

Дар адаби дарси муаллим нигоҳ,
То нашавӣ таблаки таълимгоҳ.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

## ЛУҒАТ:

**Одобнома** - маънояш китоби адаб ё китоб дар бораи адаб аст.
**Қобили таваҷҷӯҳ** - қобили диққат.
**Таъдиб** - адабомӯзӣ, адаб додан, баъзан ба маънои ҷазодиҳӣ, ҷазо додан.
**Ҳодисоти замона** - ҳодисаҳои замона, ҳодисаҳои давр.
**Фалоҳ** - наҷот, растагорӣ, комёбӣ.
**Таблаки таълимгоҳ** - мавриди танбеҳ, ҷазо гардидан.
**Бигзида** - писандида.

## САВОЛҲО:

**1.** Адаб чӣ маъно доштааст?
**2.** Барори кори шахс вобаста ба чӣ будааст?

**СУПОРИШ:**

Байти Ҷомиро маънидод кунед.

Бачаҳои боадаби синфатонро номбар намоед ва хислатҳои некашонро баён кунед.

**Боадаб бошед, то ҳама шуморо дӯст доранд.**

## ОДОБИ НАКӮ

**АХЛОҚИ НЕКӮ АЗ ҲУРМАТУ ЭҲТИРОМИ ПАДАРУ МОДАР САРЧАШМА МЕГИРАД.**

Худои ғамхорамон гуфтааст, ки аввал ба ман ибодат кунед, сипас ба падару модар хизмат намоед. Дар ин маънӣ шоири бузург Ҹосири Хусрав ба мо чунин насиҳат кардааст:

Падарро ақл дону нафс модар,
Маёзор ин ду касро, эй бародар.

Бузургонамон хеле хуб гуфтаанд, ки "Одамро одам мекунад ё маърака, ё мадраса".

Алҳол, ки шумо хурдсол ҳастеду мактабхонед, ин ҷо дар мактаб, дар синф адаб омӯзед, дониш андӯзед.

Ҳурмати падару модарро ҳамеша ба ҷо оваред, зеро онҳо шуморо зиёдтар аз дилу ҷонашон дӯст доранд ва неъмату давлати асосиашон шумоед.

Матни зерро хонда ба чӣ қудрат доштани падару модар ва чӣ гуна ҷаҳду талош кардани эшонро баҳри фарзанд фаҳмида мегиред.

"Эй фарзанд! Меҳру муҳаббати худро ба падар ва модар нигоҳ дор. Агар нисбат ба падару модар муҳаббати худро аз даст диҳӣ, (гум кунӣ), Аллоҳ Таъоло аз ҳар гуна файзу баракат маҳрумат намояд.

Бо ҳаё, бо номус ва бо адаб будан ҳар вақт сабабгори ҳар гуна корҳои хайр гардад. Агар ҳамсояат туро хуб гӯяд, албатта ту хубӣ, агар бад гӯяд, бадӣ. Ба падар итоат кардан ба Аллоҳ Таъоло итоат кардан аст. Нофармонӣ ба падару модар, ин нофармонӣ нисбати Аллоҳ Таъоло аст".

Бачаҳои азиз! Бидонед, ки ҳамаи одамони бузург ва тамоми мардуми олам аз модар таваллуд шудаанд. Шоири бузург Саъдии Шерозӣ айёми кӯдакии хешро ба хотир оварда, пеш аз ҳама модарро ёд карда дар ҳаққи ӯ чунин мегӯяд:

Тифлию домони модар хуш биҳиште будааст,
Чун ба пои хеш гардидем, саргардон шудем.

Дар ин байт Саъдӣ давраи кӯдакӣ ва дар канори модар буданашро баъд аз чандин солҳо ба ёд овардааст. Ӯ оғӯши гарми модарашро ба биҳишт монанд кардааст. Аммо баъд аз он, ки ба воя мерасад, дар ҳаёт худро сарсону саргардон мебинад, бисёр афсӯс мехӯрад.

Саъдӣ модарашро дӯст дошта, суханони беҳтаринро дар ҳаққи ӯ гуфтааст. Модар, ки аз Саъдӣ розӣ будааст, ба фарзандаш дуои нек додааст. Ана ҳамон дуои неки модар сабаб шудаасту Саъдӣ зиёда аз сад сол умри пурбаракат дидааст. Беҳуда мардум: "умри Саъдиёна бинед" намегӯянд. Илоҳо ба шумо ҳам, азизон умри Саъдиёна насиб гардад. "Бидон, эй писар, ки хиради фарзанд дар ҳурмат ва нигоҳбонии худ ва асли худ, яъне падару модар, аст. Зеро онҳо аз баҳри ту хештанро ба куштан диҳанд. Он фарзанд, ки хирад раҳнамои ӯ бувад, аз меҳри падару модар холӣ нест. Зинҳор, эй писар, падару модарро хор мадор. Падару модар бунёдгузори некӣ ва нафси туанд. Агар ту дар ҳаққи эшон беҳурматӣ намоӣ, сазои ҳеҷ некӣ нестӣ...

Бо падару модари худ нек бош, то рӯзе фарзандонат низ бо ту накӯ бошанд. Зеро он ки аз ту зояд, ҳамон тамаъ дорад, ки аз падару модар дорӣ. Ба масал одамӣ ҳамчун мева аст ва падару модар ҳамчун дарахт. Ҳарчанд дарахтро нигоҳубин беш кунӣ, мева аз ӯ накӯтару беҳтар ёбӣ. Падару модарро ҳурмату шафқат бештар кун то ба хушнудии онҳо наздиктар бошӣ."

**Унсурулмаолии Кайковус**

### ЛУҒАТ:

**Хирад** - ақл, ҳуш, зеҳн.
**Хештанро** - худро.
**Зинҳор** - ҳаргиз.
**Сазои некӣ** - сазовори некӣ.
**Тамаъ дорад** - орзу дорад. **Шафқат** - меҳрубонӣ, дилсӯзӣ, ғамхорӣ.

## САВОЛҲО:

1. Хиради фарзанд аз чӣ иборат будааст?
2. Хор надоштани падару модар чӣ маъно дорад? Онро чӣ тавр мефаҳмед?
3. Чаро нависанда падару модарро чун дарахт ва фарзандро меваи он ҳисобидааст?

## СУПОРИШ:

Байтро хонда аз ёд кунед:

Ба олам аз ҳама болост модар,
Чароғи зиндагии мост модар.

## ХУШНУДИИ ПАДАРУ МОДАР

Падар дар оила шабу рӯз баҳри оромию осудагии хонадон мекӯшад. Падар чун насиҳатгар фарзандро ба ростию росткорӣ раҳнамоӣ мекунад. Саъдии Шерозӣ ба ин маънӣ панди хубе додааст:

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,
К - ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.

Оре, молу чизи падар дар ивази панду насиҳати вай дар ҳақиқат арзише надоранд. Бо ин мақсад кас агар хоҳад, ки дар зиндагӣ хушу осуда бошад, пеш аз ҳама панди падар бипазирад. Зеро:

Бо чашми адаб нигар падарро,
Аз гуфтаи ӯ мапеч сарро.

Таваҷҷӯҳ ба матни зер кунед, хонед, хулоса бароред:

“Шахсе гуфт: “Дар ҳолати ҷавонӣ аз Бағдод ба Шом рафтам ва тавофи мазорот кардам. Чун шаби бисту панҷуми моҳи Рамазон шуд, шахсеро дар хоб дидам, ки маро мегуфт: “Бархез ба зиёрати падару модар рав”. Чун аз хоб бедор шудам ният кардам, ки идро гузаронам, баъд меравам. Чун шаби бисту ҳафтуми Рамазон шуд

боз ҳамон шахсро дар хоб дидам, ки мегуфт: "Зуд бархез ба зиёрати падару модар рав ва агар на, ба ин ангушт ҳарду чашми туро кӯр хоҳам кард." Тарсону ҳаросон ва ларзон аз хоб бедор шудам. Манзил ба манзил рафта ба Бағдод расидам ва падару модари худро дидам ва тавоф кардам. Маро гуфтанд: "Эй писар, моҳи Рамазон сар ба хок ниҳодем ва дуо кардем, ки эй боре Худоё, як бор дидори он фарзандро ба мо рӯзӣ гардон." Чун шаби бисту ҳафтуми Рамазон шуд шахсеро ба хоб дидам, ки гуфт: "Фарзанди ту равон меояд". Гуфтам: "Эй модар, ҳамон шахс буд, ки маро аз хоб бедор кард". Баъд аз он чанд рӯз бигузашт модару падарам аз дунё бирафтанд. Матлаб ин аст то бидонӣ, ки дуои падару модар дар ҳаққи фарзанд мустаҷоб аст ва Расули Аллоҳ фармуданд, ки бо падару модари худ чӣ навъ муомила карда бошед, аз фарзанди худ ҳамонро чашмдор бошед."

**Аз "Дуррулаҷоиб"**

## ЛУҒАТ:

**Тавофи мазорот** - зиёрати мазорҳо.
**Мустаҷоб** - иҷобатшуда, қабулшуда (дар бораи дуо).
**Матлаб** - мақсад.

## САВОЛҲО:

1. Шахси аз Бағдод ба Шом рафта дар хобаш киро дид ва ба ӯ чӣ гуфт?
2. Чаро шаби бисту ҳафтуми рамазон он шахс такроран ба хоб даромадааст?
3. Таъкиди асосии он шахс чӣ буд ва дар акси ҳол чӣ таҳдид кард?
4. Падару модар ба писари худ чиҳо гуфтанд?

Азизон, кӯшед, то дуои неки падару модари худро гиред.
Байти зерро аз бар кунед:

Канору бари модари дилпазир,
Биҳиштест, ки пистон дар он ҷӯи шир.

Падару модари худро дӯст доред. Доимо дар хизмати модару падар тайёр бошед.

Бачаҳо, шумо нури чашми падару модар ҳастед. Ҳамеша кӯшиш кунед, то ҳурмату эҳтироми онҳоро ба ҷо оред. Дар хизматашон ҳамеша омода бошед. Зеро онҳо дар дилашон умеду орзуҳои ширин парварида, баҳри беосеб ба камол расиданатон талош мекунанд. Рӯзу шаб дар фикри онанд, ки мабодо азоб набинед. Худ гурусна монда, шуморо мехӯронанд ва мепӯшонанд. Алҳол, ки шумо хурдсол ҳастед, метавонед дастёри хуби падару модар бошеду ба гапашон гӯш диҳед ва чӣ супорише, ки ба шумо диҳанд, зуд иҷро намоед. Шумо, бачаҳо, ҳеҷ гоҳ ҳақ надоред, ки нисбати онҳо сухани неро истифода баред. Ба пурсишашон фақат бо калимаи "лаббай модарҷон", "лаббай падарҷон", "шуморо гӯш мекунам" – гӯён ҷавоб гардонед.

Акнун пандҳоро аз "Чаҳор китоб" бодиққат хонда, хулоса бароред.

## ДАР БАЁНИ ҲУРМАТИ ПАДАРУ МОДАР

Тоати ҳақро ба ҷон фармон кунӣ,
Баъд аз он бо волидайн эҳсон кунӣ.
Волидайн аз ҳар касе хушнуд шуд,
Он кас аз шоистаи маъбуд шуд,
Волидайн аз ҳар кӣ дар озор шуд,
Осӣ аст, аз ӯ Худо безор шуд.
Нафқаи модар – падар фарзандро,
Фарз гардидааст аз амри Худо.
Ҳар кӣ бо модар – падар эҳсон кунад,
Кори боғу ҷаннату ризвон кунад.
Хидмати эшон куну фармон бикаш,
Гар ба хидматгор дорӣ дастрас,
Чун сухан гӯӣ ба эшон нарм гӯй,
Бо ҳаёву рифқу ҳилму шарм гӯй.

**Фаридуддини Аттор**

## ЛУҒАТ:

**Тоат** - итоат, фармонбардорӣ.
**Волидайн** - падару модар.
**Эҳсон** - некӯӣ, лутфу марҳамат.
**Маъбуд** - парастишкардашуда.
**Осӣ** - гунаҳгор.
**Нафқа** - харҷи ҳаррӯза барои рӯзгор, чизе.
**Ризвон** - номи боғе дар биҳишт.
**Рифқу ҳилм** - нармӣ, лутф, меҳрубонӣ.

## САВОЛҲО:

1. Аввал тоати ҳақро чӣ бояд кард?
2. Эҳсонро бо киҳо боист раво дид?
3. Аз ранҷондану озор додани падару модар чаро фарзанд осӣ ҳукм мешудааст?
4. Нафқа ё худ ҳаққи падару модарро додан ба мо чӣ будааст?
5. Бо падару модар чӣ тавр муомила бояд кард?

Дар ду мисраи охир шоир таъкид кардааст, ки фарзанд бо падару модар бояд суханро бо мулоиматӣ ва бо шарму ҳаё гӯяд.

**Падару модар ризо – худо ризо**

# МОДАРХОНД

Баъзеҳо ғайр аз модари худ боз модари дуюм низ доранд. Яъне чӣ тавр? Масалан, баъзе кӯдаконро бо ягон сабабе зани дигаре бо шири худ маконида калон мекунад, ё парвариш намуда ба воя мерасонад. Ана ҳамин хел занро модари дуюм ё модархонд гӯянд. Чунин занро доя низ номанд.

Ҳамин маънӣ дар ёддошти адиби маъруф Расул Ғамзатов чунин баён ёфтааст:

"Пас аз ба дунё омадани ман дере нагузашта, падарам маҷбур мешаванд, ки барои хизмати муваққатӣ ба авули Арадерих кӯчида равад. Ӯ ба асп хӯрҷинро бор мекунад. Дар як чашми хӯрҷин лоқупари рӯзгор: сарулибос, бақияи орду талқон, равғану китоб бор карда, аз чашми дигараш сари ман намоён будааст.

Баъди ин роҳи пурмашаққат модарам касали сахт мешавад. Дар авули кӯчидарафтаи мо як зани бекасу бечорае ёфт мешавад, ки ба қарибӣ фарзандонаш вафот кардаанд. Он зани арадерихӣ маро сина медиҳад ва ба ҳамин васила модари дуюми ман ҳисоб мешавад. Инак, дар рӯи замин ду занест, ки ман дар назди ҳар дуи онҳо қарздорам. Чӣ қадар умр бинам, ба ин ду модар чӣ қадар некӣ бикунам, ҳаргиз қарзи худро адо карда наметавонам. Қарзи фарзандӣ поён надорад.

Аз ин ду зан яке модари ман, он ки маро ба дунё оварда аввалин бор дар сари гаҳвораам нишаста алла гуфтааст, дигаре ҳамчунин модари ман аст, он ки дар дами марг сина дода ба ман ҷони тоза бахшида, аз пайроҳаи мӯҳлики марг ба роҳи ҳаёт боз овардааст".

**Расул Ғамзатов**

## ЛУҒАТ:

**Арадерих** - номи деҳае дар Доғистон.

**Роҳи пурмашаққат** - роҳи пуразоб, роҳи душвор.

**Пайроҳаи мӯҳлик** - роҳи хавфнок, роҳи марговар, роҳи пурхатар.

## САВОЛҲО:

**1.** Падару модар бо писарашон ба куҷо мераванд?

**2.** Баъд чӣ воқеа рӯй медиҳад?

**3.** Зани бекасу бечора ба писарак чӣ некӣ кардааст?

**4.** Модари дуюмро боз чӣ меномидаанд?

**5.** Оё қарзи фарзандӣ поён дорад?

**6.** Чаро нависанда ду модар доштанашро борҳо таъкид кардааст?

## СУПОРИШ:

Матнро бодиққат хонда мазмунашро нақл кунед.

## ПАНД

Ҳурмати занон - модаронро ҳамеша ба ҷо оваред, зеро ҳамаи занон хоҳ худӣ бошанд ва хоҳ бегона, модар ҳисоб меёбанд. Дилҳои занон - модарон бисёр нозуканд. Онҳоро наранҷонед.

## МЕҲРИ ФАРЗАНД

Чӣ, гумон мекунед, ки танҳо падару модари мо нисбатамон ғамхорӣ мекунанд? Не, бачаҳо, ин тавр нест. Тамоми махлуқоти олам, яъне ҳайвонот ва парандагону ҳашаротҳо ҳам ба бачаҳояшон меҳрубонанд. Онҳо ҳам фарзандонашонро обу дон дода парвариш мекунанд, бачаҳояшонро бисёр-бисёр дӯст медоранд ва онҳоро аз ҳар гуна хавфу хатари беруна муҳофизат менамоянд. Агар лозим шавад, баҳри ҳимояю наҷоти бачаҳои худ ҳатто ҷонашонро дареғ намедоранд. Ҳамин маъниро дар ҳикояи зерин хоҳед хонд, ки чӣ тавр гунҷишкони беҳимоя ва нотавону хурдакак бо мори бадҳайбату бераҳм мубориза бурда, оқибат қасоси бачаҳояшонро меситонанд.

## ГУНҶИШКОН ВА МОРИ БЕРАҲМ

Ду гунҷишк дар сақфи хонае ошёна гирифта буданд. Вақте онҳо бача баровардан ва ҳар яки онҳо барои тарбияти фарзанд аз пайи хӯрок мерафтанд, он чӣ ба даст меоварданд, ба даҳони фарзандонашон мерехтанд. Рӯзе гунҷишки нар ба тарафи берун рафт. Вақте ки боз омад, гунҷишки модаро дид, ки бо изтироби тамом гирди ошёна мепарид ва фарёди сӯзнок мекашид. Гуфт: “Эй ёри нозанин, ин чӣ ҳаракат аст, ки ман аз ту мебинам?” Ӯ ҷавоб дод:

Мехалад дар синаам хоре, ки меборам сиришк,
Дар дили сӯзон ғаме дорам, ки оҳе мекашам!

– Чӣ гуна нанолам, ки як дам ғоиб шуда будам, омада дидам, ки мори бадҳайбате расида, қасди бачагони ман кард. Ҳарчанд зорӣ кардам ва гуфтам:

Агарчи ғолибӣ, аз душмани заиф битарс,
Ки тири оҳи саҳар бар нишона меояд!

Ба ҷое нарасид ва гуфт: “Оҳ дар оинаи тираи дили ман ҳеҷ асаре нахоҳад буд”. Гуфтам: “Аз он битарс, ки ману падари ин фарзандон агар камари интиқом бандем, шояд ки туро бикушем”. Мор бихандид ва гуфт:

Ҳарифе, ки ӯ шерро пай кунад,
Зи мисли туе оҷизӣ кай кунад?

Ман ба ҳеҷ навъ бо ӯ бас наомадам, фарёд мекунам, касе ба фарёди ман намерасад. Он золими ситамгора бачагонро хӯрдааст ва ҳам дар ошёна хуфтааст.

Гунҷишки нар ин суханро шунида аз фироқи фарзандон оташи ҳасрат дар ҷонаш афтод. Дар ин маҳал соҳиби хона чароғ мегиронад ва фатила ба равған олуда, даргиронда, дар даст медошт, мехост, ки ба чароғдон ниҳад. Гунҷишк парида рафту он фатиларо аз дасти ӯ бардошт ва ба даруни ошёна партофт. Соҳиби хона аз хавфи он ки мабодо сақф оташ гирад, дарҳол ба болои бом баромада зери ошёнаро холӣ сохт, то ки оташро кушад. Мор аз пеш шарари оташ дид ва аз боло овози метин шунид. Сар ба сӯрохие, ки ба тарафи бом дошт, берун кард. Баробари сарашро баровардан соҳиби хона бо метин сари ӯро пора кард.

**Аз "Калила ва Димна"**

## ЛУҒАТ:

**Тира** - торик.
**Хуфтааст** - хобидааст.
**Интиқом** - қасос.

## САВОЛҲО:

**1.** Ба гунҷишк чӣ воқеаи нохуш рӯй дод?
**2.** Гунҷишкак чаро гирёну нолон гашт?
**3.** Гунҷишк ба мор чӣ гуфт?
**4.** Мор худписандӣ карда чӣ ҷавоб дод?
**5.** Гунҷишки нар чӣ чора дид?
**6.** Мори бераҳму золим аз чӣ ба ҷазо гирифтор шуд?
**7.** Оқибати золимии мор ба чӣ анҷомид?

## ҲИКМАТ

Мӯрчагон агар иттифоқ шаванд, филро аз пай афтонанд.
Бадхоҳи касон ба мақсад нарасад,
То як бад накунад, ба худаш бад нарасад.

Дили падару модар нозук аст. Бачаҳо, оё шумо медонед, ки падару модар барои фарзанд ҷонашонро ҳам дареғ намедоранд, чунки фарзандашон як порчаи дилу ҷигари онҳо ҳисоб меёбад.

Падару модар на танҳо ба фарзанди нек, балки баҳри фарзанди баду нохалаф низ тайёранд ҷони ширинашонро бахшанд. Дар ин бора шоире бисёр хуб гуфтааст:

Фарзанд агар тӯдаи хокистар аст,
Нури ду чашми падару модар аст.

Модар тифлашро 9 моҳу нӯҳ рӯз дар шикамаш гардонида баъд таваллуд мекунад. Шабу рӯз сари гаҳвора нишаста тифлро зи шири покаш маконда аллагӯён калон мекунад. Мабодо фарзанд бетоб шуда монад, падару модар парешонхотир гашта, печу тоб хӯрда, ноороҳат мешаванд. Ба ин хотир Худои ғамхор амр кардааст, ки:

– Эй фарзандон, падару модарро иззату ҳурмат кунед. Ҳеҷ гоҳ аз гуфтаашон саркашӣ накунед. Зинҳор сӯяшон бо чашму рӯи хашмолуд нанигаред ва ҳатто ба эшон бо овози баланд гап назанед, ки гунаҳгор мешавед.

Шарафу обрӯи падару модар вобаста ба рафтору кирдори фарзандони онҳост. Яъне фарзанд агар баодоб бошад, волидайн аз ӯ меболанду мефахранд ва агар бад бошад, онҳо аз чунин фарзанди нохалаф дар азобанд, дар ранҷу ноосудагианд.

Дили падару модар нозук аст. Ба қадри дилҳои нозуки эшон бирасед, азизон!

Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст,
Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст..

Дар ҳаққи падару модар ҳакимону адибон суханони беҳтаринро гуфтаанд:

Падару модарро ғанимат дон.

**Луқмони Ҳаким**

**Савол:** - Некии муқаддамтар аз ҳама ба кӣ бояд кард?
**Ҷавоб:** - Дар ҳаққи падару модар.

**Савол:** - Хушнудии Худо ба чӣ ҳосил ояд?
**Ҷавоб:** - Ба хизматгории падару модар.

**Нӯшервони Одил ва Бузургмехр**

## ДОСТОНИ ЮСУФ

Бисёр афсӯс, ки дар баробари бачаҳои хуб боз кӯдаконе ҳам ҳастанд, ки падари худро бо суханони дурӯғ фиреб дода, ӯро оқибат ба ғаму кулфат гирифтор мекунанд. Чӣ тавре, ки аз мазмуни ҳикояти зерин бармеояд, бародарони калонӣ ба бародари хурдӣ хиёнат карда ӯро ба ғарибӣ ва мусофират гирифтор намуданд. Илова ба ин падари пирашонро ҳам ба ғаму андӯҳ мубтало сохтанд.

Ҳикояти зеринро хонда хулоса бароред ва рафтори бародарони бераҳмро нисбати фарзанди падар муҳокима кунед:

Аз сӯзи дили падар ҳазар бояд кард,
Аз кӯи ҷафои ӯ гузар бояд кард.
Гирам, ки ту фармондеҳи офоқ шавӣ,
Охир на ба фармони падар бояд кард.

Пайғамбар Яъқуб дувоздаҳ фарзанд дошт. Вай ҳама фарзандонашро дӯст медошт, аммо нисбат ба Юсуф меҳраш зиёдтар буд. Зеро Юсуф аз ҳама бародаронаш некрӯ ва хушахлоқ буда, падар тоқати ҷудоӣ аз дидори ӯ надошт. Дар байни фарзандони Яъқуб Юсуф ва бародари хурдиаш Бинёмин аз дигар модар буданд. Аз ин сабаб бародарон нисбат ба онҳо бо чашми ҳасад менигаристанд.

Яъқуб хоҳаре дошт. Рӯзе ӯ барои дидорбинӣ ба хонаи бародараш омад, аммо вақти рафтан Юсуфро бо худаш бурд, то ки ӯро ба воя расонад. Яъқуб омада зуд-зуд Юсуфро хабар мегирифт. Боре хост писарашро бо худ барад, лекин хоҳараш ҳилае сохт. Вай камарбанде (миёнбанде), ки аз бобоёнаш мерос монда буд, ноаён ба миёни Юсуф баст. Баъд овоза андохт, ки камарбандашро касе дуздидааст. Дар он замон одат чунин буд, ки агар соҳиби мол шахси дуздидаро ёбад, он дузд ғуломи он шахс мешуд. Хоҳари Юсуф камарбандашро аз Юсуф ёфту ӯро боз дар хонааш нигоҳ дошт. Ва танҳо пас аз он ки хоҳараш вафот ёфт, Яъқуб писари азизу дилбандашро ба хонааш овард ва хотираш осудаву хуррам гашт.

Юсуф, вақте ки ба синни дувоздаҳсолагӣ расид, ногоҳ дар шаби ҷумъа аз хоб бедор шуд. Падараш бо тааҷҷуб пурсид:

– Писарам, ба ту чӣ шуд?

Юсуф гуфт:

– Эй падар, ман дар хоб ёздаҳ ситора ва хуршеду моҳ дидам. Дидам, ки онҳо ба ман саҷда мекунанд.

Ин ёздаҳ ситора ба маънии ёздаҳ бародарони Юсуф ва хуршеду моҳ падару модараш буданд.

Падар таъкид кард, ки ин хобашро ба бародаронаш нагӯяд. Аммо ин хабар ба гӯши онҳо расида, оташи рашку ҳасадашонро бештар барафрӯхт. Онҳо хеле машварат карданд ва оқибат ба маслиҳат расиданд; ки ӯро дур бурда ба чоҳи сари роҳ партоянд.

Бародарон назди падар омаданд ва бо фиреб аз ӯ иҷозат гирифтанд, ки Юсуфро ба сайри дашту гул баранд. Онҳо Юсуфро гоҳ ба сар ва гоҳе ба дӯш нишонда аз шаҳр берун шуданд. Вақте ба ҷои хилват расиданд, ӯро ба замин партофтанду гуфтанд:

Куҷоанд он ёздаҳ ситора, ки ба ту саҷда кунанду туро аз дасти мо озод кунанд?

Корвоне аз назди чоҳ мегузашт. Вақти обгирӣ корвониён дар он ҷо Юсуфро диданд ва хостанд ӯро бо худ баранд. Аммо бародаронаш омада гуфтанд:

– Ин ғуломи мо, аммо гуреза аст. Аз мо тарсида худро дар чоҳ пинҳон кардааст. Мехоҳем ӯро фурӯшем.

Корвониён Юсуфро бо нархи арзон, ба 35 дирҳам харида ба тарафи Миср ҳаракат карданд.

Дар Миср байни мардуми шаҳр овозаи ғуломи зебову боҷамоле, ки корвон овардааст, паҳн гашт. Вазири Миср, ки Азиз ном дошт, аз ин овоза хабардор шуд. Вай ба бозор омаду аз соҳиби корвон Юсуфро харид. Вақте ӯро ба хона овард, ба занаш Зулайхо, ки ҳусни дилрабое дошт, чунин гуфт:

– Ин бандаро ба фарзандӣ гирифтам. Азбаски фарзанди дигар надорам, бояд ӯро мисли фарзанд нигоҳ дорӣ…

**ЛУҒАТ:**

**Мубтало** - гирифтор.

**САВОЛҲО:**

1. Яъқуб чаро Юсуфро нисбати дигар фарзандон зиёдтар дӯст медошт?
2. Юсуф чӣ гуна хоб дид ва падар аз ӯ чӣ хоҳиш кард?
3. Бародарон ба Юсуф чаро рашку ҳасад бурданд?
4. Онҳо Юсуфро ба чӣ ният ба сайри саҳро бурданд?
5. Акаҳои беинсоф нисбати Юсуф чӣ гуна муносибат карданд?
6. Юсуфро онҳо ба киҳо фурӯхтанд?
7. Азизи Миср ба занаш чӣ таъкид кард?

**СУПОРИШ:**

Аз рафтори ноҷавонмардонаи бародарони Юсуф шумо чӣ хулоса мебароред? Дар байни худ мубоҳиса ташкил кунед.

## ШАРМ НИШОНАИ АДАБ АСТ

Падару модар бароямон бисёр ҳам азизанд. Аз падару модар бузургтар барои фарзанд касе нест. Аз ин рӯ қарзи фарзандии мо, бачаҳо ин аст, ки ҳурмату эҳтироми ин бузургворонро ба ҷо орем. Бе ризоияти онҳо набояд кореро анҷом диҳем.

Бачаҳое ҳастанд, ки бо падару модар ва умуман ба калонсолон бошармона ва хеле боэҳтиёт сухан мегӯянд. Ҳангоми сӯҳбат ва ё ҷавоб додан ба Замин нигариста бо сари хам гап мезананд, ки ин ҳам нишонаи боадабист.

Азизон, ин лаҳза гиряю нолаи бачае ба ёдам меояд, ки падару модарашро гум карда буду гирякунон мегуфт: "Эй, кош падару модарам зинда мебуданду дасташонро ба сару рӯям гузошта як боракак сила мекарданд, ормонам набуд. Худоё! Ман ин қадар бадбахтам? Эй, кош ман мемурдаму онҳо зинда мемонданд! Худоҷон, ин чӣ рӯзи сахтест, ки ба сари мани бекас овардӣ?

Бубахшед маро падару модари бузургвор, шумо барои ман зиндаед!"

Мутаассифона,боз бачаҳое ҳастанд, ки нисбати падар бераҳманд ва ҳатто марги падари хеш талаб мекунанд.

Албатта, маро маъзур медоред, зеро ин фикрҳо на ба шумоён, балки ба баъзе бачаҳои синнашон калон дахл доранд. Ва ман боварӣ дорам, ки шумо ҳаргиз ба чунин пастию разилӣ роҳ нахоҳед дод.

Ба ҳамин мазмун, ки дар боло таъкид шуд, падари панду ахлоқ Саъдии Шерозӣ, ки зиёда аз 60 соли умрашро дар ғарибӣ ва сайру сафарҳо сарф кардааст, бо мардумони гуногуни олам вохӯрию сӯҳбатҳо оростааст, ҳикояте мекунад. Мақсади шоир аз он иборат аст, ки мо ин ҳикояти пандомезро хонда, ба чунин фарзанди нохалаф, ки нисбати падар бадхоҳӣ кардааст, нафрат хонем.

## ФАРЗАНДИ НОХАЛАФ

Меҳмони пире шудам дар Дарёбанд, ки моли фаровоне дошт ва фарзанде хубрӯй. Шабе ҳикоят кард, ки маро ба умри хеш ҷуз ин фарзанд набудааст. Дарахте дар ин водӣ зиёратгоҳ аст, ки мардумон ба ҳоҷат хостан он ҷо раванд. Шабҳои дароз дар пои он дарахт барҳақ бинолидаам, то маро ин фарзанд бахшидааст: “Шунидам, ки писар ба рафиқон оҳиста ҳамегуфт. Чӣ будӣ, гар ман он дарахт бидонистаме куҷост, то дуо кардамеву падар бимурдӣ”.

Хоҷа шодикунон, ки писарам оқил аст ва писар таъназанон, ки падар фартут.

Солҳо бар ту бигзарад, ки гузор
Накунӣ сӯи турбати падарат.
Ту барои падар чӣ кардӣ хайр?
То ҳамон чашм дорӣ аз писарат.

**Саъдии Шерозӣ**

### ЛУҒАТ:

**Дарёбанд** - номи шаҳр.
**Ҳоҷат хостан** - ниёзмандӣ хостан, зарурат хостан.
**Турбат** - хок, мақбара, гӯр.
**Фартут** - пир, барҷомонда.

### САВОЛҲО:

1. Пири дарёбандӣ ба Саъдӣ чӣ ҳикоят кардааст?
2. Пирамард чаро шукри фарзандашро мекард?
3. Баръакс фарзанд нисбати падараш чӣ нияте доштааст?
4. Шумо аз муносибати он пир ва фарзанди нохалаф чӣ хулоса мебароред?

**СУПОРИШ:**

Маънии ҳикоятро дар хотир гиред.

Пандро маънидод кунед:

Ҳар кӣ кунад, бо худ кунад,
Хоҳ бад кунад, хоҳ нек кунад.

Бачаҳои азиз! Шумо аз рафтори ин писари нохалаф чӣ хулоса баровардед, фикратонро баён кунед.

Ба чунин фарзанди бад чӣ бояд гуфт? Одам ғанимат аст. Аммо хайрият, боз фарзандоне низ ҳастанд, ки нисбати падару модар чунон меҳрубонанд, чунон дилсӯзанд, ки ҳамто надоранд. Чунин бачаҳо барои падару модар ҷонашонро ҳам дареғ намедоранд.

Номбардории оила, обрӯмандии падару модар ҳам ба фарзанди солеҳ вобаста аст. Дар оилае, ки бачаю духтар баодоб тарбия ёфтаанд, он оила оилаи хушбахт ба шумор меравад.

Агар кас хоҳад, ки аз умр баракат ёбад, пеш аз ҳама дили падару модарро хурсанд намояд, то онҳо аз ҷону дилашон аз шумо розӣ бошанд.

Ин мавзӯъро шоири бузург Эраҷ Мирзо чунин ба қалам додааст:

Бо модари хеш меҳрубон бош,
Омодаи хидматаш ба ҷон бош.
Бо чашми хирад нигар падарро,
Аз хизмати ӯ мапеч сарро...

Ин маънӣ дар ҳикояти зерин хеле хуб баён ёфтааст. Ана, ин аст қарзи фарзандӣ, одаму одамгарӣ, ин аст дилсӯзию меҳрубонӣ нисбати волидайни худ. Хонед, хулоса бароред, пайравӣ кунед.

**Одам ғанимат аст....**

Мероси падар хоҳӣ, илми падар омӯз,
К-ин моли падар харҷ тавон кард ба ду рӯз.

Зиндагӣ. Умри равон. Ҳар лаҳзаи ҳаёт. Оё мо ба қадри он мерасем? Оё гузарон ва бебозгашт будани онро медонем?

Падар, Модар. Ёру бародар. Оё медонем, ки онҳо чун ҳар нафаси зиндагӣ ба мо азизанд? Оё медонем, ки дар зиндагӣ "ҳар дам ғанимат аст, одам ғанимат аст?"...

Ин гуна ҳодисаҳоро дар синамоҳо медидам, аз китобҳо мехондаму ҳеҷ гоҳ бовариам намеомад. Вале он чӣ тавр ба сарам омад, намедонам.

Доимо дар ёдам мемонад, ки бо падар хурсанд будам, бо ӯ сари баланд доштам ва аз муаллимии ӯ фахр карда мегаштам. Дар дил чӣ орзуҳо мепарваридам бо номи ӯ.

Вале ҳайҳот... рӯзе расид, ки баъди кораш сари азизи падарамро аз хоки кӯча ба даст гирифтаму "Дадаҷон" - гӯён ҳамаро ҷамъ оварда бо ёрии ду-се ҳамсояҳо ҷасади ӯро ба хона овардам.

Он вақтҳо хурд будаму ғами зиёд надоштам. Аниқтараш, чӣ будани зиндагиро дуруст намефаҳмидам. Ҳоло бошад, ба ғам тоқат надорам.

Ёд дорам, ки падарам дар дарси адабиёт достони "Рустам ва Сӯҳроб"-и Абулқосим Фирдавсиро нақл мекарду беихтиёр мегирист ва намедонист, ки ӯ низ аз даҳ нафар фарзандаш бармаҳал ҷудо мешавад. Ӯ мегуфт, ки "кас аз имтиҳони ҳаёт наафтад"...

Торафт ҳаётро сарфаҳм мераваму ғамҳоям афзун мегарданд. Торафт бештар ҳис мекунам, ки бепадар будан чӣ мушкил аст. Падар офтобе будааст, ки зиндагиамонро нури гармӣ мебахшидааст. Ҳар сухану ҳар як кораш барои мо мушкилкушое будааст. Имрӯз ҳам панду насиҳат ва васиятҳои вай маро роҳи зиндагӣ нишон медиҳад...

Ман аз ин рӯ ба шумо, ҳамсолонам, мегӯям, ки ба қадри падару модар бирасед. Гуфтаҳои онҳоро азиз доред. Бояд бидонед, ки бо падару модар шумо чӣ сон давлатманд ҳастед.

## САВОЛҲО:

1. Ба сари фарзанд, ки падараш омӯзгор будааст, чӣ ҳодиса омад?
2. Бо падар оила чӣ гуна мешудаасту бе падар чӣ гуна?
3. Чаро сухани падар мушкилкушо будааст?

**СУПОРИШ:**

Дар бораи хислатҳои падари худ ба ҳамдигар нақл кунед.

**Падар бақои оила аст.**

Раҳмати Худо ба чунин фарзанд, ки падарашро ин қадар дӯст медоштааст, нисбати падар ин қадар меҳрубону дилсӯз будааст.

Биёед аз чунин фарзанди бодоб ва баору номус, соҳиби фаҳму фаросат ибрат гирему пайравӣ кунем, азизон!

Ҳарчанд Сикандари замонӣ,
Бе пир марав, ки дар бимонӣ.

**Ҳикмати халқ**

## ПИРОНРО ҲУРМАТ КУНЕМ

Бачаҳо, оё шумо медонед, ки пирон киҳоянд, чаро онҳоро пир меноманд?

Пирон шахсони рӯзгордида, ки шириниву талхии зиндагиро чашидаанд. Синну соли чунин касон, албатта хеле калон аст. Ба қатори пирону калонсолон бобою бобокалон, момою момокалон, аммаҳою амакҳо ва тағоҳою холаҳое, ки синну солашон калон аст, дохил мешаванд.

Бо ин мақсад баҳри иҷрои ин ё он коре, сафаре, пеш аз ҳама, дуои падару модар ва баъд пиронро гирифтан зарур аст. Яъне бобарории кори мо бо ризогии ин бузургон вобаста аст. Ин мазмун дар шеъри боло, ки хондед, хеле хуб таъкид ёфтааст.

Махсусан дар муомила бо пирону калонсолон бояд эҳтиёт кард, чунки дилашон хеле нозук аст. Онҳо аз муносибати нохуб ва рафтори беҷои кас зуд меранҷанд. Агар мабодо ранҷанд, онҳоро хурсанд кардан бисёр мушкил аст, зеро:

Дил, ки ранҷид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст,
Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.

– гуфтаанд, бузургонамон.

Ба одамони пиру барҷомонда, бекасу кӯй ва дастнигар мадад расондан кори хайр ва савоб аст. Аз ҳолу аҳволи чунин касон сари ҳар чанд вақт пурсон шудан хислати бачаи баодоб аст. Иншоаллоҳ чунин бача аз умраш баракат меёбад ва хушию хурсандӣ насибаш мегардад. Хусусан, душвор аст ба он касоне, ки фарзанди худро бе ному нишон гум кардаанд, ё талаф додаанд. Баъзеҳо ҳоло ҳам бо чашми чор сӯи дар интизории фарзанди ҷигарбанд мекашанд.

Шабу рӯз аз Худованд илтиҷо мекунанд, ки фарзандашон баргардад.

Ҳамин тавр, бачаҳои азизу меҳрубон ба пирону калонсолон, мӯйсафедон ва корафтодагон хушмуомила бошед, пурсон шудани аҳволашонро аз хотир набароред. Агар тавонед, ба онҳо мадад кунед. Ҳамин маънӣ дар матни зер хеле хуб баён ёфтааст.

Хонед. Хулоса бароред. Амал кунед:

## МОМОИ ТАНҲО

Аз шишаи панҷара
Ду чашми чор метобад.
Дар ин рӯзи боронӣ
Момо киро мекобад?
Шояд, ки роҳи туро
Пояд момои Сарвар?
Сипарӣ шуда ҳама
Солҳо чу турнаҳо,

Аммо соли сиву ҳафт
Ба ҷони ӯ шуд бало.
Яккаву танҳо мондаст,
Сараш сахт аст ин қадар!
Гӯшаш ба садои по,
Чашмаш ба ҳалқаи дар.
Ҳамчу беди сари роҳ,
Сар то ба по меларзад...

**Гулчехра Сулаймонова**

## САВОЛҲО:

1. Чашми момо ба кӣ чор аст?
2. Момои Сарвар чӣ ҳол доштааст?
3. Ба сари момо чӣ мусибат омадаст?
4. Момо роҳи киро мепояд ва чӣ умед дорад?
5. Момои Сарвар мӯҳтоҷи кист, ба ӯ чӣ лозим аст?
6. Оё дар кӯчаю маҳаллаи шумо чунин одамони бекас ёфт мешаванд?

Бачаҳо, одамони бесоҳиб ва пиру барҷомандаро ҷустуҷӯ карда ёбед ва ба онҳо ба қадри имкон ёрӣ диҳед. Дилбардорӣ карда, суханони хуш гӯед. Аз ҳолу аҳволашон ҳамеша пурсон шавед, кори хайреро ба ҷо меоред.

## ҚАДР КУНӢ, ҚАДР БИНӢ

Азизон, дар муомила ба пирон боэҳтиёт бошед. Дар пеши онҳо доду фарёд кардан ҳам нишонаи беодобист. Хушмуомила будани бача ба ҳама касон мақбул аст.

## ЁДДОШТ

Дар деҳаи мо ду писарча зиндагӣ мекарданд, ки номи яке Одил, номи дигаре Қобил буд. Аз рӯи шунидам ин бачаҳоро ҳама мардум дӯст медошт ва таърифу тавсифашон вирди забонҳо буд. Рости гап, то ин вақт бо Одилу Қобил вонахӯрда будам.

Рӯзе гузарам ба Хирманҷой, ки дар маркази деҳа буд, афтид. Ногоҳ ду писарбача ва дар наздашон як мӯйсафеди нурониеро дидам, ки дам мегирифт. Бачаҳо дар назди он пир рост меистоданду суханони он мӯйсафедро бодиққат гӯш мекарданд.

Ман, ки аз назди онҳо мегузаштам, он ду писарак якбора дастҳоро пеши бар гирифта ба ман салом доданд. Ман ҳам ҷавоби салом гардондаму боракалло, бачаҳои дӯстрӯй гуфтам.

Ногаҳон он пири нуронӣ бо ишораи даст маро наздаш хонду гуфт: "Ҳазор раҳмат ба ин писарон, ки мани пирро то ин ҷо гусел карданд, ин борамро (ӯ халтаеро ба ман нишон дод) бардошта ба ин ҷо оварданд. Сад ташаккур ба падарону модарони ин фарзандони нек, ки ба мани мӯйсафед ёрӣ доданд, илоҳо ин бачаҳо аз умрашон барака ёбанд ва монанди ман умри дароз бинанду онҳоро низ дар пириашон ҳурмат намоянд", – гуфта даст ба дуо бардошт. Ман ҳам пайравӣ карда даст бардоштаму "Илоҳо ин бачаҳо ҳар орзую умеде дошта бошанд, ба мақсадашон бирасанд", – гӯён илова кардам.

Оре, ҳазору як ташаккур ба волидайни ин бачаҳои нек, ки фарзандони баодобу бамаънӣ тарбия карда одоб омӯхтанд. "Некӣ кунӣ, некӣ бинӣ", гуфтааст халқи бузургвори мо.

## ШАРМ БОДАТ, ЭЙ ҶАВОН!

Дар ивази некӣ аз пирону калонсолон чӣ мегирем? Албатта, дуои нек.

Лек, ҳайҳот боз бачаҳое низ будаанд, ки ҳатто падари пирашонро ҳам азобу фиреб медодаанд. Чӣ, магар бовар намекунед? Ҳангоме ки ёддошти зеринро мехонед, албатта, ба ин гуфтаҳо боварӣ ҳосил мекунед. Бачаҳо, акнун худатон хонда хулоса бароред, ки магар чунин муносибати ғайри инсонӣ нисбати падари пир оё аз рӯи инсоф аст? Худатон ҳукм бароред.

"Рӯзе қадам ба пеш мегузоштам ва бо дидаи ибрат ба атрофиён назар доштам. Пирамарде ба сояи дарахте нишаста, осуда нафас мегирифт. Ҷавоне аз назди ӯ мегузашт. Пирамард ба ӯ рӯ овард:

"Нури чашми падар, мегӯянд, ки ба шаҳрамон мутрибон, ҳофизон, раққосаҳои хушхиром ва гӯяндагони некӯпаём омадаанд ва ин бегоҳ намоиш медодаанд. Хӯшо, ҳамроҳ мерафтем?"

Ҷавонро рӯй турш шуд, чинҳои абрӯвону ҷабинаш бифузуд ва дар ҷавоб изҳор намуд:

- Бузургворо, пир шудаед ва тарки ҷавонӣ бинамоед, ки пиронро кунҷи ором ва оромии бардавом хуш бошад, на тамошову таманно ва на дидани ҳофизу бишнидани тараби мутрибони хушнаво! Беҳтар он аст, ки бихобед ва аз ин ҳарфи фарзанд рӯй натобед!

Аз шунидани сухани фарзанд падарро рӯй турш шуда, чеҳрааш малул гардид.

Ҳайфо, ки ҷавон дар ҷавоби гуфтори падар таҳаммул нанамуд ва ҳарфи беҷо бигуфт.

Вай тасаввур надошт, ки Носири Хусрав фармудааст:

Ба пирони забун кун дастгирӣ,
Ки дар пирӣ бидонӣ қадри пирӣ."

**Разиюлло Абдуллозода**

### ЛУҒАТ:

**Қабеҳ** - зишт, нозеб, нописанд, бад, ганда.
**Гӯяндагони некӯпаём** - гӯяндагони хушхабар, хушгӯй.
**Таманно** - хоҳиш, орзу, умед, илтимос.
**Тараб** - шодмонӣ, шодӣ, хурсандӣ, хушнудӣ.
**Таҳаммул** - андеша, фикр, мулоҳиза.
**Забун** - нотавон, заиф, суст.

**САВОЛҲО:**

**1.** Бачаҳо, шумо аз хондани ҳикоя чӣ хулоса баровардед?

**2.** Гӯед, ки суханони ноҷои писар нисбати падари пир магар аз рӯи одобанд?

**СУПОРИШ:**

Байтро хонда мазмунашро бо рафтори он писари беинсоф муқоиса кунед ва фикратонро ба якдигар баён созед.

Падар дар кӯдакӣ бо шавқи дил дасти писар гирад,
Ба умеде, ки дар пирӣ писар дасти падар гирад.

**Тошхоҷа Асирӣ**

## ПИРОН ШОИСТАИ ҲУРМАТИ ШУМО!

Пирону калонсолон шоистаи ҳурмат ва эҳтироманд. Калонсолон гуфта киҳоро меноманд? Калонсолон онҳое мебошанд, ки синну соли зиёд дошта таҷрибаи зиндагӣ дидаанду талхию ширини ҳаёт чашидаанд. Агар онҳо аз шумо чизеро пурсон шаванд, албатта, ба пурсиши онҳо бо мулоиматӣ ва хушсуханию ширинзабонӣ бояд посух дод. Зеро дар дунё ҳеҷ чиз чун муомилаи хуб ин қадар қадри баланд надорад. "Ҷавонеро падару модари пир будаанд. Нодорию бечорагӣ онҳоро заифу лоғар ва бемадор сохта буд.

Писари меҳнатдӯст ва фораме онҳоро дӯст медошт. Ҳезумкашӣ мекард. Бо ин даромадаш ҳаёти онҳоро осуда ва табъшонро баланд месохт.

Ҳезумаш боре дар бозор ба фурӯш нарафт, маҳзун ва малул шуд. Чорае бояд ёфт. Каме орди ҷав ва шир харида, ба хона меояд, ки онҳо аз ғояти гурустагӣ сар ба болини қаноат ниҳода, хобидаанд ва хоби ширин он ҳар дуро сахт ба оғӯш кашидааст. Ҷавон аз ширу орд ду коса атола пухта ба сари болини онҳо меояд, ки ҳанӯз хобанд: "Агар бедор кунам, шояд дилашон ранҷад. Охир, гушнаанд". Бо чунин фикр косаи атоларо дар даст дошта, то субҳдам ба сари болинашон рост истод, то ба хоби ширини онҳо халал нарасад. Онҳо аз хоб чашм кушода ҷавонро болои сар бо косаи атола мебинанд. Ба ҳаяҷон меоянд, ашки шодӣ мерезанд:

– Эй нури чашм! Мо – пиронро азиз дошта, чун шамъи фурӯзон болои сари мо истода шабро рӯз кардӣ, илоҳо аз умрат баракат ёбӣ, дарди сара набинӣ, сарбаланду ба обрӯ бошӣ…”

**Аз “Футувватномаи Султонӣ”**

## ЛУҒАТ:

**Посух** - ҷавоб.

**Лоғар** - хароб, камгӯшт.

## САВОЛҲО:

1. Писар ба чӣ касб машғул будааст?
2. Ҷавон барои наҷот додани пирон аз гуруснагӣ чӣ тадбир меандешад?
3. Магар косаро бо хӯрокаш то рӯз дошта рост истодан осон буд?
4. Агар зарур шавад, оё шумо ҳам чунин рафтор мекунед?

## СУПОРИШ:

Сархати охири матнро такроран хонда аз ёд кунед.

Кӯшед, то шумо ҳам сазовори чунин дуои нек гардед.

Дар ҷавонӣ дор пиронро азиз,
То азизи дигарон гардӣ ту низ.

**Фаридуддини Аттор**

Дил, ки ранҷид аз касе, хурсанд кардан мушкил аст…

Кӯш, то диле ба даст орӣ!

Биёед боз ба суханони нек гӯш диҳем, ки дар ҳаққи пирон чиҳо гуфта шудааст ва ин суханони сеҳрангез моро ба чӣ ҳидоят менамоянд.

Дили пирон чун обгинаи шаффоф нозук мешавад. Ин обгинаро бо санги гуфтори нохуш набояд шикаста ба нола овард. Ҳеҷ кори шар ба ранҷонидани дил ва ҳеҷ амали хайр ба дилёбӣ баробар набошанд:

Санги роҳи худ шуморад Каъбаву бутхонаро,
Ҳар кӣ чун Бедил тавофи каъбаи дилҳо кунад.

**Мирзо Абдулқодири Бедил**

Бачаи доно ва баодоб саъй бар он намояд, ки бо ҳарфи хуш ва бо амали нек дили пиронро ба даст орад.

Дили пирозор якумр озор бинад ва сар аз ҷайби хоки сияҳу пурхори мазаммату маломати мардум бурун наорад.

Бачаи қадрдону қадршиноси пирон ҳамеша бо қадр монад ва халқ ӯро чун гавҳараки чашми хеш азиз донад.

Аз пирон қадам пеш гузоштан, ҳангоми гуфтор сухани онҳоро буридан эҳтиромашонро ба ҷо наовардан, ба эшон ҷои нишаст надодан, пир пиндоштан ва онҳоро қадр нанамудан норавою беадабист...

Дар вохӯрӣ бо куҳансолон сари таъзим фуруд ор ва ба онҳо салом бидеҳ, танҳо бо амри онҳо роҳ пеш гир!

**Аз "Футувватномаи Султонӣ"**

## ЛУҒАТ:

**Ҳидоят** - раҳнамоӣ, роҳбарӣ.

**Шарр** - бад.

## САВОЛҲО:

1. Дили пирон чӣ гуна будааст?
2. Дилозорӣ хислати кист?
3. Дар муомила бо пирону калонсолон чӣ гуна рафтор бояд кард?

## ДИЛ БА ДАСТ ОВАР, КИ ҲАҶҶИ АКБАР АСТ...

...Пири соҳибтадбиреро ҳама ҳурмат мекарданд ва дар байни пиру барно дорои иззату эҳтиром буд.

Ҳанӯз асрори ин сир маро маълум набуд. Дар роҳ пирамардеро бидидам, ки ӯ ҳамнишини қарини он соҳибтадбир аст. Он чӣ маро ноором мекард, аз ӯ бипурсидам ва ӯ ҷавоб гуфт:

– Мо ҳар ду дар хурдсолӣ ва ҷавонӣ бо ҳам будем. Аммаи солхӯрдаи ӯро на ҳамсаре буд ва на фарзанде. Қаландарвор умр ба сар мебурд. Ӯ ҳамеша аз ҳоли аммаи худ хабар мегирифт, парастори ягонаи он пиразан буд. Аммаашро мехӯронду мепӯшонд ва иззату эҳтироми пирии ӯро ба ҷо меовард.

Мардум ин ҷавонро ситоиш мекард. Чун ин нақлро бишнидам фаҳмидам, ки иззату эҳтироми мардум самараи ниҳоли биншондаи худи ӯ будааст.

Ҳар кучо ба пирон чой дода, аз дасти эшон борро гирифта, ба онҳо кӯмак расондан, бо ёрии маънавӣ дили боэҳтиросашонро шод гардонидан, аз ҳолашон бохабар шудан, бо дили гарму бо ҳарфи нарм ба онҳо дилдорӣ намудан яке аз беҳтарин хислатҳои ҷавонист ва тарку фаромӯши он нанамоед.

**Разиюлло Абдуллозода**

**САВОЛҲО:**

1. Сазовори ҳурмат гаштани пир дар чӣ будааст?
2. Пир ба аммааш чӣ гуна муомила мекард?
3. Чаро ҷавон лоиқи таърифу тавсифи мардум гашт?
4. Натиҷаи некӣ ба айёми пирии ҷавон чӣ бахшид?

Ба пирон доимо ёрирасон бош,
Чу пайванду паноҳи ҷонашон бош!

## ҲУРМАТИ ХУРДСОЛОН

Хурдсолон киҳоянд ва чаро онҳоро хурдсол меноманд?

Ҳама бачагонеро, ки синнашон мисли шумоён хурд аст, онҳоро хурдсол меноманд. Ба қатори хурдсолон додарону хоҳарони шумо, фарзандони ҳамсояҳо ва ҳамаи бачаҳои кишварамон шомиланд. Пас маълум мешавад, ки онҳо хоҳ худӣ бошанду хоҳ бегона, хоҳ шиносу хоҳ ношинос, ҳатто аз миллатҳои дигар ҳам ҳамаатон баробаред ва сазовори иззату икроми якдигаред.

Ҳар яки шумо набояд танҳо бо хоҳару додари худ меҳрубон бошед. Не, ҳаргиз ин тавр рафтор накунед. Ҳама бачаҳоеро, ки дар синну сол аз шумо хурданд, меҳрубонӣ кунед ва ҳаргиз озор надиҳед. Ин аст нишонаи одаму одамгарӣ ва хислати бачаи тарбиядида. Дар ин бора Саъдии бузург хеле хуб гуфтааст:

Ёд дорӣ, ки вақти зодани ту,
Ҳама хандон буданду ту гирён?
Он чунон зӣ, ки баъди рафтани ту,
Ҳама гирён шаванду ту хандон!

Дар шеъри мазкур гуфта шудааст, ки албатта, ту надонӣ, ки ҳангоми таваллуд шуданат атрофиён, махсусан падару модар ашки шодӣ мерехтанд, аммо ту бошӣ бехабар аз ба дунёи равшан омаданат, гиря мекардӣ. Аммо вақте ки калон шуда ба воя мерасӣ, тавре зиндагӣ кун, ки бо рафтору гуфтор ва кори некат ба дили мардум роҳ ёбӣ. Модоме ки одамон туро дӯст доштанд, баъди аз ин ҷаҳон рафтанат, онҳо албатта ашк рехта, бисёр афсӯс мехӯранд, ба некӣ ёдат мекунанд ва дар дили мардум зинда мемонӣ.

Чун номат, ки дар дилу забони халқ ба некӣ монд, ту ҷовидон зинда хоҳӣ буд. Баръакс агар номат бад шавад, туро ба бадӣ ном мебаранд, ки аз ин бадтар барои кас чизе нест.

## АЗ ХУРДОН ХАТО – АЗ БУЗУРГОН АТО

Бачаҳо! Ҳеҷ гоҳ аз пайи ранҷондани касе нашавед. Агар фикру андеша накарда касеро озор диҳед ва таҳқир созед, он вақт, албатта, каси дигар шуморо меранҷонад ва пушаймон мешавед, вале пушаймонӣ суде надорад.

Баъзан аз хурдон хатоӣ рӯй додан ҳам мумкин аст. Дар ин ҳолат метавонед онҳоро авф кунед, яъне бубахшед. Дар ин бора халқ чунин мақол дорад: "Аз хурдон лағжиш, аз бузургон бахшиш".

Одина ном писарча бо ҷӯраҳояш машғули бозӣ будааст. Ногаҳон пояш маҷрӯҳ мегардад. Одил, ки шоҳиди ин воқеа буд, зуд ба ёрии Одина шитофт. Ӯ дасти Одинаро гирифта бардошт ва чангу хоки либосҳояшро афшонда гуфт: "Ҳеҷ гап не, ҷӯраҷон, бозӣ ки кардӣ, гоҳо меафтӣ!"

Аммо Саид, ки ҳамроҳи бачаҳо бозӣ мекард, чунин изҳор кард: Чӣ, магар худаш аз ҷояш хеста наметавонад, пир шудааст, магар, ки ту ба ӯ ёрӣ медиҳӣ!?

- Гап дар ин не, ошноҷон! Одина аз мо хурдтар аст, мо бояд ба ӯ ёрӣ расонем. Чӣ, ту магар нашунидаӣ, ки Саъдии Шерозӣ гуфтааст:

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳоливу дармондагӣ.

Биёед ба чунин писари дилсӯзу меҳрубон, ки ба рафиқаш дасти ёрӣ дароз кардааст, пайравӣ кунем ва ба ӯ офарин гӯем:

– Одилҷон, ба ту Офарин, офарин, офарин!

Аммо ба Саид, ки нисбати дӯсташ Одина нияти бад доштааст ва ӯро бо захми забонаш озор дода ранҷонидааст, ҳайфи ту гуфта, ӯро бадхоҳи хурдсолон эълон намоем.

Саид: ҳайфи ту, ҳайфи ту, ҳайфи ту!

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ ЯКУМ

**1.** Мо, ҳама, хоҳ хурд ва хоҳ калон аз падару модар ба дунё омадаем. Аз ин сабаб месазад, ки эшонро иззату ҳурмат ва эҳтиром кунем. Бе иҷозат ва розигию маслиҳати онҳо ҳеҷ кореро иҷро накунем. Бе иҷозати ин қиблагоҳҳо ҳатто ба сафару саёҳат ҳам наравем.

**2**. Агар кас ба падару модар некӣ кунад, қадрашонро донад ва шабу рӯз дар хизматашон бошаду дуои некашонро гирад, ҳеҷ гоҳ хор намешавад ва аз умр баракат ёфта, зиндагии осудаҳолона мебинад. Хоки пояшонро ба чашм тутиё бояд кард.

**3.** Падару модар фарзандро таваллуд карда, хоби шабашонро ҳаром карда, кӯдакро калон мекунанд. Ба чӣ умед? Ба умеди он, ки дар пирӣ фарзанд калон шаваду қадрашонро донад ва ёрии моддӣ расонад, нигоҳубин кунад. Агар ҳамин гуфтаҳоро шумо, бачаҳо, иҷро кунед, худо хоҳад, ба мақсад мерасед ва умратон ба шодмонӣ мегузарад.

**4.** Пиронро азиз доред ва онҳоро ҳам эҳтиром кунед. Дили пирон хеле нозук аст. Кӯшед, то дили онҳоро озор надиҳед ва чӣ қадар аз дастатон ояд, ба онҳо ёрию мадад расонед. Пирон оинаи ҳаётанд ва шоҳиди айёми гузаштаанд. Ҳурмат кунед, ҳурмат мебинед. Аз пирон дуои нек гиред, то ба пирӣ расед.

**5.** Хурдсолон нисбати шумо, бачаҳо, алҳол камқувват ва камақланд. Мумкин аст баъзан аз онҳо хатоӣ рӯй диҳад. Шумо онҳоро бубахшед, гузашт кунед, дасташонро гиред ва ёрмандӣ намоед. Ба ёд оред, ки шумо ҳам хурд будед ва чӣ гуна рафтор мекардед, чӣ камбудӣ доштед, акнун ки калон шудед, хурдсолонро ҳурмат кунед, чунки онҳо мӯҳтоҷи ёрии шумоянд.

## ҲУРМАТИ МЕҲМОН
## ВА ОДОБИ МЕҲМОНДОРӢ

Меҳмон кист ва калимаҳои ба меҳмон дахлдор чӣ маъно, доранд, бояд ҳар яки мо донем.

Меҳмон касе, ки соҳиби хона ӯро пазирой мекунад.

Ба хони ошиқи мискин агар меҳмон расад ҷонон,
Кабоб аз сина, об аз дида, ширинтар зи ҷон бошад.

**Камоли Хуҷандӣ**

Меҳмони туфайлӣ касе, ки бе даъвати соҳиби хона ба каси даъватшуда ҳамроҳ гашта ба меҳмонӣ меравад.

Таваҷҷӯҳ бештар аз ошиқон бо булҳавас дорад,
Каримон дӯсттар доранд меҳмони туфайлиро.

**Соиб**

Мизбон – соҳиби хона.

Меҳмонпазир – пазирандаи меҳмон, мизбон, соҳиби хона.

Ҳар кӣ омад, лаҷомгир шуданд,
Ба худаш меҳмонпазир шуданд.

**Низомии Ганҷавӣ**

Меҳмонпараст – меҳмондӯст.
Ба рамз андарун жанданил аст маст,
Ба базм андарун моҳи меҳмонпараст.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

Меҳмонсарой – меҳмонхона.
Намурд он, ки монад пас аз вай ба ҷой,
Пулу биркаву хону меҳмонсарой.

**Саъдии Шерозӣ**

## МЕҲМОНАТ ГАР ШАВАНД, ПИНҲОН МАШАВ

Расму русуми меҳмонию меҳмондорӣ дар байни халқи тоҷик ҳанӯз аз замонҳои хеле қадим идома дорад. Аз ин рӯ мардуми мо

ҳамчун халқи меҳмондӯсту меҳмоннавоз дар байни халқҳои ҷаҳон маълуму машҳур гаштааст.

Меҳмонию меҳмондорӣ қоидаҳои худро дошта, он иззату икроми бисёреро талаб мекунад. Аз ин хотир нисбати меҳмон ва қабули он лутфу марҳамати зиёдеро анҷом бояд дод.

Меҳмон аслан ду хел мешавад. Якум он меҳмоне, ки ӯро мизбон шахсан даъват кардааст. Ва мумкин аст ба қабули он соҳибхона қаблан тайёрӣ ҳам дида бошад.

Ба ин хотир то омадани меҳмони даъватшуда мизбон интизорӣ низ мекашад.

Дуюм, он меҳмоне, ки ногаҳон ва тамоман бехабар меояд ва маълум аст, ки соҳибхона аз ташрифи он хабаре надорад. Чунин меҳмонро меҳмони Худо низ гӯянд.

Яъне чунин меҳмонро гӯё Худованд худ ба хонаи шумо фиристодааст.

Гоҳо шахсони тамоман бегона, яъне мусофирон ҳам тасодуфан меҳмон мешаванд, ки набояд боиси малоли хотир гардад. Онҳо мумкин ё аз деҳа ё аз шаҳру ноҳияи дигаранд. Шояд роҳи меҳмонхонаро наёфтаанд ва ё нишонии хонаи хешовандашонро гум карданд. Бачаҳо ҳеҷ гоҳ чунин мусофиронро аз дари хонаатон наронед. Зеро онҳо на ба хонаи каси дигар, балки ба хонаи шумо рӯ овардаанд.

Чилимро тоза кун баҳри мусофир,
Ки имшаб ин ҷову фардо куҷоем.

## ЛУҒАТ:

**Идома** - давом.
**Лутф** - меҳрубонӣ.
**Карам** - саховат, ҳиммат, кушодадастӣ.
**Ташриф** - омадан.
**Даргоҳ** - дамгаҳи дар, остонаи дар, ҳавлӣ, хона.

## САВОЛҲО:

**1.** Меҳмондорӣ аз кай боз давом дорад?
**2.** Халқи тоҷик дар кадом бобат машҳур гаштааст?
**3.** Меҳмон чанд хел мешудааст?
**4.** Агар шахси бегона ё мусофир меҳмон шавад, чӣ бояд кард?

**СУПОРИШ:**

Меҳмонро бо хурсандию хушҳолӣ ва хушӣ пешвоз гиред, то шуморо низ ҳамин тавр истиқбол кунанд.

## ДАР ФАЗИЛАТИ МЕҲМОН

Эй бародар, меҳмонро нек дор,
Ҳаст меҳмон аз атои кирдигор.
Меҳмон рӯзӣ зи худ меоварад,
Пас гуноҳи мизбонро мебарад.
Ҳар киро ҷаббор дорад душманаш,
Боз дорад меҳмон аз масканаш.
Мӯъмине, к-ӯ дошт меҳмонро накӯ,
Ҳақ кушояд оби раҳматро бар ӯ...
Ҳар кӣ меҳмонро ба рӯи тоза дид,
Аз Худо алтофи беандоза дид.
Аз такаллуф дур бош, эй мизбон,
То геронӣ набвадат аз меҳмон.
Меҳмонро, эй писар, эъзоз кун,
Гар бувад кофир бар ӯ дар боз кун
Ҳаст меҳмон аз атоҳои Карим,
Ҳар кӣ з-ӯ пинҳон шавад, бошад лаим.
Маърифат дорӣ, гиреҳ бар зар мабанд,
Чун расад меҳмон ба рӯяш дар мабанд.
Ҳар кӣ меҳмонро гиромӣ мекунад,
Кӯшише дар некномӣ мекунад.
Ҳар кӣ меҳмонат шавад, ар хосу ом
Пеши ӯ мебояд овардан таом.
З-он чӣ дорӣ андаку беш, эй писар,
Бурд бояд пеши ӯяш, эй писар.
Нон бидеҳ бар зоеъон бахри худой.
То диҳандат дар биҳишти адн ҷой...

**Аз "Чаҳор китоб"**

**ЛУҒАТ:**

**Ато** - бахшиш, инъом, лутфу эҳсон.
**Фазилат** - бартарӣ, хубӣ, афзалият, болотарӣ.

**Кирдигор** - Худо.
**Мизбон** - соҳибхона.
**Ҷаббор** - номи Парвардигор.
**Алтофи беандоза** - лутфи беандоза, марҳамати зиёд.
**Эъзоз** - аҳамияти махсус додан ба чизе.
**Такаллуф** - таклиф, даъват.
**Дар боз кун** - дарро кушо.
**Лаим** - нокас, фурӯмоя, паст, сифла.
**Зоеъон** - гуруснаҳо, мӯҳтоҷон.
**Биҳишти адн** - ҷаннат.

## САВОЛҲО:

1. Меҳмон атои кӣ будааст?
2. Оё медонед, ки меҳмон бо худ рӯзӣ оварда, пас гуноҳи соҳибхонаро мебурдааст?
3. Касе, ки меҳмонро аз дар меронад, душмани кӣ будааст ва ба шахси меҳмонро азиздошта Худованд чӣ мекунонидааст?
4. Шахси аз меҳмон пинҳоншударо чӣ меноманд?

## ҲИКМАТ

Он чӣ аз тару хушк дорӣ, агар баҳри меҳмон муҳайё созӣ, Худо боз баракати хонаро зиёдтар мекунад.

* * *

Касе меҳмонро сидқан эҳтиром карда, иззаташонро ба ҷо меорад, албатта аз умр баракат меёбад.

## МЕҲМОНО, НУРИ ДИДА, ТОҶИ САР!

– Саидҷон, ҳей Саидҷон!
– Ҳа, лаббай, чӣ мегӯӣ, Салимҷон?
– Медонӣ?
– Чиро, Салимҷон?
– Имрӯз дар хонаи мо ид аст, ид, иди ҳақиқӣ.
– Чӣ хел ид будааст, ҷӯраҷон?
– Чӣ хел ид мешуд, охир ба хонаи мо меҳмон меояд, меҳмон!
– Оҳо, бисёр хуб-ку! Дар ҳақиқат ҳам бовар кардам, ки дар хонаи шумо ид мешудааст, иди ҳақиқӣ.

– Саидҷон, медонӣ?

– Биё зуд хонаро аз назар гузаронем ва бубинем, ки он барои қабули меҳмонон ба тартиб дароварда шудааст ё не!

– Хуб шудааст, дӯстам, хуб шудааст. Ин фикрат бисёр ҳам дуруст аст.

Хонаро фавран рӯбучин карда ҳама чиз ба тартиб дароварда шуд. Оростану ҷиҳозонидани дастархонро ҳам фаромӯш накардаем.

– Медонӣ чӣ, Саидҷон.

– Не, боз чӣ буд, Салимҷон!

– Ману ту ҳарчанд монда шуда бошем ҳам, меҳмони азизро бо чеҳраи шод ва табассуми ширину хушҳолӣ бояд пешвоз гирифт.

– Албатта, албатта медонам. Ҳаминро ҳам медонам, ки ба гуфтаи падарам баъд аз дидани дидори рӯи дӯстон ё меҳмонон кас мондашавиашро зуд фаромӯш мекардааст.

– Бале, дӯстам, Салимҷон, дуруст гуфтӣ. Рӯзҳои хушу хурсандӣ дар ҳаёти инсон бисёр аст, вале қабул кардани меҳмон боз лаззати дигаре дорад, ҳамин тавр не, ҷӯраҷон?

– Бале, рост мегӯӣ, Салимҷон!

– Эй кош, чунин рӯзҳои нек зиёдтар рух медоданд.

– Ҳо ана, нигар, дӯстам! Аз дур меҳмонон ҳам намоён шуданд. Шитоб. Зуд падару модаратро огоҳ созу дари ҳавлиро ҳам рафта кушоем, то меҳмонон интизор нашаванд.

Меҳмонони азиз вориди ҳавлӣ гаштанд. Аҳли оила ба пешвози меҳмонони олиқадр баромада, онҳоро хуб пазироӣ карда, сипас ба меҳмонхона даъват карданд.

Падарам меҳмононро ба нишастан водор сохтанд ва ҳама ба болои кӯрпачаҳо гузашта нишастанд.

Яке аз меҳмонон: омин, хайрияти қадам, тани сиҳату хотири ҷамъ, бисмиллоҳ оллоҳу акбар, – гӯён даст ба дуо бардоштанд ҳама баробар “омин” гуфтем.

Падарам бошад, хуш омадед, нури дидаю тоҷи сар, ки ба кулбаи мо қадам ранҷа кардед, меҳмонони азиз, гуфта ҳамаро шодбош намуданд.

Маълум шуд, ки яке аз меҳмонон бо сабаби номуайян ҳузур надоштаанд.

– Чӣ бояд кард? Маътал кардани меҳмонони мӯҳтарам аз рӯи одоб нест, – гуфта падарам нон пора карда ба назди ҳар кадом

меҳмон гузошту ҳамаро ба хӯрдани нуқлу ширинӣ ва дигар анвои хӯрданӣ даъват намуд.

Ману рафиқам дар хидмати меҳмонон омода будем. Падарам фармуданд, ки зуд ба дасти меҳмонон об гирем. Ин корро ҳамроҳи рафиқам фавран анҷом додем, сачокро низ фаромӯш накардем. Оши палав ҳам тайёр шуд. Ҳама бо иштиҳо ба хӯрдани таом машғул гаштанд.

Маъракаи меҳмондорӣ ҳам анҷом ёфт. Яке аз меҳмонон даст ба дуо бардошт ва "Омин, хайру баракати ҳамин хонадон зиёда гардад, мо кам кардем, Худо зиёд кунад", – гуфта дуо кард, ҳама даст ба дуо бардоштанд. Падарам, – хуш омадед, нури дида, тоҷи сар, меҳмонони азиз, – гӯён ҷавоб гардониданд.

– Саломат бошед, дасти камро набинед, – гуфт яке аз меҳмонон.

– Шумо ҳам саломат бошед, гуфтем мо. Маъракаи меҳмондорӣ ба поён расид. Худ дастҳоро об гирифта, кафшҳои меҳмононро пеш гузоштем. Дар пӯшидани либоси меҳмонон низ кӯмак кардем.

Меҳмонон бо хайрухуши самимӣ аз ҳавлӣ баромаданд. Мо ҳама меҳмонони худро то масофаи муайян ҳамроҳӣ карда, гуселонидем ва онҳоро: "Хуш омадед, хуш бошед, боз биёед, роҳи сафед ба шумо", – гӯён пас гаштем. Лек аз рафтани меҳмонон каме малул гаштем, аммо чӣ илоҷ?

Падару модарам ману Саидҷонро ба наздашон хонда: "Офарин ба шумо, мо аз рафтору муносибати шумо нисбати меҳмонон хеле миннатдорем !" – гуфтанд. Илоҳо аз умратон баракат ёбеду ҳаётатонро хуш гузаронед ва ҳамин тавр меҳмондор бошед, – дуои нек доданд.

**Бозор Боронов**

## САВОЛҲО:

1. Саидҷону Салимҷон барои қабули меҳмонон чӣ маслиҳат карданд?
2. Онҳо меҳмононро чӣ гуна қабул намуданд.
3. Шумо чӣ тавр меҳмононро пешвоз мегиред, нақл кунед.

## СУПОРИШ:

Хулосаатонро оиди мазмуни матн баён созед.

Аз рӯи имконият саҳначае ташкил кунед.

# ҚОИДАИ МЕҲМОНӢ ВА МЕҲМОНДОРӢ

Меҳмонӣ кардан ин маънои меҳмондорӣ карданро дорад. Масалан, агар мо ба хонаи ягон шахс равем, моро меҳмон мегӯянд. Аммо одамони дигар ба хонаи мо оянд, онҳо меҳмони мо ҳисоб мешаванд.

Ҳамин тавр, ҳар кор қоида ва шарту шароитҳои хоси худро дорад. Масалан, одоби тозагӣ, одоби таҳсил, одоби роҳравӣ ва ғайра. Ҳамин тавр **меҳмонию меҳмондорӣ** ҳам қоидаҳо дорад. Яъне меҳмон чӣ гуна бояд ба меҳмонӣ раваду соҳибхона ё худ мизбон меҳмонашро чӣ хел қабул бояст кунад. Ҳамин гуна қоидаҳоро Унсурулмаолии Кайковус дар матни зер оид ба меҳмонию меҳмондорӣ ин тавр баён кардааст:

“Эй, писар, мардумони бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун. Чунки ҳар рӯз ба иззату икроми меҳмон натавон расид. Агар дар як моҳ се бор меҳмондорӣ кардан тавонӣ, як бор меҳмондорӣ кун. То ки харҷи ҳамаашро як бор сарф намоӣ ва хони ту пур аз нозу неъмат бошаду забони айбҷӯён бар ту баста.

Чун ба хонаи ту оянд, касе ба пешвоз бароянд. Меҳмонро, хоҳ дӯст бошаду хоҳ бегона, иззату икром бикун. Агар айёми мева бошад, пеш аз таом меваҳои тару хушк пеш ор, то бихӯранд…

То мизбонон як бору ду бор бинишин нагӯянд, манишин. Вақте нишастӣ, бо онҳо сӯҳбат оро, нон бихӯру аз ҳама кас хоксортар бош. Агар меҳмон дар синнусол бузургтар бошад, нишастан мумкин набувад. Аз меҳмон даркору нодаркор узр махоҳ, ки ин беодобист. Ва ҳар соат магӯй: “Эй фалон, чаро чизе намехӯрӣ? Айб макун, ки дастархони беҳтаре бароят ороста натавонистам”.

Аз ин гуфтор меҳмон шарм медорад ва нон натавонад хӯрдан ва нимсер аз хона бархезад. Меҳмони ҳар кас машав, ки ба обрӯят зиён нарасад. Чун ба меҳмонӣ равӣ, гурусна марав ва сер низ марав, то нон тавонӣ хӯрдан, ки мизбон наранҷад. Он қадар бисёр низ махӯр, ки зишт бошад. Ба нону косаи мардум айб магир, соҳибхонаро изо мадеҳ. Аз дастархон чизе бо худ мабар, ки хорист”.

**Унсурулмаолии Кайковус**

## ЛУҒАТ:

**Икром** - ҳурмат, эҳтиром.
**Мизбон** - меҳмондор, соҳибхона.
**Настонад** - нагирад, гирифта натавонад.

## САВОЛҲО:

1. Мардумони бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун гуфтани нависанда чӣ маъно дорад?
2. Дар давоми як моҳ чанд маротиба меҳмон қабул кардан мумкин будааст?
3. Ҳангоми ба хонаатон меҳмон омадан чӣ бояд кард?
4. Магар ҳар дам "меҳмони азиз, гиред, хӯред, шарм мадоред", – гуфтан мумкин аст?
5. Меҳмон аз чӣ шарм медоштааст?
6. Оё меҳмони ҳар кас шудан равост?
7. Ба меҳмонӣ чӣ тавр бояд рафт, сер ё гурусна?

## СУПОРИШ:

Ба нону косаи мардум ҳеҷ гоҳ айб нагиред, азизон.
Агар ба меҳмонӣ равӣ, то чизе надиҳандат, бо худ магир.
Қоидаҳои меҳмондорӣ ва меҳмониро дар хотир гиред.

Бехабар бар хони кас меҳмон машав,
Меҳмонат гар расад, пинҳон машав.

**Тафсири байт:**

То шуморо ба меҳмонӣ даъват накунанд, ба хонаи касе меҳмон шудан мумкин нест. Агар мабодо ба хонаи шумо меҳмон ояд, аз меҳмон пинҳон нашавед ва дарро ба рӯяш набандед, ки ин нишони беодобист.

## МЕҲМОНИ КӮҲИСТОНӢ

...Меҳмони кӯҳистон бе таклифу бе хабар меояд. Аз чунин меҳмон на пинҳон шуда халосӣ меёбӣ, на гурехта.

Дар кӯҳистони мо меҳмони калону хурд, мӯътабару номӯътабар нест.

Меҳмони хурдтарин ҳам барои мо мӯътабар аст, аз куҷо будани ӯро напурсида, дар таги дарвоза пешвозаш мегирем, ба пешгаҳи хона, болои қабати кӯрпача мешинонем.

Меҳмон ба кӯҳистон ҳамеша ногаҳон меояд. Аммо ҳаргиз нохост нест, вай моро ҳеҷ гоҳ дар ғафлат ёфта наметавонад, чунки мо меҳмонро ҳамеша ҳар рӯз, ҳар соат, ҳар дақиқа чашмдорем.

...Мехоҳам, ҳар як меҳмон дар хонаи ман озоду осуда ва сабукрӯҳ бошад, дил канда рафта натавонад, балки бо дили кашол биравад ва орзуи боз омадан бикунад.

**Расул Ғамзатов**

## ЛУҒАТ:

**Меҳмони мӯътабар** - меҳмони баобрӯ.
**Чашмдорем** - интизорем, нигаронем.
**Ғафлат** - бехабар, бехабарӣ.

## САВОЛҲО:

1. Меҳмони кӯҳистонӣ чӣ тавр меомадааст?
2. Магар меҳмон хурду калон ё мӯътабару номӯътабар шуда метавонад?
3. Дар Доғистон меҳмонро чӣ гуна пешвоз мегирифтаанд?
4. Оё соҳибхона аз омадани меҳмони кӯҳистонӣ бехабар мемондааст?

## СУПОРИШ:

Шумо меҳмонро чӣ гуна пешвоз мегиред, ҳикоя кунед.

Акнун донистед, ки дар дунё халқҳои дигаре ҳам будаанд, ки чун халқи тоҷик меҳмондӯсту меҳмоннавозанд. Онҳо ҳатто майлу хоҳиш доранд, ки ба хонаашон тез-тез меҳмонон оянд, то ки мизбон онҳоро хуб пазирой карда, ҳар кадар зиёдтар лутфу карами хешро нишон бидиҳанд.

Шумо низ, бачаҳо, расму русуми бобоёнро оид ба меҳмондорӣ идома (давом) диҳед.

## ШАРТИ ДИГАРИ МЕҲМОНДОРӢ

Шарти меҳмондорӣ он аст, ки агар аз меҳмон гуноҳе содир шавад, ё қабл аз ин хатое воқеъ шуда бошад, чун аз хону эҳсони ӯ тановул намоянд, аз сари он гуноҳ даргузарад. Чунончи нақл аст, ки сесад асир аз душманони Маън ибни Зоир наздики ӯ оварданд. Хост, ки ба сиёсати эшон ҳукм фармояд. Кӯдаке аз миёни асирон бархесту гуфт: "Эй амир, ба Худо савганд, ки маро об диҳӣ ва ташна накушӣ".

Маън фармуд, то ҷоми об ба дасти он кӯдак доданд. Дигар гуфт: "Эй амир, қавми ман ташнаанд. Агар ман об хӯрам эшон нахӯранд аз мурувват дур бошад ва агар об нахӯранд, ташна монанд. Албатта чун сиёсатхоҳӣ кардӣ ҳамаро об бидеҳ".

Бифармуд, то ҳамаро об доданд. Чун ҳама об ошомиданд, кӯдак бархосту гуфт: "Эй амир, мо ҳама меҳмони ту шудем ва меҳмонро куштан расми аҳли карам нест". Маън аз фасоҳати вай мутааҷҷиб шуд ва ҳамаи асиронро озод кард.

**Аз "Ахлоқи Мӯҳсинӣ"**

### ЛУҒАТ:

**Ҳарфе** - сухане.
**Қабл** - пеш, пештар.
**Хон** - дастархон.
**Асир** - дастгиршуда, маҳбус, бандӣ.
**Навола** - нола, луқма.
**Тановул** - хӯрдан, хӯрокхӯрӣ.
**Ибни Зоир** - писари Зоир.
**Қавм** - хешон, наздикон.
**Мурувват** - мардонагӣ, ҷавонмардӣ, лутфу эҳсон.
**Ошомиданд** - нӯшиданд.
**Аҳли карам** - аҳли саховат.
**Мутааҷҷиб** - ҳайрон, моту маҳбут.

### САВОЛҲО:

1. Писари боақл чӣ тадбир ҷуст?
2. Аз чӣ сабаб шоҳ Маън асиронашро, ки мебоист ҷазо медод, аз гуноҳашон даргузашт?
3. Оё меҳмонро ранҷонидану озор додан мумкин аст?
4. Шумо меҳмонро чӣ гуна қабул мекунед?

Шахсеро, ки меҳмонатон мегарадад, қадр кунед, иззату ҳурматашро ба ҷо оред. Ҷону дили худ фидояш созед, то шумо ҳам қадр бинед.

Чунон, ки аз ҳикоят бармеояд, ҳатто амир (подшоҳ) Маън ҳам асиронашро, ки ба банд гирифтор карда буду нияти ҷазо додани эшонро дошт, бо сабаби дар қасраш об нӯшидан аз гуноҳашон даргузашт. Зеро ки баъд аз нӯшидани об онҳо ба ҳаққи намаки хонаи шоҳ шарик шуданд ва ҳукми меҳмонро гирифтанд.

**Қадри меҳмон аз ҳама авлост, азизон!**

## МЕҲМОНАМ ШАВ, ТО ҚУРБОНАТ ШАВАМ

Эй мусофир, бигзарӣ гар аз дарам беилтифот,
Барфу борон, барфу борон дар сарат!
Меҳмоно, гар зи даргоҳам нагардӣ бенишот,
Барфу борон, барфу борон дар сарам!

**Расул Ғамзатов**

Дар ин шеър шоир изҳор кардааст, ки ҳар кас агар аз назди хонаи ман гузашта раваду меҳмонам намешавад, илоҳо бар сараш барфу борон зиёд биборад.

Вале агар ба хонаам меҳмон шаваду ӯро ман хурсанд накарда гусел кунам, Худованд ҳамаи барфу боронро бар сари ман бирезонад.

### ЛУҒАТ:

**Беилтифот** - беэҳтиром, беқадр, беҳурматӣ, белутф.
**Бенишот** - ношод, норизо.

### САВОЛҲО:

1. Порчаи шеърро хонда ба чӣ хулоса омадед?
2. Гӯед, ки шоир дар ин порчаи шеър чиро таъкид кардааст?
3. Расул Ғамзатов дар ин шеър ба меҳмон муроҷиат карда чӣ хитоб менамояд?

## СУПОРИШ:

Дар бобати одоби меҳмондорӣ бо ҳам сӯҳбат кунед.

Касе, ки дастат расад, даст гир,
Ки фардо ҳамон бошадат дастгир.

## МАЛИКИ САХОВАТМАНД

Чунончи дар таърих зикр аст, ки дар Кирмон малике буд бағоят сахиву меҳмондор, пайваста дари меҳмонхонаи ӯ барои хосу ом кушода.

Ҳар кӣ бар шаҳри ӯ омадӣ, бар сурфаи карами ӯ нон хӯрдӣ, вазифаи чошт ва робитаи шом аз зиёфатхонаи вай бурдӣ.

Вақте Азизуддавла лашкар кашида қасди вилояти ӯ кард, малик тоқати ҳарби вайро надошт. Ба Ҳисор даромад. Ҳар рӯз лашкари Азизуддавла ба сари Ҳисор омадӣ ва ҷанги сахт кардандӣ. Ҳар шаб молики Кирмон он миқдор таом, ки лашкари Азизуддавла кифоят будӣ, фиристодӣ.

Азизуддавла пайғом дод, ки рӯз ҳарб кардан ва шаб нон додан чӣ маънӣ дорад? Ҷавоб фиристод:

Ҷанг кардан изҳори мардист ва нон додан вазифаи мардумӣ, эшон агарчӣ душманонанд, аммо ғарибу мусофир, ки ба шаҳри мананд ва мурувват набошад, ки эшон дар манзили ман нони худ хӯранд.

Азизуддавла бигирист ва гуфт: “Касеро, ки чандин мурувват бошад, бо вай ҳарб кардан аз бемурувватист”. Лашкар бозгардонид ва озори вай накард.

**Аз “Ахлоқи Мӯҳсинӣ”**

## ЛУҒАТ:

**Хосу ом** - худию бегона.

**Кирмон** - номи шаҳре дар Эрон.

## САВОЛҲО:

1. Малики Кирмон чӣ гуна шахс будааст?
2. Ӯ дар хонааш киҳоро бо хӯроки нимирӯзию бегоҳӣ таъмин мекардааст?

3. Азизуддавла ба ҳисори малики Кирмон чаро ҳуҷум кард?
4. Ҳар рӯз баъд аз ҷанг Малик барои лашкари душман чӣ мефиристод?
5. Азизуддавла аз Малик чиро пурсон, шуд, Малик чӣ ҷавоб дод?
6. Азизуддавла аз чӣ гирист ва ғораташро чаро қатъ намуд?

**СУПОРИШ:**

Оиди меҳмон ва меҳмондорӣ боз чӣ медонед, нақл кунед.

**ҲИКМАТ**

Ба дӯсту душман обу нон додан кори бисёр савоб аст, фарзандон.

Осоиши ду гетӣ тафсири ин ду ҳарф аст:
Бо дӯстон мурувват, бо душманон мадоро.

**Ҳофизи Шерозӣ**

Тафсири байт ин аст, ки оромию осудагии инсон дар ҳар ду ҷаҳон дӯстонро лутфу меҳрубонӣ кардан аст. Аммо бо душманон, агар онҳо хоҳишманди сулҳу салоҳ бошанд, мадоро-яъне созиш бинамо. Зеро ҷангу ҷидол танҳо зарар меовараду бас.

Мардумӣ кун ба ҷони душману дӯст,
К-аз мурувват зиён накард касе.

Аз ин гуфта чунин бармеояд, ки ҳам бо дӯст ва ҳам бо душман меҳрубонӣ кун, зеро аз меҳрубонӣ ва мурувват касе зарар надидааст.

**ХУЛОСА**

Меҳмон душман бошад ҳам, ба хонаат роҳ деҳу намак бахш.

## ФАЙЗИ МЕҲМОНДОРӢ

Овардаанд, ки дар замони Ҳазрати Расул шахсе буд бисёр меҳмондӯст ва зане дошт ниҳоят хасису разил.

Он мард аз тарсу хавфи ҷанг ва фарёд баровардани он зан аз кароматнамудани меҳмон бисёр ранҷу андӯҳ дошт. Он мард ноилоҷ рӯзе ба хидмати Ҳазрати Расулуллоҳ рафту кайфияти аҳвол ва моҷаро баён кард.

Ҳазрат фармуданд, ки бирав ба хона, ба он зан бигӯ, дар ҳолате ки меҳмон меояд, дар пушти дар мушоҳида кун ва ҳангоми берун рафтани меҳмон низ дар ақиби сари эшон шаву нигоҳ кун, то бубинӣ, ки худованди оламиён чӣ баракате ва чӣ хайре дар ҳаққи меҳмондорӣ иноят фармуда...

Пас он мард ба хона рафту бо зани худ гуфт, ки имрӯз Расулуллоҳро бо ду-се нафари дигар меҳмонӣ талабидаам, лекин хоҳиш дорам ки каҷхулқӣ накунӣ ва бахилию хасисиро як сӯ гузорӣ.

Ва ҳазрат фармуданд, ки дар ҳолати дохил шудани меҳмон ва дар ҳолати берун рафтан нигоҳ кун, то бубинӣ онҷиро, ки худо ба баракати меҳмон арзонӣ доштааст.

Он занро ба ҳазор аҷз розӣ карду таҳияи асбобҳои зиёфатро сохт. Чун вақти дохил шудани меҳмонон шуд, дид, ки дар домани меҳмонон гӯшту меваҳои бисёр асту дохили хона шудаанд. Он зан аз ин ҳолат бисёр хушҳол шуд ва чун вақти берун рафтани меҳмонон шуд, дид, ки газандаҳо ва мору каждумҳои бисёр дар домани Эшон овехта аз хона берун шуданд.

Он зан тааҷҷубкунон назди шавҳар омаду гуфт: чунин чизеро дидам.

Шавҳар гуфт:

- Ман аз Расули Худо мепурсам.

Баъд аз ин гуфтугӯ рӯзи дигар он мард ба хидмати Расули Худо, рафту арз кард:

- Ё Расулуллоҳ, аёли ман чунин неъматҳо дар дохил шудани меҳмонон дида ва дар вақти берун рафтан ҳам чунин газандаҳо дида.

Баъд аз ин арз Расули Худо фармуданд:

- Он неъматҳо ба баракати он аст, ки худованди олам ба сабаби меҳмонӣ ва мизбонӣ арзонӣ фармуда ва он газандаҳо гуноҳони соҳибхонаанд, берун меравaнд.

Пас аз он зан чунон роғиби меҳмон шуд, ки тамоми умр дар боби меҳмонӣ кардан ба шавҳари худ таъкид мекард.

**Шайх Баҳоӣ**

## ЛУҒАТ:

**Ҳазрати Расул** - ҳазрати Муҳаммад.
**Расули Худо** - пайғамбари Худо.
**Ниҳоят** - бисёр, хеле.
**Разил** - паст, нокас.
**Иноят** - ёрӣ, меҳрубонӣ, дастгирӣ.
**Арз** - ин ҷо ба маънои зорию тавалло.
**Таҳия** - омодагӣ, тайёрӣ.
**Роғиби меҳмон** - моил, хоҳон, толиби меҳмон.

## САВОЛҲО:

**1.** Зани он шахс дар аввал чӣ гуна хислат доштааст?
**2.** Мард аз хасисии занаш ба кӣ муроҷиат мекунад?
**3.** Ҳазрати Расул ба мард чӣ маслиҳат медиҳад?
**4.** Мард ба занаш чӣ мефармояд ва киҳоро ба меҳмонӣ даъват мекунад?
**5.** Зан шоҳиди чӣ гуна воқеа мегардад ва чиро мушоҳида мекунад?
**6.** Зан ба шавҳараш чиро нақл мекунад?
**7.** Мард боз ба назди ҳазрати Расул рафта чӣ арз мекунад?
**8.** Баъд аз ин воқеа зан дар хусуси меҳмоннавозӣ ба шавҳараш чӣ таъкид мекунад?

## ҲИКМАТ

Меҳмонро азиз доред ва қадрашро ба ҷо оваред.
Меҳмон ба хонаатон файз меорад, яъне нӯшу неъматҳо боз ҳам фаровон мешаванд.

# ОДОБИ МУБОРАКБОДӢ

Агар пурсанд, ки одоби табрик чанд аст, бигӯй шаш:
Аввал он ки шодии бисёр изҳор кунад.
Дуюм он ки гирифтарӯй ва малул набошад.
Сеюм, муборакбод гӯяд.
Чаҳорум, муносиби мавриди дуои неке гӯяд. Масалан, агар ҷашни зодрӯз бошад, сиҳативу саломатӣ ва умри дароз хоҳад, агар арӯсие

воқеъ шавад, хайру баракат таманно кунад, мусофире расида бошад, хуш омадед гӯяд ба ӯ сиҳатӣ орзу кунад ва ғайра.

Панҷум, бисёр нанишинад ва зуд берун ояд, агар соҳиби манзил ӯро манъ накунад. Шашум, дастовез ё ҳадя ба қадри ӯ бо худ бибарад ва хасисӣ накунад.

**Унсурулмаолии Кайковус**

## ЛУҒАТ:

**Хони кас** - хонаи кас.
**Мурдор** - ҷасади ҳайвони худмурда.
**Нахонандат** - даъват накунанд.
**Таманно** - хоҳиш, орзу, умед.
**Каргас** - парандаи лошахӯр.
**Шараф** - обрӯ, ифтихор, номус.
**Малак** - фаришта, махлуқи осмонӣ.
**Хасисӣ** - мумсикӣ.

## САВОЛ:

Одоби табрик чанд намуд аст?

**Дар меҳмонӣ бисёр нанишинед, то ба дили меҳмондор сахт нарасад.**

## ҲИКМАТ

Ба ҷое, ки даъват накунанд, наравед, азизон!
Таваҷҷӯҳ кунед, ки шоир Сайидои Насафӣ дар ин бора чӣ гуфтааст:

То нахонандат ба хони кас марав,
Аз паси мурдор чун каргас марав.

## ҲИКМАТ

То шуморо ба меҳмонӣ даъват накунанд, ҳаргиз ба он ҷо наравед. Агар ин шартро иҷро накунед, ба каргасе монанд мешавед, ки аз паси ҷасади ҳайвони худмурда меравад.

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки рӯзе як маҷусӣ ба дари хонаи Иброҳими Халилуллоҳ омад, ки шаб дар он ҷо меҳмон шавад. Халилуллоҳ гуфт: Ту маҷусиӣ ва аз дин бегона. Ҳар гоҳ тарки дини маҷусӣ карда мусалмон шавӣ, ман туро меҳмон кунам. Маҷусӣ ин суханро шунида маркаби худро гардонида ба роҳи дигар рафт. Дарҳол хабари Илоҳӣ фиристода шуд, ки ё Иброҳим, он маҷусиро меҳмон мекардӣ, дини маҷусии он ба ту чӣ зарар дошт?

Муддати ҳафтод сол аст, ки ман ӯро таому шароб медиҳам, ягон бор нагуфтам, ки аз дини маҷусӣ баргардад. Ҳазрати Иброҳим аз Худованд ин хитобро шунида аз ақиби он маҷусӣ давида дар роҳ афтода ӯро ёфт.

Гуфт: Эй меҳмон, баргард, ки туро меҳмондорӣ кунам. Маҷусӣ гуфт: "Во аҷабо, ҳозир маро аз хонаи худ рондӣ, акнун ба талаби ман аз роҳи дур пиёда омада мегӯӣ, ки меҳмондорин туро мекунам". Иброҳим гуфтанд, ки аз барои рондани ту Аллоҳ Таъоло ба ман итоб кард, бинобар он ба талаби ту омадам. Маҷусӣ худро аз болои маркаб партофта гуфт: "Зиҳӣ Худои меҳрубони беҳамто, ки аз барои душмане ба дӯсти худ итоб кунӣ". Дарҳол калимаи ашҳаду ан ло илоҳа илла-л-лоҳу ва ашҳаду анна Муҳаммадун Расулуллоҳ гуфта мусулмон шуд.

**Аз "Дурратулвоизин"**

### ЛУҒАТ:

**Маҷусӣ** - ғайри дини ислом.
**Маркаб** - хар (ҳайвони боркаш).

### САВОЛҲО:

1. Маҷусӣ ба хонаи кӣ меҳмон шудан хост ва чӣ воқеа рӯй дод?
2. Ҳазрати Иброҳим аз Худованд чӣ итоб шунид?
3. Баъд Иброҳим аз маҷусӣ чӣ хоҳиш кард?
4. Оқибат маҷусӣ ба чӣ хулоса омад ва чиро қабул кард?

### СУПОРИШ:

Новобаста ба дину миллати меҳмон ӯро хуб қабул кунед ва нағз гусел намоед.

## МЕҲМОНИ МО ВА МЕҲМОНИ ХУДО

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки Аллоҳ Таъоло ба Мусо пайғамбар хабар расонд, ки ё Мусо, меҳмони худро дӯст дор ва меҳмони маро иззат кун.

Агар меҳмони худро иззат кунӣ, бароят биҳишт ато кунам. Агар меҳмони маро ҳурмат кунӣ, туро ба мақсад расонам. Мусо бо зорию тавалло аз Худо пурсиданд, ки меҳмони ман кадом аст ва меҳмони ту кист? Пайғом омад, ки ё Мусо, меҳмони ту он аст, ки даъват карда биёрӣ ва аз барои он таъом муҳайё кунӣ. Ва меҳмони ман он аст, ки бехабар ба хонаи ту биёяд ва меҳмони ту шавад.

**Аз Ҳадисҳо**

### САВОЛҲО:

**1.** Аллоҳ ба Мусо чӣ хабар расонид?

**2.** Мусо аз Худованд чиро пурсид ва чӣ ҷавоб гирифт?

**3.** Меҳмони Худо аз меҳмони соҳибхона чӣ фарқ доштааст?

### ҲИКМАТ

Меҳмон хоҳ худ ояд ва хоҳ шумо даъват кунед, албатта, иззату ҳурматашро ба ҷо оред.

## МЕҲМОН ВА МЕҲМОННАВОЗӢ

Яке аз шаклҳои робитаи дӯстии байни одамон меҳмонӣ мебошад. Меҳмондорӣ дорои тартибу қоида ва мақсади хосса аст...

Мақсади меҳмонӣ гоҳ вобаста ба меҳмон, гоҳ вобаста ба мизбон аст.

Масалан, бештар кас бо мақсади вақти холиашро якҷоя бо хешованд ва дӯсташ гузаронидан, ё бо мақсади табрики шахси наздики худ ба муносибати рӯзи таваллуд..., ба сафар баромадани рафиқон ва ғайра ба хонаи шахси дилкашаш меравад.

Аҷдоди гузашта ва муосири тоҷикон маданияти ниҳоят баланди меҳмоннавозӣ дошта, дину мазҳаб, нажоду миллати меҳмонро сарфи

назар намуда, ба ӯ бо эҳтироми андешаи баланди инсонӣ назар мекардаанд, ки ин ақидаро байти зерини шоир Биноӣ тасдиқ менамояд:

Меҳмон кофир аст, агар диндор,
Ман ба ину ба он надорам кор.

Оё рафтуомад, меҳмонӣ барои одамон зарур аст? Аз ҳоли ҳамдигар танҳо тавассути телефон бохабар шуда, якдигарро дар кӯчаву бозор дида ҳолпурсӣ кардан кифоя нест? Якдигарро ба ташвиш мондан лозим аст?

Бале, зарур аст! Чунки инсон на танҳо эҳтиёҷ ба хӯрдану пӯшидан, балки ӯ эҳтиёҷ ба мубодилаи ақида, ҳиссиёту фикр, завқу лаззати зебоӣ, изҳори хурсандию андӯҳ дорад. Канорагирӣ сабаби бемуҳаббатию бемеҳрӣ, беандешагӣ, аз вазъу асрори дили якдигар бехабар мондан мешавад.

Беҳтарин сифатҳои инсонӣ - дӯстӣ, боварӣ, эътиқоди байниҳамдигарӣ, аскияву шӯхӣ, шиносоиву наздикшавӣ ба туфайли рафтуомад, меҳмонию ҳамнишинӣ мебошанд.

**Ёқуб Одинаев**

## САВОЛҲО:

1. Алоқаи дӯстӣ дар чӣ будааст?
2. Рафтуомад одамонро бо ҳам чӣ мекардааст?
3. Оё дину мазҳаб ва забону миллат пеши роҳи меҳмондориро гирифта метавонанд?
4. Сифатҳои беҳтарини инсонро чӣ тавр мефаҳмед?

## МИЗБОН - МЕҲМОНДОР

Аз рӯи одат касе, ки пурсида ба хона ояд, пас аз салому алейкум, ба хона таклиф карда мешавад. Пас аз нишастан соҳиби хона ба меҳмон рӯй оварда - “Хуш омадед, нури дида тоҷи сар” - гуфта даст ба сина мебарад. Меҳмон бошад - “Обод бошед, ташаккур” ё “Обод бошед, аз лутфу эҳсонатон миннатдорам” - гуфта даст ба пеши бар мебарад.

Баъд мизбон дастархонро партофта чой меорад. Пеш аз чойро дам кардан, соҳиби хона одатан ба меҳмон рӯй меорад, ки

пурсидан айб нест гуфтаанд, чӣ хел чой дам намоям, чойи кабуд ё чойи сиёҳ? Меҳмон бояд ки шарм надошта хоҳишашро арз намояд. Чойро худи соҳиби хона мегардонад ва пиёлаи аввалро ба назди худ гузошта, пиёлаи дуюмро ба меҳмон бо дасти адаб дароз мекунад. Меҳмон чойро гирифта ташаккур мегӯяд. Ба ивази он меҳмондор бошад, "нӯши ҷон шавад ё ош шавад" – мегӯяд.

Нонро ҳам худи соҳиби хона шикаста, ба меҳмон рӯй оварда "марҳамат нон гиред" – мегӯяд.

Агар сер бошад, ҳам як бурда нонро гирифта бо чой мехӯрад.

Аз рӯи одобу одат меҳмон бояд шарму ҳазар накарда чизи дилкашашро хӯрад. Баъди хӯрок мизбон бо хоҳиши меҳмон дастархонро ҷамъ менамояд. Меҳмон изҳори ташаккур карда: "Барои зиёфататон ташаккур, ҳамеша дастархонатон пурфайз бошад" – мегӯяд.

Соҳиби хона "Ош шавад, ба шумо ҳам ташаккур" – гуфта ҷавоб мегардонад.

Беҳтарин хислати меҳмоннавозӣ ин чеҳраи кушоди соҳибони хона аст. Ҷабини кушодаи мизбон сабаби кушоиши иштиҳои меҳмон аст. Ҷиҳати дигаре, ки меҳмон аз ташрифи худ хурсанд шуда, лаззати маънавию рӯҳӣ мебарад, ин хушзабонӣ, нармии суханони аҳли хонаи меҳмондор аст. Агар сад нӯшу неъмат фаровон карда шаваду чеҳраи аҳли хона чин, гапҳояшон дағал бошад, меҳмон ботинан аз ин ҳузури худаш пушаймон шуда, хафа бармегардад.

## САВОЛҲО:

1. Дар вақти ба меҳмонӣ рафтан аввал чӣ бояд гуфт?
2. Пеш аз дам кардани чой соҳибхона аз меҳмон чӣ мепурсад?
3. Нонро аввал кӣ бояд шикананд ва ба меҳмон чӣ гӯяд?
4. Баъд аз хӯрдани нону таом ба соҳибхона чӣ бояд гуфт?
5. Соҳибхона ё аҳли оила дар ҳузури меҳмон худро чӣ гуна бояд нишон диҳад?

## ҲИКМАТ

Меҳмонро азиз доред, азиз мегардед.

## ДАР МЕҲМОНӢ ВА ҶОЙҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

Ба занҳои калонсол то худашон даст надиҳанд, якум шуда даст дароз карда салом накун.

То бахри нишастан таклиф нанамоянд ва мизбонон худ нанишинанд, нашин.

Орому боварибахш бинишин, ҳаракатҳои ноҷо содир нанамо.

Ба расму суратҳо ва дигар чизҳои хонаи даромадаат бисёр зеҳн монда нигоҳ макун.

Аснои ба хона даромадан ё аз хона баромадан писар бояд ба духтар роҳ диҳад.

Вақти ба автомашина нишастан аввал духтар даромаданаш лозим. Ҳини баромадан бошад, қаблан писар баромада ба духтар даст дароз кунад ва ёрӣ расонад, ки барояд.

Шарт нест, ки ба ҳамаи дар хона ҳозирбудагон даст дода, вохӯрӣ кунӣ.

Ба соҳибхона ва ҳамсари ӯ даст диҳӣ кофист, ба дигарон таъзим намуда одоби саломи алейкро ба ҷо ор.

Барои диққати ҳамсӯҳбатро ҷалб кардан ба ӯ ҷафс нашав ва даст нарасон. Дар байни бисёрӣ оиди корҳои танҳо ба ту ва ҳамсӯҳбатат дахлдошта ва барои ҳардуят он фаҳмо сухан нагӯй. Пичир-пичиркунон гап назан. Дар бораи худ ва корҳоят ҳикоят накун. Оиди шахсоне, ки ҳозирон намешиносанд, сухан нагӯ. Бо одамон шӯхии дағал накун. Ба тарзи гуфтору одатҳояшон писханд мазан.

Сухани ҳамсӯҳбатро набур. Масхаракунӣ сабабгори хафагии на танҳо шахси ҳамсӯҳбат, балки ҳузурдоштагон мегардад. Ба куҳансолон муносибати боэҳтиромона мебояд.

Аз меҳмоннавозии мизбонон сӯистифода карда дар хонадонашон то дергоҳ (дуру дароз) наист.

Дар меҳмонӣ шуда бо ихтиёри худ ба гулзори соҳибхона надаро ва гулҳоро агар мизбонҳо тӯҳфа накунанд, ҳамроҳат нагир.

Ба соат зуд-зуд нанигар. Агар аз дигарон барвақттар рафтан хоҳӣ, пешакӣ аз соҳибхона узр пурсу оҳиста баромада рав, то ҳозирон огоҳӣ наёбанд…

**САВОЛҲО:**

1. Аввал кӣ бояд даст дода салом кунад?
2. Дар маърака пичир-пичир карда бо ҳамсӯҳбатат гап задан мумкин аст?
3. Пеш аз маърака баромадан аввал чӣ бояд кард?

## ОМОДА ШУДАН БА МЕҲМОНӢ

Пас аз огоҳ кардани дӯст ё хешованд дар хусуси ташрифи худ ва ҳамраҳон аз вақту рӯзи таъиншуда дер намонда омадан лозим. Чунки интизорӣ кори хеле сахту ногувор аст.

Барои хоҳ танҳо ва хоҳ бисёрӣ ба меҳмонӣ рафтан, омодагии пешакӣ лозим аст. Яъне интихоби либос, вақти дар меҳмонӣ будан ва дар ин бора ба аҳли оилаи худ хабар додан, бисёр хуб мебошад.

Шарт нест, ки либоси наву қиматбаҳо пӯшем, балки муҳимаш он аст, ки тозаю озода, мувофиқ ба шароити ҷою макон бошанд.

Симову сурати тозаю ороста ва рафтори маданӣ ҳам ба худи кас ва ҳам бо соҳиби хона яъне мизбон, ҳаловат ва рӯҳи баланде мебахшад.

Бо сару либоси ифлосу бетартиб, мӯи расида, нохуни баланд ва бевақтии шаб ба меҳмонӣ рафтан аз рӯи одоб нест.

Дар урфият мегӯянд, ки меҳмон ба хоҳиши худ ояд, аммо бо иҷозати соҳиби хона равад.

Дар вақти меҳмонӣ такаббурӣ, нозу карашма писханду пичинг рафтори дағалона аз одоб берун аст. Сарфи назар аз синну сол хоксорӣ, мулоимӣ, ширинсуханӣ ва шукру сипосгузорӣ кардан аз ҷониби меҳмон нишонаи хубтарини ҳар инсон аст.

Ҳурмати меҳмондору аҳли оилаи ӯ, миннатпазирӣ, дар навбати худ ба хонаи хеш даъват намудани онҳо қиматбаҳотарин тӯҳфаи меҳмон ба мизбон аст.

Ҳар он чизе, ки мизбон муносиби дастархон донистааст, эҳтиром намуда, ба қадри талабот хӯрда, ташаккур гуфтан хуб аст. Доир ба одоб ва рафтори меҳмон Абдураҳмони Ҷомӣ ин тавр гуфтааст:

Бихӯр ҳар чӣ пешат ниҳод мизбон,
Ҳама тан ба шукронааш шав забон!

Агар ҳеҷ надҳад - тақозо макун,
Хаёли талабро ба дил ҷо макун!

Дар вақти меҳмонӣ ҳам дасти ёрӣ додан нишонаи заковатмандист. Агар зарурат пайдо шавад, дар вақти оростани дастархон ва ҷамъ намудани он ёрию мадад кардан аз рӯи одоб бошад. Ба ҳар ҳол кӯшидан лозим аст, ки меҳмонии шумо боиси маломат ва зарари мизбон нагардад.

**Ёқуб Одинаев**

### САВОЛҲО:

**1.** Ба меҳмонӣ дар вақту соати муайян рафтан чӣ будааст?
**2.** Бо чӣ гуна либос бояд ба меҳмонӣ рафт?
**3.** Пеш аз меҳмонӣ рафтан аз соҳибхона чӣ бояд пурсид?
**4.** Тӯҳфаи меҳмон ба мизбон чӣ будааст?

### СУПОРИШ:

Панди Ҷомиро маънидод кунед.
Дар меҳмонӣ ба ғундоштани дастархон ёрӣ додан одоби некӯ аст.

## ДАР ОДОБИ МЕҲМОНӢ

Аввалан меҳмонро таоми ҳалолу покиза диҳем. Дуюм меҳмониро барои ғаразу тамаъ накунем. Дигар ин ки меҳмонро ба ҷои некӯ шинонем. Бо меҳмон кушодарӯй ва хандон бошем. Ҳеҷ гоҳ ба меҳмон рӯй турш накунем. Меҳмони нохонда ё даъватнакардаро ҳурмати зиёд дорем. Аз меҳмон чизеро дареғ надорем ва мувофиқи имкон чӣ миқдор хӯрданӣ бошад, назди меҳмон ҳозир созем.

Меҳмон набояд пурсад, ки чӣ хӯрдан мехоҳад.

Ҳангоми рафтани меҳмон бояд мизбон аз пеши меҳмон наравад. Дар вақти вориди хонаи меҳмондор шудан, аввал бо пои рост боист даромад.

Чун дохили хона шудӣ, салом бояд кард. Ба ҳар ҷо, ки соҳибхона шинонд, ба ҳамон ҷо бояд нишаст. Ба зеру боло ва чапу рост

нанигарем. Таом тарзе бояд хӯрем, ки мизбонро хуш ояд. Зуд-зуд набояд таом хӯрд ва таом аз назди худ бояд хӯрд.

Баъд аз хӯрдани таом шукру сипосгузорӣ карда бо иҷозати мизбон зуд бархезем ва оиди таом ҳеҷ шикоят накунем.

**СУПОРИШ:**

Матнро бо диққат хонда қоидаҳои одоби меҳмониро дар хотир нигоҳ доред ва аз рӯи онҳо амал кунед.

Агар дил кунӣ, ҷаҳонро гул кунӣ.

## ФАЙЗИ ҲУРМАТИ НОН

Буд-набуд, марде буд, хоксору меҳнатдӯст буд. Оддию гапдаро буд. Вай ба меҳнати ҳалоли худ рӯз мегузаронд. Кору бораш фақат деҳқонӣ буд. Ғалла кошта, ҳосили фаровон мебардошт.

Деҳқон як хислати хубе дошт. Нонро бисёр ҳурмат мекард. Нонро дар дастархон ба қадри даркорӣ шикаста мемонд. Ба дигарон ҳам таъкид менамуд, ки нонро бисёр пора накунанд. Барои ҳурмат нонро мудом дудаста доранд,

Вай ҳангоми хӯрокхӯрӣ аз дастархон аввал нонрезаҳоро чида мехӯрд. Пеш аз хестан аз сари дастархон, албатта, рӯи нонро мепӯшонд, ё дастархонро печонда ба баландӣ мегузошт.

Он марди деҳқон рӯзе ба назди хирадманде омад.

Хирадманд ба ӯ гуфт:

- Саворӣ дорӣ?

- Ҳо, аспи хуб дорам, - ҷавоб дод деҳқон.

- Асп, ки дошта бошӣ, ба он савор шаву як порча нонро то ба сари корат хӯрда рав. Пас аз чанде ба назди ман биё, сонӣ чорае андешида, ба ту мегӯям, - гуфт хирадманд.

Деҳқон рӯзи дигар гуфтаи хирадмандро ба ҷо овард. Ба болои асп нишаста нонхӯрон ба сари замин рафт. Ҳар як нонрезаро, ки дар вақти газидани нон ба замин меафтид, аз болои асп фаромада, кофта мегирифт ва бо чашмонаш молида, тоза карда мехӯрд. Пас аз он ба асп савор мешуд. Вақте ки деҳқон ба сари марзаи сералаф расид, аз дасташ нонрезае ба замин афтида дар байни алафҳо

нопадид шуд. Деҳқон аз асп фаромада, ҳарчанд нонро кофт, ёфта натавонист. Вай бо каланд ба атрофи он нонреза марза бардошт, то ки ба болои нонреза касе ё ҳайвоне набарояд ва зери по намонад.

Деҳқон ба ҳавлиаш баргашт. Зиндагониаш торафт беҳтар, чизу чорааш фаровон шудан гирифт. Дар анбораш дигар ҷои холӣ намонд. Меваҳои боғаш бо фурӯхтан тамом намешуд. Ӯ боз ба назди хирадманд омад. Хирдманд аз деҳқон пурсид, ки фармудаашро иҷро кардааст ё не. Деҳқон ҳамаи саргузаштащро гуфта дод. Хирадманд табассум кард ва ба деҳқон рӯ оварда гуфт:

- Ту, бародар, асло хор намешавӣ. Барои он ки нонро бисёр азиз медорӣ ва онро ҳурмат мекунӣ. Боиси афзудани давлати ту файзи ҳурмати нон аст. Ҳар касе, ки нонро ҳурмат мекунад, дар ҳавлиаш файзу баракат меборад.

Деҳқон аз рӯи гуфтаи хирадманд амал кард.

“Нон ҳам нон, нонреза ҳам нон” аслан мақоли деҳқонон аст. Онҳо қадри нонро медонанд. Ҳаргиз намегузоранд, ки нонреза зери по шавад. Шояд аз ҳамин сабаб бошад, ки дастархони деҳқон ҳамеша пурнозу неъмат аст.

**Нӯъмон Розиқ**

**ЛУҒАТ:**

**Марза** - сарҳад, деворча, бора.

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ ДУЮМ

**1.** Меҳмонро шахси азизу мӯътабар донед. Ҳамаи миллатҳои дунё низ меҳмонро ҳурмату эҳтиром мекунанд.

**2.** Ҳангоми истиқболи меҳмон ӯро бо рӯи хушу суханони ширин пешвоз гирифтан хислати хуби меҳмондор (мизбон) аст. Рӯзе мерасад, ки шумо ҳам меҳмон мешавед ва чунин пешвоз мегиранд.

**3.** То даъват накунанд, ба ҷое меҳмон нашавед, чунки меҳмони нохонда баъзан иззат надорад.

**4.** Ба меҳмонӣ бо либосҳои тозаю озода рафтан бисёр муҳим аст.

**5.** Дар хонаи меҳмондор аз ду-се рӯз зиёдтар истодан хуб нест. Мумкин аст, боиси ранҷиши соҳибхона гардад.

**6.** Дар меҳмонӣ то чизе надиҳанд, бо худ нагиред ва ҳам напурсед.

**7.** То метавонед, иззату ҳурмати меҳмонро ба ҷо оред.

**8.** Меҳмон калону хурд, мӯътабару номӯътабар, худию бегона ва дӯсту душман намешавад. Ҳамаро баробар меҳмондорӣ кардан қарзи инсонист.

**9.** Ҳар чи хушку тар, ки аз маводи хӯрданӣ доред, баҳри меҳмон биёред. Худо шуморо боз дучанд баракат медиҳад.

## САЛОМ ДОРОИ ЧӢ ГУНА МАЪНИҲОСТ?

Кас бояд одобу ахлоқи ҳамида дошта бошад. Беҳуда нагуфтаанд, ки "Бача азиз одоби ӯ аз вай азизтар".

Ҳофизи Шерозӣ бошад адабро шоҳи забонҳо шумурдааст:

Адабу шарм туро сархати маҳрӯён кард,
Офарин бар ту, ки шоистаи сад таҳсинӣ.

Оре, доштани адабу фаросат барои ҳар кас зарур аст: "Ақл ва адаб пеш гир, зеро чун неъмат сипарӣ шавад, сахтӣ барӣ ва пушаймонӣ хӯрӣ" гуфтааст, - Саъдии бузургвор.

**Салом** низ яке аз пояҳои асосии **адаб** ба шумор меравад.

Салом чист ва он чӣ маънӣ дорад. Чаро мардум ҳама дар роҳ, дар гуфтугӯи телефонӣ, намоишҳои телевизион ва ғайра пеш аз ҳама одоби салому алайкро ба ҷо меоваранд ва баъд ба сӯҳбат мегузаранд.

Салом маъноҳои гуногун дорад:

1. **Сулҳ**, оштӣ, амну амон, осудахотирӣ.
2. **Дуруд**, таҳният, муборакбодӣ.

Шуд фаромӯш маро роҳи саломат зи ғамат,
Чӣ шавад, гар ба саломат дили ман шод кунӣ?

**Авҳадуддини Анварӣ**

3. **Саломи хушк** - фақат салом дода, аҳволпурсӣ накарда гузаштан аст.

4. **Саломи чарб** саломи меҳрубонона мебошад.

Ба саломи чарб, эй ҷон, бинавоз ҷони маро,
Ба саломи хушк хуш кун дили нотавони маро.

5. **Саломун алайк**-сулҳу амну амон ба ту! (Ин ибора ҳангоми вохӯрӣ бо ҳамдигар гуфта мешавад).

Саломун алайк, эй ҷафопеша ёр,
Куҷову чун дорӣ аҳволи кор?

**Авҳадуддини Анварӣ**

6. **Салом гуфтан** дар вақти вохӯрӣ, ба ҳамдигар дуруд гуфтан.

Хуш он мурғе, ки меомад аз боғ,
Кабӯтарро саломи боз мегуфт.

**Хусрави Деҳлавӣ**

7. **Салом кардан**, дуруд гуфтан, салом додан, таҳният ва муборакбод гуфтан. Ба подшоҳӣ бар вай салом кардан.

**“Маҷмаъ-ун-насаб”**

## ЛУҒАТ:

**Ҳамида** - писандида, нек, хуб.
**Маҳрӯён** - зебоён, хушрӯён, нозанинон.
**Боз** - номи паранда.

## САВОЛҲО:

**1.** Чаро саломро рукни асосии адаб меноманд?
**2.** Салом чӣ маъно доштааст?

## СУПОРИШ:

Панди шоиронро дар бораи салом такроран хонед.
Яке аз 7 маънои саломро аз рафиқонатон пурсед.

## ҲИКМАТ

Бачаи баадаб ҳеҷ гоҳ одоби саломро фаромӯш намекунад.
Салом диҳӣ, одоб дорӣ, одоб дорӣ, салом диҳӣ.

# САЛОМ ОДАМОНРО БО ҲАМ НАЗДИК МЕСОЗАД

Ҳанӯз аз замонҳои қадим одамон дар байни худ одоби некро тарғиб ва одоби бадро танқид мекардаанд, ки то ҳол идома дорад.

Салому алайк ва хайру хуш яке аз рукнҳои асосии ахлоқи нек ба шумор меравад. Хушбахтона, бисёр одамон ин расму русуми бобоӣ яъне “салому алайк”-ро риоя мекунанд.

Пайғамбар Довуд алайҳиссалом аз фарзандони худ чунин мақомҳоро пурсон шудааст ва яке аз фарзандонаш ҳазрати Сулаймон (алайҳиссалом) чунин ҷавоб додааст?

**1.** Мақоми имону муҳаббат дар дил.

**2.** Мақоми ақл дар сар.

**3.** Мақоми шарм дар чашм.

**4.** Мақоми қувват дар устухон аст.

Яъне ҳамин мақомҳо дар зоҳиру ботини мо ҷойгиранд.

Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки касе шарму ҳаё ва имон дорад, одоби саломро ҳам ба ҷо меорад.

Мутаассифона, дар байни мардум шахсоне ҳастанд, ки ба қоидаҳои салом риоя намекунанд. Дуруст аст, ки салом додан маҷбурӣ нест, лекин одаму одамгарӣ инро талаб мекунад. Салом, ки қарзи Худованд бошад, чӣ тавр мо онро риоя намекунем.

Бояд донем, ки дар ибтидои офариниши оламу одам авлодонамон ҳама аз як падару модар зоида шудаанд. Барои исботи ин фикр байти Саъдии Шерозиро метавон мисол овард, ки гуфтааст:

Банӣ - одам аъзои якдигаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.

Маънии байт ин аст, ки дар ибтидо ҳама мардум аз як авлод ба вуҷуд омадаанд, яъне аз Бобои Одаму Момоҳавво.

Падарро Ҳазрати Одам ва модарро Момо Ҳавво (номи зани Ҳазрати Одам) меноманд: Баъд аз он ки насли одам хеле зиёд мешавад, одамон ба ҳар канори рӯи замини бузург пароканда мегарданд.

Пас аз ин қавму халқҳои гуногун бо забонҳои гуногун ба вуҷуд меоянд, ки мо ҳам наслҳои яке аз ҳамон қавмҳоем.

Боиси таассуф аст, ки баъзан бачагоне ёфт мешаванд, ки одоб надоранд. Онҳо нисбати атрофиён беҳурматӣ карда, ҳатто салом ҳам намедиҳанд. Ҳол он ки салом додан кори савоб аст. Аз салом додан ҳеҷ кас зарар ҳам намебинад.

### ЛУҒАТ:

**Талқин мекарданд** - ёд медонад, таълим медоданд.
**Ботин** - дохил, дарун.
**Ибтидо** - оғоз, аввал.
**Алайҳиссалом** - осудагӣ бод бар вай.
**Банӣ** - писар, фарзандони амак, амакбачаҳо.
**Боиси таассуф** - боиси афсӯсхӯрӣ.

### ҲИКМАТ

Ҳусни инсон одоби некаш ва салом додан нишонаи одаму одамгарии ӯст.

## ҚОИДАИ САЛОМУ АЛАЙК

Албатта, азизон, шумо мушоҳида кардаед, ки каси ба хонаатон омада, аввал “ассалому алайкум” мегӯяд.

Ассалому алайкум маънои “салом бар ту (шумо)”-ро ифода менамояд. Аз ин хотир ба ҳарҷо гузоратон афтаду бо касе вохӯред, одоби саломро фаромӯш накунед. Дар акси ҳол шуморо масхара мекунанд ва мегӯянд: “бачаи бетарбия будааст, одамгарӣ надоштааст”. Маънои “ассалому алайкум” “сулҳу амонӣ мехоҳам бар шумо”-ро низ дорад.

Бачаю духтари боодоб дар ҳама ҷо қоидаҳои “ассалому алайкум, ваалайкум салом”-ро аз ёд намебароранд ва ин суханони сеҳрангез ҳамеша дар забонашон мебошанд.

Ҳама халқҳои дунё одоби саломү алайкро ба ҷо меоранд, вале бо тарзу усулҳои гуногун.

Масалан, мардуми мо дасти ростро ба болои дил гузошта ботаъзим салом медиҳанд, бо ду даст низ салом мекунанд ва ё аз дур сарро каме ба зер хам карда таъзим менамоянд.

Баъзе одамон агар пазмон шуда бошанду дер вохӯранд, якдигарро ба оғӯш гирифта одоби саломро ба ҷо меоранд.

Мардуми Ҳинд бошанд, ду дастро бо ҳам ҷуфт карда ба пешониашон бурда салом мекунанд.

Хулоса, касе чӣ хел салом бидиҳад, ин рамзи эҳтироми якдигар ҳисоб меёбад.

Беҳуда намегӯянд: "Салом қарзи парвардигор аст".

## САВОЛҲО:

1. Қоидаҳои салому алайк чӣ гуна будаанд?
2. Маънии ассалому алайкум, чӣ будааст?
3. Мардуми олам чӣ гуна салом мекардаанд?

## СУПОРИШ:

Қоидаҳои салому алайкро аз бар кунед.

## ҲИКМАТ

Салом диҳӣ, саломат диҳанд.
Зеро, саломи пайғом одамонро бо ҳам наздик созад.

Одамӣ одам набинад, аз кучо одам шавад?
Шамъ агар оташ набинад, аз кучо равшан шавад?

**Саъдии Шерозӣ**

## ОДОБИ САЛОМ

Салом маънии саломатиро дорад. Агар пурсанд, ки дар чанд маврид салом бояд кард, бигӯй дар ҳафт маврид:

Аввал, чун бародаронро бинӣ, салом бояд кард. Дуввум, чун дар ҷои ҷамъиятӣ равӣ, салом бояд кард. Сеюм чун ба дари хонае равӣ, пеш аз даромад бояд салом кард. Чаҳорум, ба назди гурӯҳе дароӣ, салом бояд. Панчум, ҳангоми хестан аз назди одамон салом бояд кард, ки онро саломи видоъ (ҳайру хуш) гӯянд. Шашум, ба мақбарае (қабристон) биравӣ, салом бояд кард. Ҳафтум, чун аз дари хонаи худ дароӣ, ба аҳли хонадони худ салом бояд гуфт. Дар ҳаммом салом гуфтан нашояд, касе, ки машғули қазои ҳоҷат аст, ба

касе, ки баланд китоб мехонад, салом намегӯянд. Агар дар ин мавридҳо салом доданд, алек нагиранд, гуноҳе нест.

Одоби салом чунин аст, ки шахсе, ки салом мегӯяд, бояд пок бошад, шахси савора ба пиёда, шахси истода ба нишаста, бояд салом гӯяд.

Хурдсолон ба калонсолон, одами танҳо ба одамони ҷамъ бояд салом гӯянд. Ҳангоми салом кардан кушодарӯву хандончеҳра бояд буд. На бо ишора, балки бо овоз бояд салом кард.

**Унсурулмаолии Кайковус**

## ЛУҒАТ:

**Оташ** - алов.
**Видоъ** - охирин дидор (видоъ кардан ба шахси марҳум) .
**Мақбара** - зиёратгоҳ, қабр, марқад, оромгоҳ.

## САВОЛҲО:

1. Кай ва дар куҷо салом додан ва алейк гардондан ҳоҷат нест?
2. Дар вақти салом додан ё салом кардан, одам бояд дар чӣ гуна ҳолат бошад?

## СУПОРИШ:

Дар бораи одоби салому алайк ба падару модартон нақл кунед.
Шартҳои салому алайкро аз худ кунед.
Ба ҳар ҷое равед ва дар ҳар ҷое бошед, шартҳои салому алайкро фаромӯш накунед ва ба ҷо оред.

## ҲИКМАТ

Беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастӣ сухан аст,
Гар сухан ҷон набувад, мурда чаро хомӯш аст.

**Дар куҷо салом намекунанд?**

1. Дар ҳолати ғусл.
2. Ба шахси баланд хонда истода.
3. Ҳангоми адои намоз.
4. Ба шахси суруд хондаистода.
5. Асной қазои ҳоҷат.
6. Ба шахси ҳанӯз ба чашм дуруст аённагаштаю наздикнашуда.
7. Ба одами давидаистода.
8. Ба каси дар ҷои (манораи) баланд кор кардаистода.

# ДАР ОДОБИ САЛОМ

Агар пурсанд, ки дар чанд мавзеъ бояд салом кард, бигӯй, дар ҳафт мавзеъ.

**Аввал**, чун бародари тариқро бинӣ, салом бояд кард.

**Дуюм**, чун дар роҳ равӣ, ба одамон салом бояд кард.

**Сеюм**, чун ба дари хонаи бародар равӣ, салом бояд кард.

Ва инро саломи иҷозат хостан мегӯянд.

**Чаҳорум,** чун аз мавзее, ки нишастӣ, бархезӣ ва ҷамеъ он ҷо бошанд, салом бояд кард ва инро саломи видоъ гӯянд.

**Панҷум,** чун ба мақбарае расидӣ, салом бояд кард.

**Шашум,** чун ба хонаи худ дароӣ, бар аҳли байти худ салом кун.

Агар пурсанд, ки одоби салом кардан чанд аст, бигӯй, шаш:

**Аввал,** пок бошад.

**Дуюм,** савора бар пиёда салом кунад, истода бар нишаста ва нишаста бар такязада.

**Сеюм,** он ки хурдтар аст, бояд ки бар бузургтар салом кунад ва ақалл бар аксар салом кунанд.

**Чаҳорум**, ба ишорат салом накунанд, балки ба лафз бигӯянд, ки Ассалому алайк ё "Салому алайк" ва агар ҷамоате бошанд, "ассалому алайкум":

**Панҷум,** чун ду ба якдигар расанд ва вохӯрӣ кунанд.

Агар пурсанд, ки одоби ҷавоб додан чанд аст, бигӯй, ҳафт:

**Аввал,** он ки тозарӯй ҷавоб диҳад.

**Дуюм,** он ки ба зиёда ҷавоб гӯяд.

**Сеюм,** агар касе бошад, ки хориҷи миллати ислом бошад ва бар он кас салом кунад дар ҷавоби ӯ алейк гӯяд.

**Чаҳорум,** бояд ки ба таҳорат (тозаву озода) бошад.

**Панҷум,** агар гурӯҳе истода бошанд, як нафар ҷавоби саломро диҳад, басандааст.

**Шашум,** ҷавоби салом ба лафз диҳанд на ба ишорат.

**Ҳафтум,** бояд, ки чунон ҷавоб диҳанд, ки саломкунанда шунавад.

Агар пурсанд, ки фазилати салом дар чист, бигӯй, дар он ки тақдим кунанд ва зудтар гӯянд.

**Аз "Футувватномаи Султонӣ"**

## ЛУҒАТ:

**Мавзеъ** - ҷой будани чизе, ҷой, макон.
**Бародари тариқ** - бародари роҳ.
**Видоъ** - падруд, хайру хуш, хушбошӣ.
**Мақбара** - қабристон, манзилгоҳ.
**Аксар** - зиёдтарин, бисёртар, бисёриҳо.
**Лафз** - сухан, забон.
**Ҷамоат** - гурӯҳе аз мардум, тӯда, маҷлис.
**Фазилат** - хубӣ, некӣ.

## САВОЛҲО:

**1.** Одоби салом додан чанд мавзеъ (ҷой) доштааст?
**2.** Одоби ба салом ҷавоб додан чандтост?

## СУПОРИШ:

Одоби ба салом ҷавоб гардониданро аз худ кунед.

Ба ширинзабонию лутфу хушӣ,
Тавонӣ, ки пиле ба мӯе кашӣ.

**Саъдии Шерозӣ**

## МУҲИМТАРИН ҚОИДАҲОИ САЛОМ

Салом қоидаҳои гуногун дорад, ки муҳимтаринашон инҳоянд: Агар ба хонаатон меҳмон ояд "Хуш омадед, нури дидаю тоҷи сар" гуфта, барои кашидани либосҳояш ёрӣ расонед ва баъд ба ҳуҷраи меҳмонқабулкунӣ даровварда ба нишастан таклиф кунед.

Ҳангоми рафтани меҳмон ҳам ба либоспӯшиаш ёрӣ расонида ва пойафзолашро пеш гузоштан лозим аст, то масофаи муайян гуселонида, "Хуш омадед, боз биеёд!" – гӯед. Дар вақти бо одамони калонсол вохӯрдан, аввалин шуда салом додан зарур аст ва агар онҳо даст дароз кунанд, он гоҳ ту ҳам даст деҳ. Дар вақти салом додан сарро андак хам карда, дасти ростро ба пеши бар гузоштану баъд салом додан низ қобили қабул аст.

Ҳангоми дар роҳраву кӯчаҳо роҳ рафтан аз тарафи рост гаштан ва ба хурдсолону калонсолон, духтарону занон роҳ додан одоби некӯст.

Мабодо шахсе афтода монад, ба вай зуд ёрӣ додан ҳам яке аз рукнҳои одамдӯстист.

Дар қатораю автобус, троллейбусу трамвай ба калонсолону занон ҷой додан хислати шахси баодоб аст.

Вақте ки вориди хонае мешавед, агар одамони бисёр нишаста бошанд, ба ҳар кадомашон алоҳида-алоҳида даст дода салом кардан шарт нест. Метавонед ассалому алайкум гуфта, сипас бо иҷозати мизбон ба сари миз ё болои кӯрпачаҳо гузашта шинед. Аз одамони худатон калонсолтар боло гузашта нишастан ҳам аз рӯи одоб нест. Ҳангоми нишастан, ба ҳар тараф чашм давонда, нигоҳ накунед, ки нохуб аст.

Агар пурсанд, ба сухан оғоз кунед ва ҷавоб диҳед.

### САВОЛҲО:

1. Меҳмонро чӣ тавр қабул кардан лозим будааст?
2. Ҳангоми баромада рафтани меҳмон чӣ бояд кард?
3. Ҳангоми вохӯрӣ бо калонсолон кӣ бояд аввал салом гӯяд?
4. Дар роҳраву кӯчаҳо чӣ тавр бояд рафтор кунем?
5. Одоби дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва нақлиёти мусофиркаш гаштан чӣ гуна будааст?
6. Дар вақти дар маърака бисёр будани одамон чӣ тавр бояд рафтор кард?

### ҲИКМАТ

“Дигар он ки пешдастӣ дар салом савоби азим дорад ва хостам, ки савоб ҷиҳати ту ҳосил шавад”.

**Шайх Баҳоӣ**

## САЛОМИ АВВАЛ БА КӢ ҶОИЗ АСТ?

Аввал ба куҳансолон ва баъд ба дигарон салом додан лозим аст.

Агар дар маърака, хона меҳмоне ҳузур дошта бошад, аввал бо ӯ ва сипас бо шиносҳо салом бояд кард. Вақти баргаштан аз мактаб ё сафар аввал бо падару модар баъд ба дигарон салом бояд гуфт.

Саломи дастӣ ҳоло навъи расми саломи ҳамаи халқҳои ҷаҳон гардидааст. Аз ин ҷиҳат риоя намудани тартиби он барои ҳар шахс зарур аст.

Вақти салом ё шинос шудан аввал шахси калонсол ба шахси нисбатан ҷавон, зан ба мард, муаллим ба талаба, роҳбар ба тобеон дасташро дароз мекунад.

Дар вақти саломи дастӣ ҳам тарҳи рӯи шахс бояд кушода ва хайрхоҳона бошад. Бо дасти чап танҳо одамони якдаста, ки аз дасти росташон маҳруманд, метавонанд салом кунанд.

Бо дастпӯшак, аз болои сари одамони нишаста ва аз болои мизи таъом даст дароз карда салом гуфтан, дасти рафиқонатонро сахт ларзондану фишурдан, бо дасти тар, чиркин, макрӯҳ низ салом кардан ҷоиз нест. Агар дастатон маҷрӯҳ бошад, маъзарат пурсед, ки бо даст салом кардан наметавонед.

Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ, вақти аз зина баромадан ё фуромадани назди дар, назди дари нақлиёт, назди лифт ва ғайра бо даст салом кардан мумкин нест.

Чунки саломи шумо ба дигарон халал расонда, сабаби норозигӣ, ҳатто нохушӣ хоҳад шуд.

Ҳангоми салом якдигарро ба ин ё он тараф кашидан ҳуб нест. Шумо ба ҷойи хайрхоҳӣ қувва меозмоед, ки аз ин кор дӯстатон ранҷиданаш мумкин аст. Ба китфи якдигар зада "дастатро деҳ!" - гуфта, салом кардан ҳам аз рӯи одоби эҳтиром нест. Агар дар бағалатон тифл бошад, ҳоҷат ба саломи дастӣ нест. Таъзими ором кифоя аст.

**САВОЛҲО:**

**1.** Нахуст бо кӣ бояд салом кунем?
**2.** Аввал шахси калонсол даст дода салом мекунад ё хурдсол?
**3.** Кадом салом ба ҳама халқҳои ҷаҳон расм шудааст?
**4.** Дар кадом ҳолатҳо салом кардан мумкин нест?

**СУПОРИШ:**

Хелҳои саломдиҳиро дар хотир гиред.

## ТАЪЗИМСАЛОМ

Таъзим калимаи арабӣ буда, маънояш иззату ҳурмат кардан ва бузург донистан аст.

Таъзим ишораест, ки вақти салом, изҳори сипосгузорӣ ва хайрухуш кардан ба ҷо оварда мешавад. Яъне дасти ростро дар

болои сина гузошта (ё бе он ҳам) хушҳолона ба сӯи шахс нигоҳ карда, китфҳоро ба пеш каме хам намуда таъзим менамоянд.

Масалан: ҳангоми ба касе салом додан сару китфамонро андаке хам менамоем.

Дар урфияти тоҷикон ҳам бо ду даст ва ҳам бо як даст бар сина гузошта таъзим кардан маълум аст. Инро бояд худи шахси саломдиҳанда интихоб кунад. Таъзим бо ду даст аз ҳад зиёд миннатдор буданро ифода мекунад.

**САВОЛҲО:**

**1.** Калимаи таъзим чӣ маъно доштааст?

**2.** Таъзим чӣ гуна мешудааст?

**СУПОРИШ:**

Тарзи таъзимсаломро машқ кунед.

## ОҒӮШСАЛОМ

Одамон, ҳангоми аз сафар баргаштан хешовандон, дӯстон, ҳамсояҳо якдигарро ба оғӯш гирифта мебӯсанд. Ин тарзи вохӯрӣ, ҳам дар байни мардуми шарқ ва ҳам аврупоиён маълум аст. Ин намуди салом дар урфияти тоҷикон вобаста ба зану мард фарқ дорад.

Занҳо аз масофаи наздик ҳар ду дасти якдигарро ба китфони ҳамдигар гузошта ё рухсораи чапу рости якдигарро бӯса мекунанд ва ё тарафи чапи рӯи худро ба тарафи рости рӯи ҳамдигар ва бори дигар баръакс гузошта ҷудо мешаванд.

Падару писар. Аввал писар рухсораи падарро бӯса мекунад.

Модару писар. Писар каме хам мешавад. Модар дастонашро ба китфҳои писараш гузошта, аз пешонааш бӯса мекунад.

Баъд писар пешонии модарашро мебӯсад. Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (кӯча, истгоҳ), ҳини пайдо шудани зарурати ингуна салом аввал аз роҳ, майдон, истгоҳ ба канортар гузашта салом кардан лозим, то ки сабаби ташвиши дигарон нашавад.

Агар бемор бошед ва ғарқи арақ бошед, беҳтараш дастӣ салом кунед.

Дар урфияти тоҷикон лабро бӯсидан расм нест. Кӯдаки навзодро дар оғӯши модараш бӯса намекунанд.

Оғӯшсаломро ба гӯштин низ набояд табдил дод. Дар даруни автобус ва троллейбус оғӯшсалом низ раво нест.

Хулоса, хуб мешуд, ки мардон ба ҳамон услуби вохӯрии аз аҷдодон меросмонда - саломи дастӣ ва ҳини дергоҳ якдигарро надидан оғӯшсалом қаноат мекарданд.

## САВОЛҲО:

**1.** Оғӯшсалом чӣ гуна будааст?
**2.** Занҳо (духтарон) чӣ гуна салом мекардаанд?
**3.** Падару модар ва писар чӣ гуна салом мекунанд?
**4.** Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дар кӯча ва дар чӣ ҳолат одоби саломро ба ҷо бояд овард?
**5.** Оё ҳангоми салом лабро бӯсидан мумкин аст?

## ПАНД

Дар салом ба бӯсидани дасту лаб одат накунед.

## ХАЙРУХУШ

Хайрухуш ҳангоми сафар, ҷудоӣ ва ғайра ба амал меояд. Дар забони тоҷикӣ вақти аз ҳамдигар ҷудо шудан ибораҳои зерини хайрухуш истифода мешаванд:

Хайр, хуш бошед
Хайр! То дидан! Паноҳи худо!
Хуб, то дидан!
Агар бо мақсади сафар бошад:
Хайр, роҳи сафед! Сиҳату саломат баргардед!
Бо мақсади иҷрои коре бошад:
Хайр, кушоиши кор ба шумо орзу менамоем!
Барори кор!
Хайр, зафар ёратон бод!
Агар меҳмонро гусел кунед:
Хайр, хуш бошед, боз биёед! – мегӯем.

**САВОЛ:**

Дар кадом мавридҳо хайрухуш мекунед?

**СУПОРИШ:**

Ибораҳои хайрухушро аз бар кунед.

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ СЕЮМ

**1.** Салому алайк яке аз пояҳои асосии одоби ҳамида ба ҳисоб меравад. Бинобар ин ҳар шахс бояд ин одоби некро ҳамеша ва дар ҳама ҷо ба ҷой овард.

**2.** Ҳар кас бояд ҳафт мавриди салом доданро донад, ки онҳо дар матни "Одоби салом кардан" мавҷуданд.

**3.** Ҳама одамонро ҳурмату эҳтиром намудан ва ба онҳо салом додан хислати хуби бачаи баодоб аст.

**4.** Саломро қарз донед ва кӯшед ин қарзро адо намоед.

## ОДОБИ ТАОМХӮРӢ, ҲУРМАТИ НОН

## ШАРТ ВА ҚОИДАҲОИ ТАОМХӮРӢ

Ҳар як мавҷудоти зинда бо хӯрок зинда аст.

Ба таври дигар гӯем, ҳаётро бе истеъмоли таом тассаввур кардан мумкин нест.

Таомхӯрӣ қоидаҳои хоси худро дорад. Риоя кардан ба ин қоидаҳо ҳам ба шахси калон ва ҳам хурд зарур аст. Агар кас таомро нодуруст истеъмол кунад, ё аз меъёр зиёд хӯрад, бешубҳа зиёни саломатии бадан бинад. Хуллас, таомхӯрӣ маданияти хос ва одоби махсус дорад. Яъне одоби кас на танҳо дар рафтору гуфтору кирдор, балки дар тарзи дурусти таомхӯрӣ низ будааст.

Матни зеринро хонда бо одоби таомхӯрӣ шинос шавед:

"Агар пурсанд, ки шарти таом хӯрдан дар чист, бигӯй: аввал луқмаи ҳалол пайдо кардан, сипас шукр гуфтан ва таом пок хӯрдан Суннати (қоидаи) таомхурӣ ин аст: пеш аз таом хӯрдан даст шустан, таом бо дасти рост хӯрдан…

Агар пурсанд, ки даҳ одоби таомхӯрӣ дар чист, бигӯй:

Аввал нишастан ба ҷои пок. Дуюм аз пеши худ хӯрдан. Сеюм ба луқмаи касе нанигаристан. Чаҳорум аз канораи коса хӯрдан. Панҷум ба се ангушт хӯрдан. Шашум ангушт покиза кардан. Ҳафтум косаро пок кардан. Ҳаштум агар луқма аз даст бияфтад, бардоштан. Нӯҳум дар вақти таом такя ба ҷое назадан. Даҳум баъд аз таом даст шустан. Аввал дар вақти таом хӯрдан сар нахорад. Дуюм бинӣ пок накунад. Сеюм оби даҳон наяфканад. Чаҳорум таом дар даҳон бо касе сухан нагӯяд. Агар пурсанд, чаҳор ҳикмати таомхӯрӣ дар чист, бигӯй: аввал он ки луқма хурд гирад. Дуюм хуб бихояд. Сеюм бисёр чиз нахӯрад. Чаҳорум бо шиками сер таом нахӯрад.

Агар пурсанд, ки эҳтиёти хӯрдани таом кадомҳоянд, бигӯй:

Аввал ҳеҷ таомро мазаммат накунад, агарчи бад пухта бошад. Дуюм то нафаҳмад, ки аз куҷост, таомро нахӯрд. Сеюм танҳо нахӯрад. Чаҳорум дигаронро ба косаи худ шарик гардонад, ки баракат дар сарҷамъист. Дигар ба як навъ таом қаноат кунад."

## ЛУҒАТ:

**Суннат** - қоида.
**Канора** - канор, лаб.
**Мазаммат накунад** - айб нагирад, танқид накунад.

## СУПОРИШ:

**1.** Шартҳои таомхӯриро номбар созед.
**2.** Даҳ одоби таомхӯрӣ кадомҳоянд, такроран хонед.
**3.** Ҳикматҳои таомхӯриро дар ёд гиред.
**4.** Эҳтиёти таомхӯрӣ дар чӣ будааст, аз хотир набароред.
**5.** Шарту қоидаҳои таомхӯриро аз бар намоед.

Нафсу шайтон мебаранд аз раҳ туро,
То бияндозанд андар чаҳ туро.

**Фаридуддини Аттор**

Дар байт таъкид шудааст, ки нафсу шайтон метавонанд касро аз роҳи рост бароварда шармандаю шармсор намоянд ва беобрӯй гардонанд.

Ҳар шахс бояд аз болои нафси худ ва шайтони лаин ғолиб бошад.

## ОДОБИ ТАОМ ХӮРДАН

Бояд аввал дасту бинӣ ва даҳон пок кунед… Магар он ки мизбон бошад, дасту ҷома ва дастархон олуда накунад. Ва даҳон васеъ накунад. Ва луқмаи бузург дар даҳон нигоҳ надорад. Ва ангушт дар аснои чизе хӯрдан налесад. Ва агар дар дастархон андаке таоми беҳтар бошад, ҳирс бар он нанамояд ва ишораи дигарон накунад. Ва дар луқмаи ҳамкоса нанигарад ва аз пеши худ хӯрад. Ва он чӣ дар даҳон барад, аз устухон ва ғайра, бар нону суфра нанидҳад. Ва агар устухон дар луқма бошад, пинҳон аз даҳон дур кунад. Ва аз ҳаракати нафратовар парҳез кунад. Ва чизе аз даҳон дар коса наяндозад. Ва навъе рафтор кунад, ки ҳар кӣ хоҳад бақияи таоми ӯ хӯрад, нафрат нанамояд. Ва агар меҳмондор бошад, бояд баъд аз он ки дигарон даст боз кашида бошанд, тааммул намояд, то агар касеро бақият рағбате бошад, шарм накунад. Ва агар дар миёни таом ба об эҳтиёҷ афтад, ба оҳистагӣ нӯшад, чунон ки овози даҳону ҳалқи ӯ нашунавид. Ва дар назари ҷамоат дандонковӣ накунад. Ва он чӣ бо забон ва дандон берун ояд, бихӯрад, аммо он чӣ бо хилол бароянд, ба ҷое андозад, ки мардумро нафрат нашавад. Ва дар вақти даст шустан дар пок кардани ангуштон ва бехи нохун ҷаҳди болиғ намояд ва ҳамчунин дар лабу даҳону дандон. Ва оби даҳон дар тағора наяндозад. Дар даст шӯстан пеш аз таом ба дигарон пешдастӣ наҷӯяд.

**Ҷалолуддини Даввонӣ**

### ЛУҒАТ:

**Шайтони лаин** - шайтони лаънаткардашуда.
**Ҳирс** - чашмгуруснагӣ, ҳарисӣ, орзуи аз ҳад зиёд.
**Суфра** - дастурхон.
**Бақия** - боқимонда.
**Тааммул** - интизор шавад, яъне аз гирифтани хӯрок худдорӣ кунад.
**Бақият** - боқимондаи хӯрок.
**Рағбат** - хоҳиш, майл.
**Нафрат** - танаффур кардан аз чизе.

**САВОЛҲО:**

**1.** Пеш аз таомхӯрӣ бояд чӣ кор кунем?

**2.** Ҳангоми таомхӯрӣ ба чӣ бояд эътибор дод?

**СУПОРИШ:**

Одоби таомхӯрӣ ва қоидаҳои онро аз бар кунед.

Матнро такроран хонед, то ки ба маъноят хубтар сарфаҳм равед.

Қоидаҳои таомхӯриро аз ёд кунед.

На чандон бихӯр, к–аз даҳонат барояд,
На чандон, ки аз заъф ҷонат барояд.

**Саъдии Шерозӣ**

Саъдии Шерозӣ дар ин байт ба қадри зарурӣ хӯрдани таомро таъкид кардааст ва боз хеле кам хӯрданро низ манъ намудааст. Зеро аз ғизои кам одам бе ҳолу бе мадор мешавад.

## ОРОИШИ ДАСТАРХОН

### БА ТАОМ АЙБ НАМОНЕД, КИ ГУНОҲ АСТ!

Шарти асосии таомхӯрӣ ин аст, ки кас ҳурмати ҳамагуна таомро ба ҷо орад ва ба ягон таом айб нагирад. Ба хӯроки хӯрдааш шукр кунад. Ҳозиркунандаи таомро низ сипосгузорӣ намояд.

Барои бо иштиҳои том хӯрдани таом дуруст оростани дастархон ва покии атроф низ кӯмак мекунанд.

Дар ин хусус матни зерин бароятон маслиҳатҳои хубе дода метавонад. Онро бодиққат хонед, хулоса бароред ва рафтори худро бо рафтори Шоиста муқоиса кунед.

Ноқобилони даҳр ба мақсад намерасанд,
Дунё ҳамеша дар талаби марди қобил аст.

**"Чиҳил ҳадис"**

## ДАСТАРХОНОРОЙ

Шоистаро кайҳо шумо мешиносед. Вай духтари чолоку чобук, дастёри беминнат аст. Аммо одатан дастархонро модараш меандозад.

Имрӯз Шоиста аз мактаб баргашта шодона назди ман омад:

– Бобоҷон, мо дар дарси рӯзгордорӣ ороиши дастархонро ёд гирифтем. Мехоҳед нишон диҳам?

– Албатта, ҷони бобо-гуфтам ман. – Якбора хӯроки пешин ҳам мехӯрем. Ҳозир Усмону Аскарҷон ҳам меоянд. Модарат шӯрбою гӯштбирён карда буд. Ту дастархон кушо, ман хӯрокро гарм мекунам.

Ман хӯрокро рӯи оташ монда оям, ки Шоиста дастархонро паҳн кардааст. Барои ҳар кас табақча, аз тарафи чапаш чангак, аз тарафи росташ корду чумча гузоштааст. Дар рӯи дастархон ҳамчунин намаку мурчу қаланфур ва нонҳои гармакаку нармакак низ ба тартибу мутаносиб гузошта шуда буданд. Чоюю нон-дар миёни дастархон.

Шоиста ба тарафи чапи ҳар як табақча дастмолаке гузошту дастархонро аз назар гузаронд: – Боз чӣ намерасад? Ӯ зуд сӯи ошхона тохт. Як лаҳза нагузашта аз кабудиҳои гуногун хӯрише тайёр кард. Бо як чумчаи махсус онро ҳам назди нон гузошт. Усмону Аскарҷон омаданд. Онҳо нишастанд, ки Шоиста шӯрборо ба дегчаи чинӣ кашиду ман онро сари дастурхон овардам. Шоиста як даста табақчаҳои чуқураку кафлесро овард.

Ҳама гирди дастархон нишастем. Шоиста ҳамчун кадбонуи моҳир шӯрборо ба табақчаҳои чуқурак кашида, рӯи табақчаҳо пеши ҳар кас мегузошт. Бачаҳо кордонии хоҳаракашонро дида андак дар ҳайрат монданд.

– Усмон, шалап-шалап накарда, оҳиста даҳонатро пӯшида хӯр, эрод гирифт Шоиста ба додаракаш.

Усмон норозиёна ғур-ғур кард. Ман тарафи Шоистаро гирифтам.

– Дуруст мегӯяд. Хӯрокро бесадо мехӯранд. Агар дар зери табақ камтар монад, табақро яктарафа намекунанд. Барои он ки ба дастархон ё сари зону нарезад.

Шӯрбохӯрӣ бо санъати тамом анҷом ёфт. Бачаҳо ба таоми дуюм даст бурданд. Дар ошхонаи мактаб корд намешавад. Шояд барои

ҳамин бошад, ки онҳо кордро ноӯҳдабароёна истифода мебурданд. Ман барои он ки онҳо озодонатар хӯранд, гуфтам:

– Ҳеҷ гап не. Одат мекунед. Аз рӯи қоида хӯрданро ёд мегиред. Ҳамин хел чангакро ба дасти чап, кордро ба дасти рост мегиранд. Онҳоро андак ба табақчаҳо моил доштан даркор аст. Агар чангакро рост доред, мумкин аст, ки гӯшт дар табақ лағжад ва хӯрок пош хӯрад.

Аскарҷон чангакашро сӯи хӯриш бурд, ки Шоиста пешдастӣ кард. Вай ба чумчаи махсус ба табақчаи Аскарҷон кабудӣ андохт. Дуруст! Духтаракам қоидаро хуб аз худ кардааст. Чумчаю чангаку корди худ ва хусусан дастро ба табақи умумӣ намезананд. Барои ҳамин ҳам хӯроки умумӣ, ки дар байни дастархон гузошта мешавад, чумча ё чангаки махсус дорад.

Шоиста бошад, машғулияти одоби таомхӯриро давом медиҳад:

– Агар хӯроки мо аз гӯшти кӯфта, моҳӣ ё сабзавоти пухтагӣ бошад, кордро истифода намебарем. Ин хел таомро бо чангак пора-пора карда мехӯранд. Дар ин ҳолат чангакро, албатта, дар дасти рост медоранд. Бо корд хӯрдан ҳаргиз мумкин нест, вазифаи корд танҳо аз буридан иборат аст.

Таомхӯрӣ ба охир расид. Боракалло, духтарҷон! Аммо ту низ андак ғалат кардӣ. Чангакро баъди хӯрокхӯрӣ рӯи дастархон мондӣ. Охир худат гуфтӣ, ки чумчаю чангаку кордро баъди истифода дар дастархон не, дар косаю табақ мегузоранд.

Усмону Аскарҷон косаю табақҳоро ғундоштанд. Шоиста асбоби чойхӯриро муҳайё кард: пиёла, мураббо, кулчақанд, табақчаҳои кулчақандхӯрӣ ва кулчакандгираке барои дар табақчаҳо тақсим кардани он. Бачагон чойро гардонданду рехтанд, бо чумчаю чангак кулчақанд хӯрданро хуб медонистанд.

Онҳо мурабборо нарезондаю начаконида хӯрданд. Вақти ба пиёлаҳояшон мураббо андохтан чумчаи умумиро истифода бурданд. Офарин, фарзандони доноям!

Агар одам аз аввал ба қоидаҳои таомхӯрӣ риоя кунад, ин қоидаҳо хеле осон мешаванд, ба одати муқаррарӣ табдил меёбад. Дуруст аст? Дуруст. Аммо дар сари дастархон чӣ хел мешинед? Шояд машғулияти Шоистаю додараконаш барои шумо ҳам кор ояд?

Одоби таомхӯриро ҳамеша нигоҳ доред, азизонам. Агар танҳо бошед ҳам!

**САВОЛҲО:**

1. Шоиста чӣ гуна духтарак аст?
2. Вай ҳамроҳи бобояш чӣ кард?
3. Шоиста ба додаронаш одоби хӯроккӯриро чӣ тавр ёд дод?
4. Дар кадом вақт аз ёд кардани қоидаҳои таомхӯрӣ осонтар аст?
5. Аз рафтори Шоиста шумо чӣ хулоса баровардед?

**СУПОРИШ:**

Мазмуни байти боло ба кӣ дахл дорад, гуфта диҳед.
Оростани дастархон ва тарзи дурусти хӯроккӯриро ёд гиред.

## ТАРТИБИ ХӮРДАНИ ТАОМ

Яке аз шартҳои таомхӯрӣ ин аст, ки шахс пеш аз хӯрдани таом ба одоби тозагӣ риоя кунад. Бахусус ҳангоми истеъмоли таомҳои сарҷамъӣ ва танҳоӣ аввал даст шустан ва бо сачоқ ё дастмол оби дастро пок кардан ҳам одоби асосии таомхӯрист.

Дигар шарти истеъмоли хӯроки сарҷамъӣ ин аст, ки то ҳозир шудани шахси охирин дар гирди дастархон аз тановул худдорӣ кардан лозим меояд.

Аснои хӯрдани ҳар гуна таом ё чойнӯшӣ ва ибтидои тайёр кардани хӯрок бисмиллоҳи-р-раҳмони-р-раҳим, ё ки ба номи Худои бахшоянда ва меҳрубон гуфтан зарур аст.

Ҳар кӣ аз дунё нагирад ибрате,
Ҳаст аз он мудбир ҷаҳонро нафрате.

**Фаридуддини Аттор**

Албатта, ҳамаи корро одам аз таҷрибаю мушоҳидаи ҳаёт меомӯзад, ёд мегирад.

Дар байти боло низ Аттор моро насиҳат кардааст, ки ҳар касе дар дунё таҷрибаи зиндагиро наомӯзад, аз чунин шахс ҳатто дунё низ ҳазар мекунад.

“Бидон, эй писар, ки мардуми оламро дар шуғлҳои хеш тартибу авқот падид нест ба вақту новақт нанигаранд. Хирадмандону бузургон миёни ҳар коре вақте ниҳода ва ҳадду андоза падид карда, то корҳои эшон ба якдигар наёмезад. Ва хидматгорони эшонро низ маълум бувад, ки ба ҳар вақт ба чӣ кор машғул бояд будан то шуғлҳои эшон ҳама бар низом бошад. Аммо аввал таҷрибаи таом хӯрдан бидон, ки одати мардумони бозорӣ чунин аст, ки таом бештар ба шаб хӯранд ва он сахт зиён дорад.

Ва мардумони мӯҳташам ва хос дар шабонарӯз як бор беш таом нахӯранд. Ва ин тариқи хештандорӣ аст. Валекин тан заиф гардаду бекувват. Пас чунон бояд, ки мардуми мӯҳташам бомдод ба хилват андак моя тановул кунад ва он гоҳ берун ояд.

Аммо таом ба шитоб махӯр. Оҳиста бош. Ба сари хон бо мардумон ҳадис ҳамекун, чунон ки дар шарти ислом аст. Валекин сар дар пеш афканда дор ва дар луқмаи мардумон манигар”.

**Унсурулмаолии Кайковус**

## ЛУҒАТ:

**Мудбир** - бадбахт.
**Шуғл** - машғулият, кор касб, ҳунар.
**Авқот** - ҷамъи вақт.
**Падид** - намоён, ошкоро, зоҳир.
**Наёмезад** - наомезад, омехта насозад.
**Эшон** - онҳо, онон.
**Тухма** - сахтшавии меъда, бадҳолӣ аз зиёд хӯрдан, касалии меъда.
**Низом** - тартиб, интизом, услуб.
**Сутурон** - чорпоён, ҳайвонҳо.
**Заиф** - суст, беқувват, бемадор.
**Мӯҳташам** - бузург.
**Моя** - чизе, мавод.
**Тановул** - хӯрдан.
**Ҳадис** - нақл, ривоят, сухан.

## САВОЛҲО:

**1.** Ба мардуми омма чаро вақту бевақт хӯрок хӯрдан мумкин будааст?

**2.** Бузургону хирадмандон корҳояшонро чӣ тавр иҷро мекардаанд?

3. Мардумони бозорӣ чӣ гуна хӯрок мехӯрдаанд ва чаро чунин хӯрдан зиён доштааст?
4. Хизматчиёни ҳарбӣ чӣ гуна таом мехӯрдаанд?
5. Ҳайвонот хӯрокашонро чӣ гуна мехӯранд?

### СУПОРИШ:

Одамони бузург, авлиёҳо дар як шабонарӯз чанд маротиба таом мехӯрдаанд?
Магар дар хӯрокхӯрӣ ба саросемагию шитобкорӣ роҳ додан мумкин аст?
Чаро ҳангоми хӯрдан сухангӯӣ манъ будааст?
Ба луқмаи дигарон нигаристан аз рӯи одоб аст?

### ҲИКМАТ

Хӯрок барои зиндагии инсон хеле зарур аст.

### ПАНД

Луқмаро дар даҳон хуб хоида, баъд фурӯ баред.

## КУЛЧА

Ҳангоми таом хӯрдан хусусан дар ҳолати дар даҳон доштани луқма сухан гуфтан ҷоиз нест.

Саросема нашуда луқмаи даҳонро дуруст хоида баъд фурӯ бурдани он низ муҳим аст.

Аснои хӯрдани хӯроки сарҷамъӣ пеш аз одамони ба синну сол аз худатон калон ба табақ ё дастархон дастдарозӣ кардан аз рӯи одоб набувад.

Раво бошад, ки ҳар кас аз табақ ё дастархон аз назди худ хӯрад ва ба хӯрданиҳои пеши дигарон буда ҳарисона чашм надӯзад ва нагирад.

Ба луқмаи дигарон ва тарзи хӯрдани ҳамтабақон нигаристан ҳам беодобист.

Нонро азиз доштан ва ҳурматашро ба ҷо овардан хислати бачаи баодоб аст.

Нон бароямон неъмати аз ҳама чиз азизу муқаддас ба шумор меравад.

Агар кас ба гуфтаҳои боло пайравӣ кунад, мисли Сӯҳроб ба чунин ҳолати ногувор ҳеҷ гоҳ рӯ ба рӯ намешавад. Зеро:

Нон мебошад баҳри мо,
Неъмати бас бебаҳо.

**Бозор Боронов**

Сӯҳроб бисёр гушна буд. Мехост, ки зудтар кулчаро ба даст ораду ба даҳон андозад. Аммо кораш омад намекард. Ҳамин ки ба кулча наздик мешуд, вай мисли барги хазони каду парида дуртар мерафт. Сӯҳроб бо афсӯс оби даҳон фурӯ мебурду бас. Зиндагӣ аҷоиб. Дирӯз ҳангоми танаффус яхмос харида хӯрд. Ба нон эҳтиёҷ намонд. Баъди дарс Сӯҳроб нахост, ки кулчаро ба хона боз орад. Сари роҳ болои қуттии телефон партофту ҳуштаккашон ба хонаашон давон шуд.

Ана, акнун ҳамон кулча аз Сӯҳроб мегурезад. Бача бисёр гушна аст, нон хӯрдан мехоҳад. Аммо кулча намехоҳад, баробари наздик омаданаш парида дуртар меравад.

- Як дам ист, - илтиҷо мекард Сӯҳроб.

- Не! - қатъӣ гуфт кулча ва дуртар парида рафт.

- О, ту бегона не-ку? Кулчаи бибиам пухтагӣ.

- Ҳа, ман ҳамон кулчае, ки бибиат бо сад азоб пухта буданд. Барои ту пухта буданд. Аммо ба қадри меҳнати бибиат ва ба қадри ман нарасидӣ. Ман аз ту қаҳрӣ! - гуфт кулча.

- Ман бисёр гушна, - гиря кард Сӯҳроб.

- Гиря ҳам кунӣ, ба ту раҳм намекунам. Чунки худи ту бераҳм. Маро болои қуттии телефон партофта рафтӣ, - паст наомад кулча.

- Дигар намекунам, қасам мехӯрам, - фиғон бардошт бача.

Кулча дар ҷояш истод. Сӯҳроб худро шодона ба сари нон партофт. Аммо кулча чаққонӣ карду худро канор гирифт.

- Чӣ кор кунам, ки ба ман бовар кунӣ! - ба чашми тар ба кулча рӯ овард Сӯҳроб. - Охир, ман бисёр гушнаам.

Кулча хез заду болои санги калони канори роҳ баромад. Офтоб сӯзон буд. Аз болои гушнагӣ боз ташнагӣ зам шуд. Ҳалқи Сӯҳроб хушкид.

- Раҳм кун, кулчаҷон... - Сӯҳроб часпида ба болои санг баромаданӣ буд, ки пояш лағжид ва аз баландӣ сарозер ба рӯи хоки тафсон афтид.

Афтоду аз хоб бедор шуд. Бедор шуд, ки болои каташ хоб асту сару рӯяш арақшор. Кулчаи дирӯз болои қуттии телефон партофтааш ба ёдаш расид. Аз ҷояш парида хест.

- Имрӯз дарс не-ку, ба куҷо метозӣ? - шитоби ӯро дида бо ҳайронӣ пурсид модараш.

Сӯҳроб аз дар баромада гуфт:

- Кулчаамро ёфта меорам.

- Кадом кулчаро? - пурсид модараш.

Аммо Сӯҳроб саволи модарашро нашунид. Зеро аллакай рафта буд.

**Гулназар Келдӣ**

## САВОЛҲО:

**1.** Чаро кулча аз Сӯҳроб мегурехт?
**2.** Оё Сӯҳроб нисбати кулча дуруст рафтор кард?
**3.** Ранҷиши кулча аз Сӯҳроб дуруст аст ё не?

## СУПОРИШ:

Оиди ҳикоя хулосаатонро баён кунед.
Нонро эҳтиёт кунед, азизон.

Байтҳоро аз ёд кунед:

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.

**Мирзо Турсунзода**

## ПАНД ШУНАВУ ПАНД ГИР

Дар хусуси хӯрдани таом ва риоя кардан ба қоидаҳои таомхӯрӣ аз дарсҳои гузашта бисёр чизҳоро омӯхтед ва аз бар кардед. Аммо дар “Чаҳор китоб” боз ба бисёр саволҳои беҷавоб посуххои саҳеҳ дода шудааст, ки ҳар бачаи боақлу ҳуш бояд онҳоро хонад ва баҳра бардорад.

Бо одоби таомхӯрӣ шинос шавед, азизон ва онҳоро дар хотир гирифта дар зиндагӣ корбаст намоед.

Дар байти зер гуфта шудааст, ки ҳамду сано ва шукри беҳад ба Худои меҳрубон мекунем, ки моро аз як мушт хоки сиёҳ офариду ҷон бахшид, то аз ҷаҳони зебо баҳра барем ва дунёро обод гардонем.

Ҳамди беҳад мар худои покро,
Он ки ҷон бахшид мушти хокро.

**Аз “Чаҳор китоб”**

“...Агар пурсанд, ки дар таом хӯрдан чанд чиз адаб аст? Ҷавоб бигӯ, ки бисту шаш чиз адаб аст: аввал он ки бихӯрад баъд аз гуруснагӣ; дуввум, пок кунад дасти худро ба миндил (дастмол); саввум, он ки нигоҳ дорад худро аз таом қабл аз серӣ; чорум, даҳонро пур накунад; панҷум – пеш аз бузургон даст набарад ба таом; шашум – луқмаро хуб хояд... нӯҳум – то даҳонаш холӣ нашавад, луқмаи дигар набардорад; даҳум – сари худро баъд аз луқма бардорад; ёздаҳум-дувоздаҳум – ба луқмаи ғайр назар накунад; таомро гарм нахӯрад; сездаҳум – мебуда бошад чашмаш ба сӯи он чӣ мехӯрад; чордаҳум – гардонад рӯи худро ҳар гоҳ ки сулфа кунад ё ки атса диҳад; понздаҳум – он чизеро, ки хориҷ шавад аз даҳонаш, мисли устухон ва ғайра он ба дасти чапаш нигоҳ дорад; шонздаҳум – фурӯ набарад, луқма дар сирка аз ҷиҳати он ки ғайри ӯ макрӯҳ медорад; ҳафтдаҳум - наандозад дасташ дар коса то он ки наандозад соҳибаш даст дар коса; нуздаҳум – вақти хӯрдан сукут кунад... меҳмон ва ё мариз... бисту якум – луқмаро чунон бардорад, ки чизе нарезад ба табақ, ё сурфа; бистудуввум – он ки аз худ кунад зарфро аз ходим ба дасти рост ва гоҳ, ки фориғ шавад, низ ба дасти рост супурад; бистусаввум - бисёр нахӯрад, то шикамаш пур шавад; бистучорум - он ки резад обро аз даҳон бар тašт ба мулоиматӣ, ки то ба даст ва либоси касе нарезад; биступанҷум – об нахӯрад аз он об, модоме, ки аҳли маҷлис машғул бошад ба шустани даст, то фориғ нашавад; бисту шашум – дасташро бишӯяд пеш аз таом ва баъд аз таом...”.

**Аз “Чаҳор китоб”**

## ЛУҒАТ:

**Ҳамди беҳад** - сипоси беҳад, сипоси беҳудуд, бисёр.
**Сирка** - моеи хеле турш, ки аз дигаргуншавӣ ва вайрон шудани шарбати ангур ё ширaи меваҳои дигар ҳосил мешавад.

## САВОЛҲО:

**1.** Таомхӯрӣ чанд чиз адаб доштааст?
**2.** Хӯрдани таоми зиёд чаро зиён оварад?

## СУПОРИШ:

Қоидаҳоеро, ки дар хӯрдани таом заруранд, дар хотир гиред.

## ҲИКМАТ

Кам-кам хӯру ҳар дам хӯр.

Моли дунё хоксоронро диҳанд,
Оқибат парҳезкоронро диҳанд.

## НОН ВА ТИЛЛО

(афсонаи арабӣ)

Аббос ном деҳқон марди камбағал буд. Ӯ тамоми рӯз кор мекард, то ки қути лоямуте барои худ ва аҳли оилааш пайдо кунад. Дар лаҳзаҳои холигӣ ва дамгириаш орзу мекард, ки хазинае ёбад ва ӯро аз эҳтиёҷмандӣ халос кунад.

Боре дар яке аз рӯзҳои гарм Аббос мисли одат дар саҳро кор мекард. Ӯ бисёр хаста шуда, зери сояи дарахте нишаст ва ғарқи орзую хаёлҳои нек шуд. "Агар худованд ба ман қувваи сеҳрнок медод ва ман ҳар чизеро, ки медоштам, ба тилло табдил меёфт, он гоҳ ман аз меҳнати вазнин халос шуда, хушбахтона ҳаёт мегузаронидам".

Ва нохост ба гӯшаш овозе расид:

- Эй Аббос! Ту ҳозир ноили он чизе мешавӣ, ки орзу дорӣ! Дастатро ба болои ягон чиз гузор - ҳамон лаҳза ба тиллои соф табдил меёбад.

Аббос ба гӯшҳои худ бовар намекард. Бо вуҷуди ин ӯ дасташро ба замин дароз намуда, сангчаеро ба каф гирифт. Дасташ расам

нарасам сангча ба тиллои соф табдил ёфт. Баъд Аббос дасташро ба санги дигаре дароз кард – он ҳам ба тилло мубаддал шуд.

Аббос бисёр хурсанд шуд ва ба фикр фурӯ рафт: "Ман ҳозир ба шаҳр рафта гарду чанг ва сангҳоро ба тилло табдил медиҳам... Баъд замини бисёр мехарам, дар соҳили баҳр қасри боҳашамат месозам ва дар атрофаш боғи калоне барпо мекунам... Ман аспҳои хӯшрӯи тездав ва либосҳои ба танам хубу шинам мехарам...".

Хост, ки аз ҷояш хезад, аммо аз хастагӣ, гуруснагӣ, бемадорӣ, ташнагӣ натавонист.

Канӣ, он чизеро, ки пагоҳӣ аз хона овардам, хӯрам – қарор дод ва дасташро ба тарафи хӯрокҳои овардааш дароз намуд, ки дар латтае печонида шуда буданд ва он буғча зери дарахт буд. Аббос онро гирифта ба даҳон гузошт ва ҳис кард, ки оҳан аст. Нон ба тилло табдил ёфтааст!

Дар халтача боз як пиёз ҳам буд. Аббос зуд онро ба даст гирифт. Лекин онро ҳам хӯрда натавонист, чунки пиёз дар пеши чашмаш ба порачаи тиллои рехташуда табдил ёфт.

Аббос сахт тарсид. Чӣ хел акнун ӯ менӯшад ва мехӯрад? Дар ин дунё танҳо бо як тиллоҳо чӣ хел зиндагӣ мекунад? Охир ӯ порчаи аз ин тиллоҳои бо роҳи осон ба даст омадаро истифода набурда ба зудӣ мурда меравад.

Аббос чӣ хел бо азоб аз ташнагию гуруснагӣ мурданашро пеши чашм овард. Охир ӯ ба ҳар чизе, ки даст мерасонд, ба тилло табдил меёфт.

Нохост Аббос чашмонашро бо ҳарос кушода дид, ки ба дарахт такя карда хобаш бурда будааст. Гӯё аз китфаш кӯҳ афтида бошад, нафаси сабук кашид.

- Шукри худо, хайрият, ки ҳамаи ин дар бедорӣ не, дар хоб буд! - худ ба худ гуфт Аббос.

**Комили Мусофир**

## ЛУҒАТ:

**Қути лоямут** - хӯроки каме, ки одамро аз гуруснагӣ ва мурдан наҷот медиҳад.

**Хаста** - шалпар, мондашуда, бефара шудан.

**Ноил** - муяссар, сазовор.

## САВОЛҲО:

**1.** Аббоси камбағал чӣ кор мекард ва дар хобаш чиро дид?
**2.** Чаро Аббос тиллои зиёд доштанро орзу мекард?
**3.** Ҳангоми ғанаб бурданаш ба гӯшаш чӣ садо расид?
**4.** Аббос чаро хурсанд гардид ва шукр кард, ки ин ҳама воқеа дар хоб будааст?

## ПАНД

Ба қадри нон бирасед, азизон!

## ҲИКМАТ

Биёед гӯем; Ташаккур! Ташаккур! Ташаккур ба ту нон!

Нон бар мо давлати дунё бувад,
Нон бар мо аз ҳама боло бувад.

**Неъмат Бахром**

## НОНРО АЗИЗ ДОРЕД

Нонро аз ҳама чиз баландтар донистан ва нонрезаро аз замин чидану ба дидаҳо молидан сифати бачаи баодоб аст.

Пеш аз пурра сер шудан нону таом хӯрданро қатъ кардан низ ба саломатӣ манфиати бисёр орад.

Аммо нони сӯхтаро хӯрдан ба саломатии кас зиён меорад, чунонки ин ҳодиса ба сари як марде омада будаасту рӯ ба сӯи хонаи табиб оварда, мадад пурсидааст.

Дар мисраъҳои зерин таъкид шудааст, ки агар кас ба роҳати аз ҳад зиёд дил набаста ба каму беш қаноат кунад, ӯ ҳеҷ гоҳ мӯҳтоҷи касе нашавад ва ҳамеша сарбаланд гардад.

Гар ҳамехоҳӣ, ки гардӣ сарбаланд,
Эй писар, бар худ дари роҳат бубанд.

## ҲИКОЯТ

Марде назди табиб омад ва аз дарди шикам беқарор гашта дар замин меғалтид ва аз сахтии алам зор-зор менолиду даво металабид.

Эй табиб, охир илоҷе кун, ки кор аз даст рафт.

Табиб аз вай пурсид, ки "имрӯз чӣ хӯрдаӣ? Марди соддадил гуфт: "Пораи нони сӯхта хӯрдаам ва аз он ғизо, ки мисли ангишт буд, танӯри меъдаам месӯзад".

Табиб ба мулозимон фармуд доруе, ки ба чашм равшанӣ диҳад, биёред то чашми ин касро дору кашам". Он шахс фарёд баркашид:

- К-охир чӣ маҳалли ҳазлу бозист!
Вақти аҷал асту ҷонгудозист!

- Эй табиб, шӯхиро як тараф мон, ман аз дарди шикам менолам, пас ту ҷавоҳири дору дар чашми ман мекашӣ. Доруи дидаро ба дарди шикам чӣ нисбат?

Табиб гуфт:

- Мехоҳам, ки чашми ту равшан шавад ва сиёҳро аз сафед фарқ карда тавонӣ, то дигар нони сӯхта нахӯрӣ. Пас туро илоҷи чашм аз давои шикам лозимтар аст.

**Аз "Калила ва Димна"**

## САВОЛҲО:

**1.** Мард аз табиб чӣ хоҳиш кард?

**2.** Табиб аз асли воқеа чиро пурсон шуд?

**3.** Чаро табиб ба ивази давои шиками бемор чашмашро табобат кардан хост?

**4.** Аз ҳикоят чӣ хулоса мебароред?

## ҲИКМАТ

Тозагию покизагии кас гарави саломатии ӯст.

Оқил он бошад, ки ӯ шокир бувад,
В-он гаҳе бар нафси худ қоҳир бувад.

Дар байт таъкид шудааст, ки шахс агар ба неъматҳои мавҷуда шукр кунаду сипосгузор бошад, бе душворӣ ӯ албатта, аз болои нафс ҳам ғолиб меояд.

## ҚОИДАИ ТАОМХӮРӢ ВА НӮШИДАНИ ОБ

Чунонки мегӯянд, ҳар як кор вақту соати муайяни худро дорад. Шумо гумон мекунед, ки таомхӯрӣ ва обнӯшӣ вақти муайян надоранд? Не, албатта.

Дар хӯрдани таому нӯшидани об ҳам одамон вақт ва тартиби муайян ҷорӣ кардаанд, ки ба ин маънӣ дар матни зерин ишора рафтааст:

"Агар пурсанд, ки ҳафт эҳтиёҷ кадом аст, бигӯй:

**Аввал,** он ки ҳеҷ таомро мазаммат накунад, агарчи бад пухта бошад.

**Дуюм**, то таҳқиқ накунад, ки аз куҷо аст, нахӯрад.

**Сеюм,** танҳо чизе нахӯрад.

**Чаҳорум,** ҷамъеро дар косаи худ шарик гардонад.

**Панҷум,** таоми муҳобот нахӯрад, яъне таоме, ки шахсе пухта бошад, барои ном ва даъво.

**Шашум,** аз таоми таъзият бипарҳезад, ки шояд ятимеро дар он ҳақ бошад.

**Ҳафтум**, бар як навъ аз таом қаноат кунад.

Агар пурсанд, ки аркони ошомидани об чанд аст, бигӯй:

**Аввал,** он ки дар зарфи зару нуқра об нахӯрад, аммо аз заркӯбу нуқракӯб ҷоиз бошад, ба шарти он ки даҳон ба мавзеи зару сим нарасад.

**Дуюм,** зарф пок бошад, олудаву наҷас набувад.

Агар пурсанд, ки шаш суннат кадом аст, бигӯй:

**Аввал,** он ки ба се дам об хӯрад.

**Дуюм,** ҳар бор зарфи об аз даҳон боз гирад.

**Сеюм,** нафас дар зарф надамад.

**Чаҳорум,** он ки нишаста об хӯрад ва бар пой ҷоиз аст ва аммо авло он бошад, ки нишаста хӯрад.

Агар пурсанд, ки се адаб кадом аст, бигӯй:

**Аввал,** он ки аз зарфи бузург ва аз машк об нахӯрад.

**Дуюм**, агар соқии маҷлис бошад, охири маҷлис об хӯрад.

**Сеюм,** агар нишаста бошад ва об хӯрад, зарфро ба ҷониби рост диҳад на ҷониби чап.

Агар пурсанд, ки дар вакти хӯрдани об ба кӯза чӣ мегӯянд, бигӯй: Ба забони ҳол мегӯянд, ки ман шабу рӯз дар хидмат ба сар давидам, то ин соат ба мақсади худ расидам.

Агар пурсанд, ки азизе, ки об мехӯрад ва ҷамъе, ки ҳозиранд, чӣ мегӯянд? Бигӯй: Маънӣ он аст, ки умр чун мегузарад ва ба ҳар як дам эътимод нест, чун касе об бихӯрад, мумкин аст, ки ҳанӯз он об ба ҷигар нарасида даргузарад ё об дар гулӯ гирад ва нафас мунқатеъ шавад".

**Аз "Футувватномаи Султонӣ"**

## ЛУҒАТ:

**Оқил** - доно.
**Шокир** - шукркунанда, шукргузор.
**Қоҳир** - ғолиб, дастболо, киноя аз ғалаба болои нафас.
**Мазаммат** - накӯҳиш, сарзаниш.
**Таъзият** - сӯгвор, ҳамдардӣ, худоӣ.
**Мунқатеъ** - манъ, қатъ, монеъ.

## СУПОРИШ:

Ҳафт эҳтиёти таомхӯриро номбар кунед.
Қоидаҳои обнӯширо гуфта диҳед ва аз рӯи ин қоидаҳо амал кунед.
Матнро такроран хонед ва мазмунашро аз ҳамдигар пурсед.

## ПАНД

Агар илоҷ бошад, танҳо хӯрок нахӯред.

## ҲИКОЯТ ВА ПАНДҲО

Ҳар як махлуқ дар рӯи замин нафс дорад, яъне барои зинда монданаш бояд чизе бихӯрад. Аз ҷумла, инсон низ баҳри муҳайё кардани ризқу рӯзии хеш мекӯшад, то худро аз гуруснагӣ наҷот диҳад.

Аммо нафсро, ки хоси ҳамагон аст, бисёр сар додан ва онро ба худ мутеъ накардан аз камоли нодонӣ аст.

Чунонки як писари баднафс бо падари худ дар хусуси хӯрдани таом баҳс мекунад. Аммо падар ӯро насиҳат мекунад, ки: "Писарам, нафсро нигоҳ дор, аз андоза зиёд махӯр, ки зиён оварад". Аммо писари якрав ба кам хӯрдан розӣ намешавад.

Ҳол он ки дар байти зерин ин маънӣ чунин таъкид ёфтааст:

Чун шутурмурғ шинос ин нафсро,
Не кашад бору на паррад бар ҳаво.

Оре, нафс чун шутурмурғ калон буда, серӣ ҳам надорад. Ва шутурмурғ ҳарчанд калон бошад ҳам, ба осмон парида натавонад ва лаззати парвозро ҳам надонад. Нафс низ чунин буда ба кас манфиате наоварад ва ҳеҷ гоҳ қонеъ ҳам нашавад. Ба ин мақсад пеши роҳи нафсро гирифтани ҳар инсон аз камоли доноист, азизон!

"Яке аз ҳукамо писарро наҳй кард аз бисёр хӯрдан, ки серӣ мардумро ранҷур кунад.

Гуфт:

- Эй падар, гуруснагӣ халқро бикушад. Нашунидаӣ, ки зарифон гуфтаанд: ба серӣ мурдан беҳ аз гуруснагӣ бурдан.

Гуфт:

- Андоза нигоҳ дор".

Бо он ки дар вуҷуди таом аст ҳаззи нафс,
Ранҷ оварад таом, ки беш аз қадар бувад.
Гар гулшакар хӯрӣ ба такаллуф зиён кунад,
В-ар нони хушк дер хӯрӣ, гулшакар бувад.

Макун, гар мардумӣ, бисёрхорӣ,
Ки саг з-ин мекашад бисёр хорӣ.

**Саъдии Шерозӣ**

## ЛУҒАТ:

**Ҳукамо** - ҳакимон.
**Наҳӣ** - манъ, манъ кардан, боздоштан.
**Зарифон** - хушсӯҳбатон, хуштабъон.
**Заъф** - сустӣ, нотавонӣ, беқувватӣ, бемадорӣ.
**Ҳаз** - баҳра, насиба, ҳисса.
**Такаллуф** - зӯрбазӯракӣ аз ғайри майлу хоҳиш.

## САВОЛҲО:

**1.** Ҳаким ба писари хеш чӣ насиҳат кард ва писар чӣ гуфт?
**2.** Пандҳои дигар чӣ маънӣ доранд?
**3.** Бисёрхӯрӣ чӣ зарар дорад?

## ПАНД

Ғизои кам шифоангез бошад,
Давои дардҳо парҳез бошад.

**Бадриддин Ҳилолӣ**

Дар байт шоир хӯрдани таоми камро таъкид карда, парҳезро давои тамоми дардҳо шумурдааст.

Шумоён ҳам ба ин панди пурқимат пайравӣ кунед.

### ПУФАК
(афсона)

"Нафси бад-балои ҷон", - гуфтаанд, ки ҳақ асту рост.

Оре, нафсро сар додан ва онро идора карда натавонистан ба кас бадбахтӣ оварад.

Бо ин мақсад ҳар шахс бояд нафсро тобеи худ гардонад ва онро идора карда тавонад. Дар акси ҳол ба ҳамон ҳолате меафтад, ки он ба сари пуфаки баднафсаки якравак омада будаасту ӯро ба фалокат дучор намудааст.

Агар ӯ ба мазмуни байти зер амал мекард, чунин ҳодиса рух намедод, ки гуфта шудааст:

Кас ҳаргиз ба гуфтаи нафс наравад, балки то метавонад, онро мутеъ ва ғуломи худ гардонад.

Ҳар чӣ фармояд, хилофи он кунӣ,
Нафсро он беҳ, ки дар зиндон кунӣ.

Буд набуд, як пуфак буд, пуфаки лӯндаяки баднафсаки кӯчадавак буд. Як рӯз ғелон-ғелон рафта истода буд, ки аз рӯ ба рӯяш як пишак баромад.

Эй пишаки дайду, куҷо меравӣ? - гуфт пуфак. Пишак гӯшашро сиху чашмашро ало карда гуфт:

- Эй тулуми пурбод, ба ман чӣ кор дорӣ?

- Туро мехӯрам! - гуфт пуфак ва пештар омаду "ҳаппӣ" карда, пишакро хӯрду монд. Пуфак боз ғелон-ғелон рафт, ки як сагчаро дид.

- Ҳой сагча, ман туро мехӯрам, - гуфт вай.

- Аз дандонҳои тезам наметарсӣ? - гуфт сагча ва ак-ак карда пеш омад. Аммо пуфак "ҳаппӣ" карда, ӯро ҳам хӯрд. Пуфак боз ғелон-ғелон рафт ва як корвони шутурро вохӯрд. Шутурҳо ҳама кақовадору кақовахо ҳама пури бор. Пуфак ба соҳиби корвон гуфт:

- Ҳой сорбон, ҳамин шутури сафедатро ман мехӯрам!

- Аз сари роҳ гурез! Нагурезӣ, ҳамин шутур бо пойҳои рафидааш туро ба замин парчин мекунад, - гуфт сорбон.

- Пуфак як хандиду "ҳаппӣ" карда, корвонро бо бору соҳибаш хӯрд. Сонӣ, ғелида-ғелида мерафт, ки аз пешаш як рама баромад.

- Чӯпон! - гуфт пуфак, - ба ман як баррачаю як бузғола те, мехӯрам.

- Мехӯрӣ! - Бо ҳамин асоям якта мезанам, пора-пора мешавӣ! - гуфт чӯпон.

Пуфак ин гапро шунида, хашмгин шуду рамаро рамабонаш қатӣ мижа назада фурӯ бурд. Хӯрду боз ғелон-ғелон рафт. Ин дафъа аз пешаш як галаи асп баромад. Пеши галабон омада:

- Ҳой галабон, якта аспи бодпо деҳ, ки савор шуда, ба хона равам. Агар не гӯӣ ҳамаи аспонатро мехӯрам!

- Галабон ба гапи пуфак хандиду гуфт:

- Эй пуфаки бод, аз роҳат намон, ҳозир ҳамон аспи бодпоро мегӯям як лағад мезанад, ки ба осмон мепарӣ!

- Ҳоло ҳамин тавр гӯй, - гуфт пуфак ва як "ҳаппӣ" карда, галаю галабонро фурӯ бурд. Баъд тамоман дам кард. Базӯр-базӯр мерафт, ки аз пешаш як пиразан баромад.

- Ҳой кампир, ман туро мехӯрам! - гуфт пуфак. - Одати ман ҳамин ҳар кию ҳар чиро бинам, мехӯрам!

Пиразан андаке фикр карду.- Майлаш пуфакҷон, - гуфт. - Ман розӣ. Лекин аввал ба хонаам даро, меҳмон шав, аз раҳи дур омадӣ, камтар дам гир, чизҳои хӯрдагиатро ҳазм кун, маро баъд, бафурҷа мехӯрӣ!

Пуфак розӣ шуду ба хона даромада гирди сандалии пиразан паҳлу зад. Гармии сандалӣ таъсир карду хоби пуфак бурд. Пиразан фурсатро ғанимат дониста, оташгираки тафсонро гирифта ба бадани тулуми пуфак зер кард. Пуфак паққӣ карду кафид, аз дарунаш пишаку сагча бо галабону аспонаш, сорбону шутури

қатораш, рамабон бо бузу гӯсфандонаш баромаданд. Пишаку сагча ба пиразан хизматгор шуданд. Сорбон як шутури сафедро бо бораш, рамабон як бузро бо бузғолааш, галабон як байталро бо тояш ба пиразан бахшид.

Пиразани камбағал якбора соҳиби молу ҳол шуду дигар азоб накашида, зиндагӣ карда гашт.

### ЛУҒАТ:

**Хилоф** - зид, муқобил.
**Бафурча** - осуда, ба осудагӣ, бафурсат.
**Тулум** - фарбеҳ.
**Сорбон** - раҳнамои корвон.

### САВОЛҲО:

1. Пуфак ҳангоми сафар бо киҳо вохӯрд, бо онҳо чӣ тавр муносибат кард?
2. Пиразан ба пуфак чӣ шарт гузошт ва оқибат чӣ шуд?
3. Оқибати баднафсӣ ба пуфак чӣ овард?
4. Барои некии пиразан чиҳо тӯҳфа шуданд?

### ҲИКМАТ

Бо некон - некӣ,
Бо бадон - бадӣ.

## ДАР ГИРДИ МИЗИ ХӮРОКХӮРӢ

Агар барои чойнӯшӣ ё хӯроки субҳгоҳон, нисфирӯзӣ ё бегоҳ даъват кунанд, дар вақти муайяншуда ҳозир шав. Дар гирди миз то вақте ки занҳо нанишинанд, ё соҳибхона ба нишастан таклиф накунанд, нанишин.

Ба миз бисёр наздик ё дур нанишин. Сачоқро ба гиребон не, рӯи пойҳоят гузор. Хӯрокро аз охиру аз мобайни табақ нахӯр. Баъди тановули хӯрок бо хоҳиши дуюмбора гирифтани хӯрок косаатро дароз накун. Бигзор ин корро пешхизмат ба ҷо орад.

Беҳтараш умуман дуюмбора хӯрок маталаб. Рӯи зарфи хӯрок бисёр хам нашав. Ба қадри имкон рост биншин. Агар аз

дастархон чизе гирифтан хоҳӣ, рӯи зарфи каси дигар хам шуда ӯро ноҳинҷор накун.

Нонро бо чангак не, бо даст гир. Нонро пора карда хӯр. Нони бутунро нагаз. Ба нони бутун маска намол. Ба пораи хурди нон маска молида хӯр. Бо нӯги корд чизе нахӯр. Кордро ҳеҷ гоҳ сӯи даҳон набар. Бо ёрии корд ба чангак хӯрданӣ нагузор.

Тез-тез хӯрок нахӯр. Калон-калон луқма нагир. Оринҷҳоро рӯи миз намон, ба паҳлуҳо ҷафс намо. Чизеро, ки бо чангак хӯрдан мумкин бошад, бо қошуқ нахӯр.

Баҳри хӯрдани охирин қошуқи шӯрбо ва дигар намуди хӯрок ё пораи охирини гӯшт ҷадал нанамо.

Устухонро ба коса туф накун, чангакро ба лабонат гузошта онро аз даҳонат гиру ба тақсимча гузор. Донаи меваро оҳиста ноаён ба қошуқ андоз.

**САВОЛҲО:**

**1.** Дар гирди миз чӣ гуна бояд нишаст?

**2.** Оё дуюмбора хӯрок талаб кардан мумкин аст?

**3.** Нонро бо чӣ бояд гирифт?

**4.** Тез-тез хӯрдани хӯрок магар аз рӯи одоб аст?

**ПАНД**

Одоби таомхӯриро ёд гиред.

## ОДОБИ ТОЗАГӢ ВА ХӮРДАНИ ХӮРОК

Агар дар назди пешхизмат истода бошед, аз шахси ҳамшафат гирифта додани ягон чизро хоҳиш накун.

Бо сачоқ, чангак ва дигар чизҳои рӯи дастархон бозӣ макун.

Рӯятро бо сачоқи сари мизи хӯрокхӯрӣ пок накун. Бо ин сачоқ танҳо оҳиста лабонро тоза намудан мумкин.

Агар бо каси ҳамшафат чизе гуфтан хоҳӣ, пуштатро ба каси дигар нагардон. Ин аз рӯи одоб нест. Ба сӯҳбати шахсони аз ҳамшафат он тараф нишаста ҳамроҳ нашав.

Бо даҳони пур гап назан. Худро дар курсии нишаст озод нигоҳ дор, хам нашав, такякунон ба пушт нанишин. Корду чангак ва қошуқро наафтон. Лекин агар афтондӣ, онро зуд бардору ҳайрон

шуда наист, эътибор надеҳу дигарашро хоҳиш карда гир. Хато содир намудан беҳтар аст, назар ба он ки барои хато накардан диққати ҳамагонро ба худ ҷалб созӣ.

Дар сари дастархон машғули дандонтозакунӣ нашав. Агар зарурат афтад, ин корро чунон ба ҷо ор, ки касе нафаҳмад меҳмонро беист ба хӯрокхӯрӣ муроот накун.

Аснои мизбон буданат хӯрокатро якум шуда хӯрда тамом накун. Бигзор, ки аввал меҳмонон хӯрокашонро хӯрда шаванд.

Ба сифати хӯроки додашуда эрод нагир. Нисбати он чизе, ки рӯи дастархон меоранд, хӯрдагирӣ накун.

Беморӣ ва ё маъқул набудани хӯрокро сабаб нишон дода хӯроки овардаро пас нагардон. Онро хӯрдан нахоҳӣ беҳтараш бе ягон баҳона нагир.

Гирди дастархон аз дардҳоят шикоят накун. Баъди кофтани чой ё кахва қошуқчаро ба қошуқдони рӯи дастархон гузор, онро даруни пиёла нигоҳ надор.

Баъди хӯрокро хӯрдан сачоқро таҳ карда намон. Онро дар ҳамон ҳолати ғиҷимбуда рӯи миз гузор.

**Ёқуб Одинаев**

## САВОЛҲО:

**1.** Дар вақти хӯрокхӯрӣ чӣ гуна бояд рафтор кард?
**2.** Оё бо даҳони пур аз хӯрок гап задан мумкин аст?
**3.** Дар сари дастархон дандонковӣ кардан магар аз рӯи одоб аст?

## ПАНД

Ба сифати хӯрок айб нагиред.

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ ЧОРУМ

**1.** Пеш аз оғози таомхӯрӣ дасту рӯй бояд пок бошад ва дар гирди дастархон шикастанафс будан одоби шоиста аст.

**2.** Баъд аз анҷоми тановули хӯрок шукру сипосгузории худованд карда, ба офарандагони неъматҳои моддӣ – деҳқонону коргарон ҳамду сано бояд гуфт.

**3.** Агар ба меҳмонӣ равед, ба мизбон раҳмату ташаккур изҳор кунед.

**4.** Раво бошад, ки баъд аз хӯрдани хӯрок ин дуо хонда шавад: “Сазовори ҳар навъ ситоиш аст Худое, ки моро хӯронид ва ошомонид…”.

**5.** Баъд аз таом ғундоштани дастархон ва табақу коса ҳам аз шартҳои тозагию озодагии инсон аст.

**6.** Ба нон чун ба китоби “Қуръон” ҳурмату эҳтиром доштан лозим аст, зеро нон ин ҳастии мост.

**7.** Нон мӯъҷизаи Худованд, асоси зиндагӣ аст ва пойдории ҳаёти инсон, шодию хурсандӣ, сарбаландию масрурӣ аст ва рӯсурхии мост.

## ОДОБИ МУТОЛИА

Мазмуни мутолиа аввалан аз назар гузаронидани чизе бо мақсади огоҳшавӣ ва шиносшавӣ бо он аст.

Сонияи китоб хондан дар дил, яъне хондани хомӯшона мебошад.

## ШИНОСОӢ БО КИТОБХОНАИ МАКТАБ

Ғарқи олами китоб шуда аз он ҷо китоби шавқовар аҷоиб ва лозимаро пайдо карда тавонистан машғулияти дӯстдоштаи аксари китобдӯстон мебошад. Мо барои хондан китобро чӣ хел интихоб карда метавонем? Барои ин усулҳои гуногун мавҷуданд: маслиҳати муаллим, китобдор, рафиқ, ҳамсинф. Вале аз ҳама аҷибаш он аст, ки худи китоби зарурӣро интихоб карда тавонӣ. Барои интихоби китоб дар назди ҳар як китобхона шароитҳои хуб фароҳам оварда шудаанд. Ин намоиши “китобҳои нав”, намоиши китобҳое, ки бахшида ба санаҳои муҳим, ҷашни одамони машҳур, намоиши китобҳои касбу кори гуногун, муваффақияти илму техника мебошад. Дар бисёр китобхонаҳо хонандагонро бевосита ба назди рафи китобҳо иҷозат медиҳанд, то ки интихоб барояшон осонтар шавад. Табиатан дар чунин ҳолат хонандагон миқдори зиёди китобҳоро дида чӣ кор карданашонро надониста мемонанд. Барои интихоби китоби хуб ва зарурӣ намедонанд кадом китобро интихоб намоянд.

Хонандагон бояд донанд, ки китобҳоро асосан барои онҳо дар намоиш мегузоранд. Онҳо метавонанд аз он китобҳо истифода баранд ё аз китобдор хоҳиш кунанд, ки баъди ба поён расондани маросим онро барояшон нигоҳ дорад. Баъзан намоишҳо танҳо ба хотири тарғибот ва тавсияи китоб ташкил карда мешаванд. Барои интихоби китоб нишондодҳои гуногун, феҳрастҳо ва рӯйхати китобҳо низ кӯмак мекунанд. Агар хонанда китоби даркориашро донад, метавонад барои ёфтани он ба китобдор мурочиат намояд, ё бевосита аз феҳраст онро ёбад. Агар танҳо ба ӯ китоби шавқовар лозим бошад, онро аз китобдор пурсида гирифта метавонад, лекин худ чустучӯ карда ёфтани китоб лаззати дигар дорад. Ҳангоми интихоби китоб ба расму ороишоти он низ таваччӯҳ бояд кард, зеро онҳо хонандаро боз ҳам ба хондани китоб шавқмандтар мегардонанд. Дар охири китоб рӯйхати нашри силсилаи мазкур ё китобҳои ба наздикӣ чопшаванда дода мешавад. Дар саҳифаҳои рӯзномаву мачаллаҳо эълонҳои нашри китобҳои нав низ чоп карда мешаванд. Барои интихоби китоб рӯзномаву овезаҳои деворӣ, ки бо кӯшиши худи хонандагон, дар асоси китобҳои хондашуда тартиб дода шудаанд, ёрии калон расонида метавонанд. Муҳимтар он аст, ки мо китобхониро ба низом дарорем. Набояд лаҳзаи муносиби китобхониро, ки ба синну соли мо мувофиқ аст, аз даст бидиҳем. Барои ин кор рӯйхати махсуси адабиётҳои тавсияшуда вучуд дорад. Хонанда аз китобхона набояд бе китоб барояд ва дар сурати пайдо карда натавонистани китоби дилхоҳ ӯ бояд дар хусуси интихоби китоби шавқовар аз китобдор ёрӣ талабад.

Ҳангоми аз раф гирифтани китоб ба вайрон шудани тартиби онҳо роҳ надиҳем. Ин кор махсусан дар сурати озодона ба назди раф омада китобро интихоб кардан муҳим аст. Албатта, меҳнати китобдорро низ ба назар гирифтан ва эҳтиром кардан зарур аст. Рафҳои аввали субҳ ба тартибдаровардашуда ва бо китобҳои нав пур карда ва бо тартиби алифбо чидашуда баъди гирифтани китоб кач ва яктарафа набояд истанд. Ҳолатҳое мешаванд, ки хонандагон китобро аз як чой гирифта ба чои тамоман дигар мегузоранд. Дар вақти китобро аз раф берун гирифтан бояд онҳоро ба ду тараф тела дода, байнашон каме чои холӣ монем, китобро гирифта чои холиро

ба тариқи секунҷа гузорем. Агар баъди бозрасӣ китоб писанд наояд, онро дар ҷояш гузошта рафро ба тартиб дарорем. Чунин боэҳтиётӣ ва ботартибиро ҳангоми боздиди китобҳои дар намоиш гузошташуда, нишондодҳои китобшиносӣ ва феҳристҳо низ риоя кардан даркор аст.

### САВОЛҲО:

1. Аз китобхона китоби дӯстдоштаро чӣ гуна бояд интихоб намуд?
2. Барои тез дарёфт кардани китоб аз намоишгоҳи китобхона кӣ ёрӣ медиҳад?
3. Чӣ кор кунем, ки ҳангоми интихоби китоби дӯстдошта тартиб ва ҷои онро вайрон накунем?
4. Китобҳоро чӣ тавр бояд ҷо ба ҷо гузорем?

### ҲИКМАТ

Бо китоб чун бо инсон муомила намоед.

## КИТОБ - ДӮСТИ МО

Китоб хосиятҳои аҷоибе дорад. Вай на танҳо аз насл ба насл дониш, маданият, таҷрибаи ҳосилкардаи инсонро медиҳад, балки инчунин барои истифодаи ҷамъият имкониятҳо фароҳам меоварад. Як китобро ба туфайли хеле эҳтиёткорӣ бисёр одамон хонда метавонанд.

Китоб таъсири калони тарбиявию дарккуниро дорад. Бисёр одамони бузург-олимон, файласуфон, шоирон, нависандагон ба китоб ҳамчун муаллими бузург ва рафиқ баҳо дода, ҷавононро даъват кардаанд, ки аз овони бачагӣ ба китобхонӣ одат кунанд. Шоири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ мегӯяд:

Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст.<br>
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст…

Шоир Абдусалом Деҳотӣ бо даъвати “Китоб мехонем!” гуфтааст:

Мешавем ошно, салом китоб!
Маслиҳатчии мо ту дар ҳар боб.
Дар ҷаҳон бошад он чӣ илму ҳунар,
Ҳамаашро гирифтаӣ дар бар.
Мо туро субҳу шом мехонем,
То ки ҳар илму ҳар ҳунар донем.

Дар кишварамон барои бачаҳо нависандагону шоирон асарҳо менависанд, эҷодиёти классикони мо дар ҷаҳон тарҷума карда мешаванд. Ҳар як хонанда махсусан дар бораи тоза нигоҳ доштани китобҳои дарсӣ, ки ба воситаи онҳо хондан, ҳисоб кардан ва оламу одамро дарк мекунем, ғамхорӣ кунад. Мизу рафҳои китобнигоҳдорӣ бояд ҳамеша тоза бошанд.

**САВОЛҲО:**

**1.** Китоб чӣ гуна хосиятҳои аҷоиб доштааст?
**2.** Оё китоб ғайр аз таълим боз тарбия низ мекардааст?
**3.** Ҷомӣ оиди китоб чиҳо гуфтааст?
**4.** Деҳотӣ моро ба чӣ даъват кардааст?

**ПАНД**

Китоб хазинаи дониш аст ва аз он ҳар чӣ зиёдтар истифода баред!

## ШИНОСОӢ БО КИТОБ

Ба мо фаҳмидан лозим, ки на танҳо мутолиаи ҳикоя, афсона муҳим аст, балки он китобҳое, ки маводи фаровони амалию маълумотҳои нодир медиҳанд, агар ӯҳдабароёна хонда шаванд, хеле муфиданд. Донистани чунин ҷиҳатҳои китоб - мисли муаллиф, сарлавҳаи китоб, ҷои чоп ва ғайра зарур аст. Муаллифи китобро донистан лозим, вагарна чӣ тавре ки дар шеъри Бобо Ҳоҷӣ бо "Таърифхӯҷа" рӯй додааст, хандасор хоҳед шуд.

Агар пурсӣ аз Назар
Ту хондаӣ аз Гайдар
“Оре хондаам Гайдар
Ин повести Миршакар!”

Шиносоӣ бо китоб аз варақи аввал сар мешавад, ки дар он чунин маълумот оид ба китоб дода мешавад: муаллифи китоб, номи китоб, маълумоти барориши он.

Бояд на танҳо исми падар, балки номи муаллифро низ ба хотир доштан муҳим аст, зеро баъзан муаллифон ҳамнасаб мешаванд. Номи китобро низ ҳамчунин пас аз сарлавҳаи иловагии китоб, ки мазмуни асарро ошкор менамояд дар хотир нигоҳ бояд дошт: китоби дарсӣ, васоити таълим ё афсонаи халқии тоҷикӣ, ё шеърҳо барои бачаҳо аст ва ё калонсолон. Дар охири ҳамин саҳифа, ки сарсаҳифа номида мешавад, ҷой ва соли нашри китоб, баъзан бо номи нашриёт, масалан: Душанбе, “Сарпараст”, 2003, навишта мешавад ва ин маълумотҳои барориши китобанд. Дар қафои ҳамин варақ, дар гӯшаи боло нишондодҳои рақами китобхонавӣ, ному насаби муаллиф ва ҷойи табъу нашр навишта мешаванд.

**САВОЛҲО:**

1. Оиди шиносоӣ бо китоб чиҳоро донистан лозим будааст?
2. Донистани муаллифи китоб чӣ аст?
3. Сарлавҳаю сарсухан ё муқаддимаю мундариҷаи китобро донистан чӣ нафъ доштааст?

**СУПОРИШ:**

Соли нашр ва дигар маълумотҳоро дар бораи китоб дар хотир гиред.
Шифри китоб, яъне рақами китобхонавиро (ББК) низ аз худ кунед.
Усули бо китоб шиносшавиро ёд гиред.

## КИТОБ ДӮСТ ВА МАСЛИҲАТГАРИ МО АСТ

Ба чунин ҷиҳатҳои муҳими китоб, мисли **сарсухан**, аз **муаллиф**, **муқаддима**, **шарҳ** ё **эзоҳ** ва ғайра, ки дар матнҳои китоб бо

мақсади пурратар баён кардани мазмун дода мешавад, диққат додан зарур аст.

**Сарсухан** дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти муаллиф нақл менамояд, ба асар баҳо дода, ба хонанда барои хуб фаҳмидани мазмуни китоб ёрӣ мерасонад.

**Пешгуфтори** муаллиф ё муҳаррир дар бораи манбаъҳою хусусиятҳои хоси эҷоди асар нақл менамояд. **Охирсухан** низ чун пешгуфтор, дар бораи муаллиф ва асари мутолиашуда ҳикоя мекунад.

**Эзоҳ**-тарафҳои гуногуни китобро фаҳмонида, далелу воқеа, ҳодисаю номро эзоҳ медиҳад. Қайди калимаю мафҳумро мефаҳмонад, ки одатан дар поварақ дода мешаванд. Бисёр калимаҳои наву муфидро аз қайди китоб донистан мумкин аст. Шумо, дӯсти ҷавон, метавонед ин калимаҳоро дар дафтари махсус навишта гирифта, дониши худро такомул диҳед ва захираи луғавиатонро бой гардонед.

Илова (замима) низ маводи бойи воқеӣ медиҳад, ки ба воситаи он кас бо лабораторияи эҷодии нависанда шинос мешавад ва дар бораи кай ва дар куҷо чоп шудани асар, таърихи он маълумот пайдо мекунад.

Рассоми китоб, ки асарро оро додааст, низ бешубҳа рағбати касро ба амал меоварад, барои хуб фаҳмидани китоб суратҳои онро бодиққат аз назар гузаронидан зарур аст.

Феҳрист ё мундариҷа, яъне номгӯи қисмҳо, бобҳо бо нишондоди оғози саҳифаҳо, ки дар он дар хусуси чӣ сухан меравад, ба дарёфти маводи лозима кӯмак мерасонад.

## САВОЛҲО:

**1.** Сарсухан дар бораи чӣ ёрӣ медодааст?
**2.** Пешгуфтору сарсуханро хондан зарур будааст ё не?
**3.** Эзоҳ чиро мефаҳмонидааст?
**4.** Илова ба чӣ мақсад навишта ва ҷой дода мешудааст?
**5.** Феҳрист чӣ будааст ва чӣ мазмун дорад?

Китобро азизу мӯътабар шуморед,
Ки он роҳнамои ҳаёти шумост.

## КИТОБ ДАР БОРАИ КИТОБҲОИ ШАВҚОВАР

Китобшиносӣ - ин нишондодҳои гуногун, шумораи китобҳо, мақолаҳои маҷаллаю рӯзномаҳо, тақризҳо, рисолаҳо мебошанд. Яъне вай сарчашмаи ахборот буда, дар бораи асарҳои мухталифи матбуотӣ маълумот медиҳад. Он на танҳо тамоми адабиётҳои чопшударо ба ҳисоб мегирад, балки мазмуну мундариҷа ва қимати бебаҳои онро кушода медиҳад. Он аҳамияти калони педагогӣ ҳам дорад, зеро ба хонанда на танҳо дар интихоби китоб ёрӣ мерасонад, балки завқи хуби китобхонӣ ҳам тарбия менамояд, асарҳои беҳтаринро тавсия мекунад.

Барои бачагони синни хурди мактабӣ нишондод "Барои шумо, бачаҳо" (мураттиб Х. Исомиддинова - Душанбе: Ирфон, 1975, саҳ. 76) ба табъ расидааст. Дар ин китоби хуб дар бораи муаллифони китобҳои бачагона нақлҳо оварда шуда, расмҳояшон ҷой шудаанд. Ин рӯйхат дар бораи касбҳои гуногун, китоби муаллиф, гуфтаҳои аҷоиб нақл мекунад. Китобшиносии тавсиявӣ фоидаҳои дигаре низ дорад. Вай ба хонандагон дар тайёр кардани дарсҳо, гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ, иштирок дар маҳфилҳои гуногун ёрӣ мерасонад. Он маслиҳатчии хуб барои донистани чизҳои зиёди аҷоиб ва манфиатбахш аз китоб мебошад.

### САВОЛҲО:

1. Библиография чӣ маънӣ доштааст?
2. Вазифаи китобшиносӣ аз чӣ иборат будааст?
3. Дастури китобшиносӣ чӣ гуна аст?
4. Барои бачагони синни хурди мактабӣ кадом нишондод мавҷуд будааст ва он чӣ ёрӣ мерасондааст?

### СУПОРИШ:

Усули китобшиносиро аз худ кунед.

## ЧӢ ХУБ АСТУ ЧӢ БАД?

Ин машғулият ба тарбияи маданияти рафтор ва нутқ бахшида мешавад. Барои самаранокӣ ва таъсирбахшии он

метавон аз мисолҳои таъсирбахши адабиёт, ташкили машғулиятҳои адабӣ истифода намуд. Хеле хуб мешуд, ки мисолҳо аз китобҳои бадеӣ, рӯзномаю маҷаллаҳо ё аз ҳаёти худи бачагон интихоб карда шаванд.

Машғулияти намунавиро оид ба ин мавзӯъ чунин мегузаронем:

**Баранда:**

Имрӯз мо бо шумо дар мавзӯи тарбияи маданияти одоб, маданияти нутқ, намуди зоҳирӣ сӯҳбат оростанием.

- Ҳоло сӯҳбатамонро аз намуди зоҳирӣ оғоз мекунем. Оё мо ҳамеша дар тан сару либоси тозаю озода дорем? Ҳар шахс, пеш аз он ки ба кӯча барояд, дар назди оина бояд сару либоси хешро ба тартиб дароварад. Тарзе худро оро диҳад, ки боиси масхараи дигарон нашавад ва ҳама чизаш муносиб бошад.

- Ба мактаб бо ҳар хел зебу зиннати зиёдатӣ омадан ҷоиз нест:

Туфлии пошнабаланд, гарданбанди тилло, ангуштарӣ, либоси ниҳоят қиматбаҳо ва амсоли инҳо.

## ФАРЗАНД БОШАД, ЧӢ СОН БОШАД?

Фарзанд бошад, чӣ сон бошад?
Қобил бошад, пурдон бошад,
Дар меҳнат қаҳрамон бошад,
Ифтихори ёрон бошад.

Бар таҳсинҳо шоён бошад.
Васфаш дар забон бошад,
Модар аз ӯ шодон бошад,
Падар аз вай хандон бошад.

- Акнун ба ин саволҳое, ки дар шеъри Убайд Раҷаб дода шудаанд, ҷавоб ёбед:

Аз мактаб биёям,
Нӯшида қандчоям,
Кор агар намоям,
Хуб аст ин ва ё бад?

Ёд накарда тӯбам,
Ҳавлиро тоза рӯбам,
Кашки ҷуворӣ кӯбам
Хуб аст ин ва ё бад?..

- Бачаҳо, биёед дар бораи онҳое сӯҳбат кунем, ки яке хабаркаш, дигаре бошад, барои ҳар чиз доимо қаҳр мекунад. Оё ин рафтор ба бачаҳо мезебад? Сеюмӣ бошад, танбал. Ана, бинед дар бораи ин хел бачаҳо шоирони тоҷик чиҳо мегӯянд:

## БОЗОР НЕ, ОЗОР

Оё медонӣ, чаро
Дигар шуд номи Бозор?
Чаро акнун бачаҳо
Ӯро меноманд Озор?
Дар таътил пурсӣ агар,
Ҳар рӯз чӣ кор мекунад.
Мегӯяд, ки аз саҳар
Гунҷишк "шикор" мекунад.
Гоҳе "тири" ин "мерган"
Мерасад ба тиреза,
Шишаҳои мардумро
Мекунад реза-реза...

**Алӣ Бобоҷон**

## БО ҲАМА ҚАҲРӢ

...Лабу рӯят лойолуд
Бирав шуста, биё зуд
– Гуфтам ба Баҳрӣ,
Вай бо ман қаҳрӣ.
– Мӯзаатро дар хона,
Накаш, – гуфто Парвона..
Ҳамоно Баҳрӣ
Бо вай шуд қаҳрӣ...

**Наимҷон Назирӣ**

## ЧАРО БА КОРИ АҲМАД, КАСЕ НАГУФТ РАҲМАТ?

...Аммо ба кори Аҳмад
Касе нагуфт "раҳмат".
"Раҳмат" бар меҳнати ӯ,
Азобу заҳмати ӯ.
Вай на чӯбу тахтакаш,
На ангишту пахтакаш,
На соруҷу занбаркаш,
Балки фақат-хабаркаш!

**Наримон Бақозода**

### САВОЛҲО:

1. Машғулияти "Чӣ хуб асту чӣ бад?" чӣ гуна ташкил мешудааст?
2. Мисолҳо аз куҷо бояд зиёдтар истифода гарданд?
3. Намуди зоҳирии хонанда чӣ гуна бояд бошад?
4. Шоирон аз чӣ сабаб танбалонро мазаммат мекунанд?
5. Чаро аз рафтори Аҳмад ҳама нафрат мекунанд?

### СУПОРИШ:

Кӯшед, ки аз корҳои ношоям даст кашед, бачаҳо!

### ПАНД

Одоби нек ҳусни инсон аст.

## ОЁ АЗ РӮИ ОДОБ?

Мирмустафоҷон,
Ба рӯи айвон.

Ғурронд ҳар сӯ,
Дафтару китоб.

Гӯед ин оё,
Аз рӯи одоб?...

- Баъзеҳо ба қоидаи одоб риоя намекунанд: яке каллапӯшро то болои бинӣ мепӯшад, дигаре дасташро аз киса берун намекунад, сеюмӣ тугмаи куртаашро кушода мегардад. Баъзеҳо дар кӯча калавида-калавида мегарданд, ки гӯё дар замин нею дар осмон роҳ мепаймуда бошанд.

- Тозагӣ низ маданияти одоби инсонро нишон медиҳад. Аз кӯдакӣ бояд баъди аз кӯча омадан, пеш аз хӯрок ҳангоми дар паси мизи дарстайёркунӣ нишастан, ба шустани даст бо собун одат кардан лозим аст. Бояд сари чанд вақт мӯи сар ва нохунҳо тоза карда шаванд.

Мана мехонем шеъри Алӣ Бобоҷонро:

## ДАСТОНИ ТОЗА

Усмон ба хона овард
Ду китобчаи аҷиб.
Ҳар ду китобча ҳам дошт
Суратчаҳои базеб.

Канӣ аввал бинам чӣ?-
Дастони кӣ тозатар? -
Дасти онҳоро Усмон
Мегузаронд аз назар.

- Акоҷон, ба ман диҳед,
Ба ман диҳед, акоҷон! -
Гуфта хоҳиш намуданд
Хоҳараконаш аз он.

Китобчаҳоро гирифт
Ин дафъа ҳам Шарофат,
Қариб буд, ки бигиряд
Аз аламаш Сабоҳат.

- Бачаҳо, ба шумо кадом кас маъқул: он касе, ки дарсро дар вақташ иҷро мекунад ё бачаҳое, ки рӯзашонро бо бозӣ мегузаронанд, монанди шеъри зерин:

## НАҒЗ МЕХОНЕМ

- Рафтем, Алишер,
Ҳамроҳ, бар Моҳ.
Хуб бозӣ карда
Меоем пагоҳ.

- Аз дарс, ҷӯраҷон,
Боз дер намонем?!
Беҳтараш ҳоло
Биё, нағз хонем…

Ҳангоми муошират шумо бояд чунин калимаҳои сеҳрангезро ба мисли: “Марҳамат намоед”, “Саломат бошед”, “Бубахшед”, “Ташаккур”-ро бештар истифода баред.

Чанд андеша оид ба маданияти нутқ:

- Он калимаҳоеро истеъмол намоед, ки ба шумо фаҳмо бошанд.
- Бо ифодаи ғалат ва муғлақ нутқи худро олуда насозед.
- Ба истеъмоли калимаҳои қабеҳ одат накунед.
- Яке аз воситаҳои муҳими дуруст сухан гуфтан, зиёд китоб хондан мебошад. Шумо китоб, рӯзномаву маҷалла хонда истода нутқи худро бурро менамоед. Ҳар қадар бештар хонем, ҳамон қадар хотираамон ва нутқамон инкишоф меёбад. Китобҳои бахшида ба маданияти нутқро ҳатман мутолиа намоем.
- Пеш аз он ки ба бино дароем, пойафзоламонро тоза кунем, ба ҳозирон салом диҳем. То нишастани калонсолон, омӯзгорон ҳаргиз дар паси миз нанишинем, ҳамин тавр дар нақлиёти мусофиркаш низ рафтор кардан зарур аст.
- Акнун биёед, дар бораи маданияти нутқ сухан меронем. Мо чӣ тавр гап мезанем? Оё он ба шунавандагон маъқул аст?

Шояд хеле баланд бошад ё баръакс пасттар? Охир баъзан ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки талаба ба саволҳои муаллим ҷавоб дода наметавонад, вале дар роҳрави мактаб мисли шер меғурраду мисли бод метозад.
- Саромадони бузурги назми классикии тоҷик, чунин мешуморанд, ки каломи хубу мақбул-нишонаи тарбияи некӯст:

Касе к-ӯ ба некӯсухан шод нест,
Бар ӯ неку бад ҳар чӣ бошад якест.

Сухан к-аз даҳон ногаҳон гар ҷаҳад,
Чу морест, к-аз хона берун раҳад.
Нигаҳ дор ӯро аз ӯ чун сазад,
Ки наздиктарро сабуктар газад.

**Абӯшакури Балхӣ**

## ПАНД

- Дод бидеҳ, то ёбӣ ва хуб гӯй, то хуб шунавӣ.

**Унсурулмаолии Кайковус**

Носири Хусрав дар ин бора чунин гуфтааст:

- Сухан дониста гӯй, чизе ки гӯӣ,
Худ он оҳиста гӯй, чизе ки гӯӣ.
Суханро аз дарозӣ дор кӯтоҳ,
Ки аз бисёр гуфтан гум шавад роҳ.

## САВОЛҲО:

1. Шумо ба рафтори Мирмустафо чӣ баҳо медиҳед? Оё рафтораш ба номаш мувофиқ аст?
2. Чаро рафтори баъзеҳо ба кас маъқул намешавад?
3. Тозагӣ чӣ аҳамият дорад?
4. Шумо ба муносибати Усмон нисбати хоҳаракаш чӣ фикр доред? Оё шумо ҳам чунин рафтор мекунед?
5. Калимаҳои одоби муоширатро дар куҷо бояд истифода бурд?
6. Аз истеъмоли кадом калимаҳо бояд худдорӣ кард?
7. Пеш аз ба бино даромадан чӣ бояд кард?
8. Бузургонамон оиди каломи нек чиҳо гуфтаанд?

## ПАНД

Кӯшед, то рафторатон, гуфторатон, кирдоратон нек бошад.

## КИТОБ МАСЛИҲАТЧИИ МОСТ

Китоб калимаи зебост. Беҳуда китобро сарчашмаи дониш ва мушкилкушои ҳама кор намегӯянд. Дар ҳақиқат китоб чизи муқаддас аст. Бубинед, азизон, китоби “**Авесто**” ва “**Қуръон**” чӣ гуна

муқаддасанд. Шумо номи ин китобҳои ниёгонамонро шунидаед. Онҳо таърихи чандинҳазорсола доранд. Махсусан, китоби "Қуръон" ба мо тамоми суннатҳои дину оинамонро гирд овардааст. Китоби "Авесто" бошад, расму русуми гузаштагонамонро бароямон равшан месозад.

Хурдсолони гиромӣ, ҳар гоҳ, ки зиқ шавед, ба китоб рӯ оваред, онро хонед. Фақат китоб метавонад шуморо хушбахт кунад, хурсандӣ оварад ва маслиҳатчию ҳамфикри шумо бошад.

**САВОЛҲО:**

**1.** Чаро китобро маслиҳатчии мо меноманд?
**2.** Онро сарчашмаи чӣ мегӯянд?
**3.** Кадом китобҳо таърихи куҳан доштаанд?
**4.** Ҳангоми зиқ (малул) шудан ба чӣ бояд рӯ оварем?

**ПАНД**

Китобро ҳамчун нон ҳурмат кунед ва онро дӯст доред.

## КИТОБ ОИНАИ ФАЗЛУ КАМОЛ АСТ

Дирӯз дар хонаи як дӯстам меҳмон будам. Хабар доданд, ки ду нафар духтарак ба китобгирӣ омаданд. Дӯстам китобхонаи шахсӣ дорад ва бачаҳои гирду атроф аъзоёни доимии китобхонаи ӯянд.

- Духтарҳо! Омадан гиред! Дар ин ҷо одами бегона нест. Ин кас бобои худатон "Бобо Салом". Соҳибхона маро бо духтаракон шиносонд.

Онҳо боодобона салом дода даромаданд.

- Китобро хондед? - пурсид соҳибхона.

Духтарҳо бо аломати тасдиқ сар ҷунбонданд ва китобҳои хондаашонро дароз карданд.

- Ман беихтиёр аз дасти соҳибхона китобҳоро гирифта аз назар гузарондам.

- Ин духтаракон эҳтиёткоранд, - гуфт соҳибхона бо шавқ китоб тамошо кардани маро дида. - Ба китоб ҳамеша коғаз мепечонанд, варақҳоро қат намекунанд, балки дар байни саҳифаҳо хатбарак мегузоранд.

- Шахси китобдӯст ба қадри китоб мерасад, - гуфтам ман ва ба дугонаҳо муроҷиат кардам: - Дар синфи чандум мехонед?

- Дар синфи шашум мехонем, - гуфт  якеи онҳо.

- Ин китобҳоро дар чанд рӯз хондед? - пурсидам ман.

- Ман дар як шаб хонда тамом кардам. Боз ду китоби дигар хондам. Дилбар ҳамин китобчаро дар чор рӯз хонд. - гуфт боз ҳамон духтарак.

Рости гап, чунин оҳанги суханаш ба ман маъқул нашуд. Номи китобҳои хондаашро пурсидам. Духтарак фикр кард, аммо номи китоби хондаашро ба хотир оварда натавонист. Ниҳоят ба дугонааш муроҷиат кард:

Ҳар он кас, ки дониш фаромӯш кунад,
Забонро зи гуфтор хомӯш кунад.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

## САВОЛҲО:

**1.** Ба китобхона киҳо омадурафт доштанд?
**2.** Духтарҳо дар байни саҳифаҳо чӣ мемондаанд?
**3.** Хатбарак кадом вазифаро адо мекунад?
**4.** Дилбар  китобчаи тавсияшударо дар чанд рӯз хондааст?

## СУПОРИШ:

Аз китобхонаи мактаб "Бобо Салом"-ро гирифта хонед.

## ҲИКМАТ

Китоб - хазинаи ганҷ аст.

## ШОҲИ КИТОБДӮСТ ВА ФАРЗАНДОНИ Ӯ
(Афсона)

I

Мегӯянд, ки дар замонҳои қадим подшоҳи китобдӯсте буд. Вай ду писари маишатпараст ва як духтари қобилу меҳнатдӯсте дошт.

Тарбияи ҳар се фарзанди шоҳро як шахси донишманд пеш мебурд. Духтар чун падараш илмдӯсту китобдӯст буд, бисёр бо ҳавас мехонд, чизеро нафаҳмад аз донишманд мепурсид ва гаштаву баргашта мехонд. Дар андак вақт бисёр илмҳои замонашро аз худ кард. Писарҳо ба хондан майлу рағбате надоштанд.

- Ба мо хондан чӣ лозим, тахту тоҷи падар кифоя аст, - мегуфтанд. Лекин духтар аз ин фикррони бародарон норозӣ буд:

Гирди номи падар чӣ мегардӣ,
Падари хеш шав, агар мардӣ.

Бародарон бештар вақташонро ба бозӣ мегузарониданд. Баъди чанде таълиму тарбият гирифтан подшоҳ фарзандонашро назди худ хонда хост, ки дониши онҳоро санҷаду дар дами пирӣ талабу хоҳиши онҳоро низ ба ҷо орад ва аз байнашон валиаҳди худро интихоб кунад. Ба ҳамин мақсад онҳоро наздаш шинонда пурсид:

– Бигӯед, фарзандонам, қиматтарин ганҷ кадом аст ва калиди вай чист?

Писарҳо гуфтанд?

– Қиматтарин ганҷ ин тилло асту калиди он калиди хазинаи Шумо.

Баъд духтар ҷавоб дод:

– Қиматтарин ганҷ дониш ва калиди он китоб аст.

Подшоҳ аз ҷавоби духтараш қаноатманд гардида боз пурсид:

– Дӯсте, ки ба ту ҳеҷ гоҳ хиёнат намекунад, кадом аст?

Писарҳо, ки дониши дуруст надоштанд, ҷавоб доданд:

– Модарон ҳеҷ гоҳ хиёнат намекунанд.

Духтар ҷавоб дод:

– Дӯсте, ки хиёнат намекунад, ин китоб аст. Китоб дӯсти беҳтарини одам мебошад.

Подшоҳ аз ҷавобҳои духтараш бисёр хурсанд шуда гуфт: “Духтарам, ту ақлу идрок ва дониши хуб дорӣ. Офарин!” – ва ба фарзандонаш рӯ оварда гуфт:

– Фарзандонам, ман пир шудаам, акнун аз ман чӣ хоҳише, ки доред, пурсед.

Пас ба писари калониаш нигоҳ карда пурсид:

– Бигӯ, писарам, ту аз ман чӣ мехоҳӣ?

– Ман писари калониам, ба ман тахту тоҷро диҳед, – гуфт писари калонӣ.

– Ба ман канизакони соҳибҷамол ва аспҳои бидаватону ними бойгариатонро диҳед, – хоҳиш кард писари хурдӣ.

Духтар бошад, хомӯш меистод.

– Ту чӣ талаб дорӣ? – пурсид шоҳ аз ӯ.

- Ба ман саломатии шумову модари азизам ва амонӣ бошад, кифоя аст, - гуфт духтар. Подшоҳ аз рафтори духтараш шод шуда хоҳиш кард, ки ба ҳар ҳол ягон чиз талаб кунад.

Он гоҳ духтар гуфт:

- Ба ман калиди китобхонаатонро диҳед, то ки аз гулчини боғи маърифат баҳра барам. Подшоҳ аз ин талаби духтар бағоят хурсанд шуд ва ӯро валиаҳди худ таъин кард.

Писарони подшоҳ ин хабарро шунида, рашк карданд ва дар қасди куштани хоҳари ягонаашон шуданд.

Духтар аз нияти бародаронаш хабардор шуда, шабона бо худ каме тӯшаи роҳ гирифту ба сӯи кӯҳ рафт ва дар ғоре пинҳон шуд.

Духтар акнун пинак рафта буд, ки дар даромадгоҳи ғор овози нолиши сагеро шунид, ҳушёр шуда ба берун нигоҳ карда дид, ки сагчае нолиш карда хобидааст...

Духтар назди сагча рафта онро бардошт. Як пои саг шикастагӣ буд. Сагчаро бардошта ба ғор даровард ва пои шикастаашро маҳкам басту аз он тӯшаи роҳе, ки гирифта буд, ба сагча дод. Сагча онро хӯрда, ба кунҷе хоб рафт. Духтар дар ғор ба сагчаи маҷрӯҳ якчанд рӯз нигоҳубин кард. Сагча тамоман сиҳат шуд. Духтар сагчаро гирифта ҳамроҳаш ба роҳ баромад. Онҳо рафтанд, рафтанд, ниҳоят ба як кулбачае расиданд. Дари кӯлбаро кӯфтанд. Пиразане дарро кушод. Духтар ба ӯ салом доду гуфт: "Бибиҷон, иҷозат диҳед, шабро дар хонаи шумо гузаронам". Пиразан ӯро бо ҷону дил қабул кард ва ӯро ба чою хӯроки гарм меҳмондорӣ кард. Онҳо то хеле вақт сӯҳбат карда нишастанд. Духтар сабаби аз хонаи падару модар рафтани худро нақл кард. Пиразан ба ҳоли духтар раҳм карду гуфт:

- Духтарам, ман солҳост, ки танҳо зиндагӣ мекунам, дӯсте надорам. Ҳамроҳи ман ист, ман хурсанд мешавам.

Духтар аз ин пешниҳоди пиразан хурсанд шуд ва ҳамроҳаш монд. Вай ба ҳамаи корҳои пиразан ёрӣ медод. Дар вақти холиаш сӯзаниҳои зебо медӯхт, сӯзаниҳоро пиразан фурӯхт ба пулаш чизҳои лозимиро харида меомад. Зиндагонии онҳо рӯз аз рӯз хубтар мешуд. Духтар шабу рӯз меҳнат мекард. Пиразан ба ҳоли шоҳдухтар раҳмаш меомад ва мегуфт: - "Ин қадар меҳнати бисёр мекунӣ, духтарам, андаке истироҳат ҳам даркор". Духтар бошад,

хандида мегуфт: “Меҳнат одамро аз андӯҳ, коҳилӣ ва бенавоӣ наҷот медиҳад, шумо меҳнат кунеду ман бекор шинам магар! Аз бекор – ҳама безор мегӯянд-ку!”

Рӯзе шоҳи ин кишвар бо писараш ба саёҳат мебарояд. Духтар аз кулбаи пиразан баромада дар рӯи сабзаҳо истироҳат мекард. Ҳаво гарм буд. Тасодуфан шоҳ низ дар ҳамон наздикиҳо камарбандашро кушода ба наздаш монда, дароз кашида хобид.

Сагчаи духтарак, ки акнун хеле боҷасорат шуда буд, дар ҳамон ҷо мегашт. Камарбанди шоҳро дида пайт ҷуст ва гирифта гурехт. Писари шоҳ аз ин ҳодиса бохабар шуда аз қафои сагча тохт. Сагча камарбанди шоҳ дар даҳон ба кулбаи пиразан медарояд. Шоҳзода низ аз паси сагча омада ба хона медарояд. Пиразан ва духтар ҳайрон мешаванд ва асли воқеаро фаҳмида сагчаро танбеҳ медиҳанд ва ба берун пеш мекунанд. Шоҳзода камарбандро гирифта аз пиразан ва духтар узр пурсида, мехост баромада равад, лекин ҳусну малоҳати духтар диққати шоҳзодаро ба сӯи худ кашид. Вай аз роҳаш бозистод ва чанд лаҳза сӯҳбат намуд. Духтар ба шоҳзода бисёр маъқул мешавад. Ӯро хостгорӣ кардаву чанд шабу рӯз тӯй карда ба хонаи шоҳ бурданд. Шоҳ тахту тоҷи шоҳиро ба писари ягонааш супурд. Духтар ҳамроҳи худ пиразан ва сагчаро низ ба қасри шоҳ гирифта рафт. Онҳо хеле хурсандона зиндагонӣ мекарданд, лекин духтар падару модар ва дӯстонашро хеле пазмон шуда буду инро ба касе изҳор намекард. Шоҳзода бисёр масъалаҳоро бо ҳамроҳи зани донояш ҳал мекард. Шоҳдухтар рӯзе падару модарашро хоб мебинад ва саҳарии барвақт аз хоб хеста, омодаи сафар мешавад. Шоҳдухтар бо ҳамроҳии шавҳараш, пиразан, ки ӯро бибӣ хонда буд ва сагчааш ба роҳ мебароянд. Пас аз чанд шабу рӯз онҳо ба хонаи падар расиданд. Падару модар аз дидани духтар ва дӯстони вай шод гаштанд. Чанд шабу рӯз тӯй барпо намуданд. Ҳама шод буданду бародаронаш аз кардаи худ сархаму пушаймон буданд.

– Бародарони азизам, кина аз дил бароред, зеро тахту тоҷ ёфт мешаваду шафқату меҳр камёфт аст. Дӯст будан аз ҳамаи неъматҳо беҳтар аст. Ҳоло хоҳиши ман аз шумо ин аст, ки мисли падарамон китобдӯсту илмдӯст шавед, зеро китобу дониш одамро аз ҳар гуна пастиву разолат эмин медорад. Чӣ хеле ки мегӯянд: “Доро мабошу доно бош”. Инчунин падару модарамонро дар дами пириашон

ҳурмату эҳтиром намоед, зеро мегӯянд, ки “фарзанди қобил бахту давлати пирӣ, фарзанди ноқобил ғаму андӯҳи пирӣ аст”.

Бародарон ваъда доданд, ки дар оянда гуфтаҳои ӯро иҷро менамоянд ва бори дигар аз ӯ узр пурсиданд. Духтар ҳамроҳи шавҳараш якчанд рӯз дар хонаи падараш меҳмон шуду баъд хоҳиши рафтан кард.

Шоҳ духтарашро ба хазинааш дароварда гуфт: “Дилхостатро гир духтарам”.

Духтар ғайр аз китоб чизе нагирифта, ҳамроҳи шавҳараш, пиразан ва сагчаи вафодораш рафт.

Бародарон бошанд, хатояшонро фаҳмида рӯ ба фарҳанг ниҳоданд. Шабу рӯз ба омӯзиш банд буданд.

Шоҳи пир ҳис кард, ки писаронаш рӯз аз рӯз оқилтар шуда истодаанд, тахту тоҷ ва тамоми дороиашро ба онҳо баробар тақсим карда дод. Ана ҳамин тавр, ҳамаи онҳо ба шарофати китобхонию дониш ба муроду мақсадашон расиданд. Шумо, низ хонандагони азиз, агар мисли шоҳ ва духтари ӯ китобдӯст бошед, албатта ба муроду мақсад мерасед.

**Хайринисои Ҷӯрадухт**

## САВОЛҲО:

**1.** Шоҳро чаро китобдӯст номиданд?
**2.** Рафтору кирдори писарони шоҳ чӣ гуна будааст?
**3.** Духтари боақли шоҳ аз падар чиро дархост кард?
**4.** Пиразан ба духтар чӣ некӣ кард?
**5.** Сагча чӣ хел рафтор кард?
**6.** Оқибати кори бародарон ба чӣ анҷомид?

## ПАНД

Китоб ва китобхонӣ, албатта моро ба мақсад мерасонад.

**Ҳар кӣ нахонад, чӣ донад?**
**Ҳар кӣ надонад, чӣ тонад?**

# СИНФИ ЧОРУМ

## ДАР ОДОБ, КИ ОБРӮИ ЗИНДАГИСТ

Яке аз васфҳо бувад одоб,
Асриъу ҷониби хайййи-л аҳбоб.
Адаб ин, хешро нигоҳ дорӣ,
Ҳурмати ҳар киро ба ҷо орӣ.
Адаб аст обрӯи инсонӣ,
Бе адаб чист? - уҷбу ҳайвонӣ...

**ЛУҒАТ:**

**Асриъу ҷониби хайййи-л аҳбоб** - биштобед ба кӯи ҳабибон.
**Уҷб** - мағрурӣ, худписандӣ.

## ОДОБИ ТАҲСИЛ, МУАЛЛИМ, МАКТАБ

Маърифат ҳосил кун, эй ҷони падар,
То биёбӣ аз худои худ хабар.

## ТАҲСИЛ

Таҳсил чист ва он чӣ маъно дорад? Маънои таҳсил ин хондан ё омӯхтан мебошад. Масалан, ҳоло шумо дар синф таҳсил карда истодаед.

Макони таҳсил асосан мактаб, мадраса, коллеҷ, донишгоҳ, гимназия, ҳунаристон ва ғайра мебошанд.

Боз хондану омӯхтанро ҳар кас метавонад худаш мустақилона амалӣ созад. Яъне китоб, маҷалла ё рӯзномаро хонда дониш гирад.

Баъзан падару модарон барои фарзандон муаллими хусусӣ низ киро карда дар алоҳидагӣ дарс медиҳанд.

Аммо барои шумо, бачаҳо, беҳтарин ҷои таҳсил мактаб аст.

Чунки бисёр чизҳо дар мактаб омӯхта мешаванд ва дар ин ҷо илму дониш, одобу ахлоқ аз бар мегарданд.

Аввалин бор дари илму донишро мактаб ба рӯятон боз мекунад.

Шоир Азизи Самарқандӣ барҳақ гуфтааст:

Гуфтам ба хирад, ки соҳиби ирфонӣ,
Бинмой раҳи наҷот аз нодонӣ.
Гуфто: мактаб, мактаб, мактаб,
Бояд хонӣ, хонӣ, хонӣ.

Албатта фақат хондану омӯхтан метавонад моро оқилу доно гардонда ба мақсад расонад.

Бачаҳо оё шумо дидаед, ки баъзеҳо ғайр аз мактабу хона боз дар автобусу тайёра, траллейбус қатора ё роҳравон китобу маҷалла ё рӯзнома мехонанд. Масалан, ман, ки хурд будаму мисли шумо дар мактаб мехондам, ин чизҳоро мушоҳида кардаам.

Баъд аз он ки калонтар шудам, фаҳмидам, ки онҳо ба мақсади омӯхтан ва фаҳмидану илму дониш гирифтан чунин рафтор мекардаанд.

Магар ҳамин мушоҳидаҳо таъсир кард, ки баъд аз ба синфи чорум гузаштанам, чунон бисёр китоб мехондам, ки ҳама ёру ҷӯраҳо ва атрофиён дар тааҷҷуб мемонданд.

Китоби аз ҳама дӯстоштаи ман “Афсонаҳои халки тоҷик” буд ва ман онро борҳо хонда лаззат бурдаам.

Абӯалии Сино, ки дар таърихи ҷаҳонӣ ҳамчун шахси табиб ва донишманд машҳур аст, ҳанӯз дар синну соли шумо шабу рӯз ба хондан машғул будааст, яъне ба китобхонӣ шавқи зиёд доштааст.

## АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

“Вақте, ки ба даҳсолагӣ расидам, “Қуръон”-ро ва миқдори зиёде аз илми адабиётро ёд гирифта будам. Мардум аз ҳолати ман дар тааҷҷуб буданд.

Сипас падарам маро барои ёд гирифтан ба назди марде, ки сабзӣ мефурӯхт ва ҳисобро хуб медонист, раҳнамоӣ кард, то аз вай таълим гирам ва ин илмро аз вай омӯхтам.

Пас аз ёд гирифтани мантиқ, фалсафа, физика ва астрономия ба ёд гирифтани илми тиб рағбат намудам. Аз ин рӯ ҷамеи китобҳое,

ки дар ин илм навиштаанд, хондаам. Илми тиб аз донишҳои душвор нест. Аз ин ҷиҳат дар камтарин фурсат сирри онро донистам ва табибони донишманд дар назди ман ба омӯхтани илми тиб машғул шуданд ва беморонро парасторӣ мекардам. Сипас, як солу ними дигар дар дониш омӯхтан ва китоб хондан кӯшидам. Дар тамоми ин муддат ягон шаб то субҳ нахобидаам ва дар рӯз ҳам ба ғайр аз хондани илм ба чизи дигаре майл надоштам.

Баъд аз он, ки ман ба хондан машгул мешудаму хоб бар ман ғалаба мекард, ҳамон масъалаи илмиро, ки мутоила мекардам, дар хоб медидам."

## ЛУҒАТ:

**Ибн** - писар.
**Қуръон** - китоби муқаддаси мусулмонон.
**Сипас** - баъд, сонӣ.
**Рағбат** - майл, хоҳиш.
**Парасторӣ** - нигоҳубин.
**Мутолиа** - хондан, қироат, омӯхтан.
**Зудуда** - пок, тоза.

## САВОЛҲО:

1. Абӯалӣ китоби "Қуръон"-ро дар синни чандсолагӣ аз ёд кардааст?
2. Сино илми тибро чӣ тавр ёд мегирад?
3. Сабаби ба илму дониш соҳиб гаштани Сино дар чӣ будааст?
4. Абӯалӣ ба одамон чӣ гуна некӣ мекардааст?
5. Аҳамияти омӯхтани илму донишро чӣ тавр мефаҳмед?

## ҲИКМАТ

Илм омӯхтан дар хурдӣ нақшест рӯи санг, ки ҳаргиз зудуда нагардад.

## ПАНД

Маълум, ки донистани илм ба ҳамон шахсе муяссар мегардад, ки сидқан паи омӯзиш шавад. Лекин танҳо як кӯшидан кам аст.

Қабл аз ҳама бояд бифаҳмӣ, ки баҳри чӣ илм ба ту зарур мебошад. Агар ту ҳақиқатан ҳам ба илм дода шавӣ, ҳар як

ихтироот, хурдтарин комёбии илмии ба даст оварда бойгарие баҳри ту хоҳад гашт. Магар аз ин пурарзиштар чизе шуда метавонад? Оё қаноатмандие бештар аз заҳмати илмомӯзӣ ҳаст?

Илмро чуноне, ки модар фарзанди хешро дӯст медорад, дӯст доштан лозим. Он вақт илм ҳам ба ту рӯи хуш медиҳад, дастрас мегардад.

**Аз "Панднома"-и Абай**

Пандҳоро дар бораи илм аз бар кунед ва мувофиқи ин гуфтаҳо амал намоед.

## ДАР ТАЛАБИ ИЛМ

Ҳар кӣ илм талаб кунад,
Худо ризқашро кафолат диҳад.
Талаби илм барои ҳар як мусулмон фарз аст.
Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй.
Илм болотар аз ибодат аст.
Баракати умр дар омӯхтани илм аст.
Ё олим бош, ё толиби илм, ё дӯстдори олимон.
Касе, ки намедонад, набояд аз омӯхтан шарм кунад.
Дареғ доштани илм ҷоиз нест.
Шифои дарди нодонӣ пурсиш аст.

### ЛУҒАТ:

**Фарз** - фармудаи ҳатмии худованд
**Ибодат** - парастиш

### СУПОРИШ:

Гуфтаҳоро бодиққат хонед ва онҳоро дар хотир гиред.

## ГУФТОР

Одам аз модар оқил ба дунё намеояд. Баъд, чун ба сӯҳбатҳои мардум гӯш медиҳад, кору рафторашро зеҳн мемонад, арақи ҷабин рехта меҳнат мекунад, ҳамадон мешавад.

Вай оҳиста-оҳиста ба баду нек сарфаҳм меравад, агар умри дароз насибаш гардад, албатта бисёр чизҳоро дониста мегирад.

Одам суханҳои хирдамандонро ба хотир гирифта, заковатманд мешавад. Лекин ҳар гуна сӯҳбат чӣ қадаре манфиатбахш бошад ҳам, худ ба худ чизе намедиҳад.

Аз шунида чуноне, ки гандумро аз кӯрмак тоза мекунанд, бояд чизи асосиро, ки ба фоидаи кор аст, қабул намуд. Ақли инсон ҳамин хел сайқал меёбад.

Аммо ҳолати дигаре низ ҳаст. Агар одам худдонам, ботакаббур бошаду аз оқил нафаҳмидаашро напурсад, ё фориғбол бошад, чӣ фоида аз он, ки ҳарфи хирадмандона ба ӯ гуфтанд.

Вай шахсест бедиққату нодон, қодир нест, ки ба қадри ақлу фаросат бирасад. Хирадманде шояд оиди ин гуна ашхос гуфта: "Аз таълимдиҳии одамоне, ки суханатро ба гӯш намегиранд, нигоҳубини хукҳо беҳтар аст, ки туро мешиносанд".

**Аз "Пандномa"-и Абай**

## САВОЛҲО:

1. Одам чӣ гуна ҳама чизро медонистагӣ мешудааст?
2. Кас аз гуфтаю шунида чиро бояд барои худ ҷудо карда гирад?
3. Шахси худдонаму такаббур чӣ гуна мешудааст?
4. Нависанда одамони ба сухан гӯш намекардагиро ба чӣ монанд кардааст?

## ОРЗУ ДОРАНД...

Оре, ҳар як падару модар орзу доранд, ки фарзандашон оқилу доно гардад. Аммо барои доно шудан бисёр хондан ва омӯхтан лозим аст. Зеро танҳо дониш метавонад инсонро аз ҳар гуна душворӣ ва хавфу хатар наҷот диҳад. Дониш боз чароғест, ки дили касро равшан ва ҳатто табъи одамро хуш медорад. Рӯдакии бузургвор ин маъниро чунин ифода кардааст:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Роҳи донишро ба ҳар гуна забон.

Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

Шоири маъруф Шамсиддини Шоҳин низ ба писари худ баодоб будану таҳсил карданро таъкид кардааст ва ӯро бо роҳи ростию росткорӣ ҳидоят намудааст.

Эй писар кӯдак наӣ, бозӣ макун,
Кор бо шайтон ба анбозӣ макун.

## НАСИҲАТ БА ФАРЗАНДИ АРҶМАНД

Эй мавҷи оби зиндагонӣ,
В-эй нури чароғи зиндагонӣ...
Зинҳор ба ҳирфати падар кӯш!
Дар дидаи мардум аз ҳунар ҷӯш!

Оини ҳунар ба даст овар!
Моҳии ҳунар ба шаст овар!
Номи падарат, ки шамси дин аст,
Нураш зи ту ғурраи ҷабин аст...

Ҷаҳде куну мардозмун шав!
Монанди ниёъ, бал фузун шав.
То барканӣ аз набарди тадбир
Дандони палангу нохуни шер!

Ханҷаркашу тирзан ту бошӣ,
Қалбафкану сафшикан ту бошӣ.
Гар вусъ расад дар он ду ҷода.
Мардӣ чӣ саворуу чӣ пиёда...

Ҳам соҳиби сайфу ҳам қалам бош,
В-аз файзи ду нашъа мӯҳташам бош!
Азми ту кунад ду шева дар кор,
Шохи ду диҳад ду мева дар бор.

Ҳар ҷо, ки равӣ, писанд ой,
Пеши ҳама сарбаланд ой.
Чун домани фан ба каф дарояд,
Коми ту зи ҳар тараф барояд.

**Шамсиддини Шоҳин**

### ЛУҒАТ:

**Аз сари одам фароз** - яъне аз оғози пайдоиши одам то имрӯз.
**Бениёз** - бебаҳра.
**Бихрад** - бохирад, оқил.
**Гиромӣ** - азиз.
**Ҷавшан** - ҷомаи оҳанин.

**Ҳирфати падар** - сухани падар.
**Ниёъ** - бобо, падари падар.
**Кӯдак най** - кӯдак нестӣ.
**Анбоз** - рафиқ, шарик, ҳамдам, ҳамроз, ҳамроҳ.
**Қамар** - моҳтоб.
**Иншоаллоҳ** - агар худо хоҳад.
**Ҷода** - роҳ.
**Сайф** - шамшер.

**САВОЛҲО:**

1. Шоир ба фарзанди худ чӣ насиҳат медиҳад?
2. Писар бояд ба чӣ кӯшад, ки ба халқ писанд ояд?
3. Чаро шоир ба фарзандаш илму ҳунаромӯзиро талқин кардааст?
4. Панди шоирро аз ёд кунед.

## ВАСФИ КИТОБ

Ҳаётро бе дониш, ки аз китоб сарчашма мегирад, тассаввур кардан мумкин нест.

Китоб барои мо дӯсти бовафо, маслиҳатгари беминнат, рафиқи беғараз, ҳамдаму ҳамсӯҳбати мувофиқ ва ниҳоят сарвати бебаҳо аст. Мабодо ғамгин шавед, зуд ба китоб рӯ оваред, он фавран шуморо ба ҷойҳои дур ба сафар мебарад, табъатонро хуш мегардонад, ҳамаи ғаму андӯҳро аз дил мебарорад ва, албатта, шоду хурсандатон мекунад.

Бачаҳои азиз, ба шумоён маслиҳат ҳамин ки вақти холигии худро танҳо ба қироати китоб бубахшед. Китоб хазинаи дониш аст. Аз ин хазина, ҳар қадар ки метавонед, зиёдтар дурру гавҳар чинед.

Дар бораи ин дӯсти беғараз Ҷомии бузургвор чунин гуфтааст:

“Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст,
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.
Бувад бемузду миннат устоде,
Зи дониш бахшадат ҳар дам кушодӣ,
Надими мағздори пӯстпӯше,

Ба сар корею гӯёи хамӯше.
Дарунаш ҳамчу ғунча аз варақ пур,
Ба қимат ҳар варақ з-он як табақ дурр…
Гаҳаш аз рафтагон таърих хонанд,
Гаҳ аз оянда ахборот расонанд.
Гаҳе резанд аз дарёи ашъор,
Ба ҷайби ақл гавҳарҳои асрор".

### ЛУҒАТ:

**Анис** - ҳамдам, рафиқ, ёр.
**Фурӯғ** - рӯшноӣ.
**Надим** - ҳамнишин, ҳамсӯҳбат.
**Ҷайб** - гиребон, кисса.
**Асрор** - сир, роз.

### САВОЛҲО:

**1.** Чаро шоир китобро рафиқи кунҷи танҳоӣ номидааст?
**2.** Китобро муаллим-устод шумурдани шоир чӣ маънӣ дорад?
**3.** Шумо дар бораи аҳамияти китоб чӣ хулоса баровардед?

### СУПОРИШ:

Матнро бодиққат хонед.
Шеърро аз ёд кунед.
Луғатҳоро дар хотир нигоҳ доред.

## ЧИСТОН

Агар кунӣ ба ӯ назар,
Шавӣ зи ҳар чӣ бохабар.
(ки .. б, рӯзно.., маҷал ..)

## ДОНИШ АЗ МАРГ НАҶОТ ДОД

Одам аз ҳайвон бо чӣ фарқ мекунад? Бо дониш ва ақлу фаросаташ. Шахсе, ки дониш дорад, аз ҳамаи ҳодисаҳо бохабар аст. Вале дониш худ аз худ ба кас муяссар намешавад. Барои доно шудан чӣ кор кардан лозим? Барои доно шудан ҳар қадар зиёдтар хондан ва сайру сафар карда бо ҳаёти мардум аз наздик шинос шудан лозим аст.

Саъдии Шерозӣ ба ин маънӣ чунин фармудааст:

То ба дӯкону хона дар гаравӣ,
Ҳаргиз зи хом одамӣ нашавӣ.
Бираву дар ҷаҳон тафарруҷ кун,
Пеш аз он рӯз, к-аз ҷаҳон биравӣ.

Ба ҳикояти зер диққат диҳед, ки дониш барои инсон чӣ аҳамият доштааст?

"Султон Маҳмуди Ғазнавӣ рӯзе дар хонае чордар нишаста буд. Ҳаким Абӯрайҳонро талабиду гуфт:

Толеи вақт бигир ва ҳукм кун, ки ман аз кадоме аз ин чаҳор дар берун хоҳам рафт. Ва агар хилофи ҳукми ту зоҳир шавад, туро ба қатл расонам. Ҳаким ҳайрон бимонд, ки чӣ чора бояд дид. Устурлоб бардошт, иртифоъ гирифт ва мулоҳизаи тамом ва эҳтиёти балеғ ба ҷо овард. Баъд аз он чизе бар коғаз навишт ва дар ҳам печид ва дар зери чор болишти Маҳмуд ниҳод. Пас Маҳмуд метин талабид ва бифармуд, то девореро, ки миёни машриқу шимол буд, бишикофтанд ва аз он шикоф берун рафт. Пас коғазро талабиду сар кушод ва бихонд, навишта буд, ки султон аз ҳеҷ дар берун наравад, балки деворро бишикофад ва аз он ба фурҷае, ки миёни машриқ ва шимол бошад, берун равад. Маҳмуд аз он ҳукм ангушти таҳайюр ба дандон гирифт ва ба ғоят ӯро мӯътақид шуд ва дар он маҷлис сад ҳазор дирами нақд ба вай дод ва аз аспи хосу хилъати хосса бар ӯ бахшид".

## ЛУҒАТ:

**Тафарруҷ** - сайру сафар.
**Толеъ** - бахт.
**Хилоф** - зид.
**Зоҳир** - аён.
**Қатл** - куштан.
**Таҳайюр** - ҳайрат.
**Хилъати хосса** - ҷома, либоси махсуси шоҳӣ.
**Имтисол** - итоат кардан, фармон бурдан.
**Иртифоъ** - баландӣ, фароз.
**Балеғ** - расо, пурра, комил.

**Фурчае** - кушодае, сӯрохие.
**Мӯътақид** - эътиқодманд, боваркарда, эътиқодкарда.

## САВОЛҲО:

1. Султон Маҳмуди Ғазнавӣ дар куҷо нишаста буд?
2. Шоҳ аз Абӯрайҳони ҳаким чӣ талаб кард?
3. Ҳаким Абӯрайҳон чӣ чора дид?
4. Ӯ дар коғаз чӣ навишта будааст?
5. Султон Маҳмуд аз куҷо ва аз кадом тараф ба берун баромад?
6. Ҳаким Абӯрайҳонро аз марг чӣ наҷот дод?
7. Шоҳ ба ҳаким Абӯрайҳон чӣ тӯҳфа кард?
8. Илм чӣ аҳамият доштааст?
9. Агар Абӯрайҳон донишманд намешуду илоҷи корро тадбир намеёфт, ӯро чӣ таҳдид мекард?
10. Дониш чӣ аҳамият доштааст?

## ҲИКМАТ

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигарад рӯзат аз рӯз.

## УСТОД ВА ШОГИРД

Устод, омӯзгор, муаллим, мураббӣ барои ҳар шахс азизу мӯътабаранд. Агар кас аз муаллими худ сабақ нагирад ва чизе наомӯзад, ӯ ҳеҷ гоҳ қудрати донистану фаҳмидан надорад, зеро бузургон фармудаанд:

Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,
Ҳеҷ оҳан ханҷари тезе нашуд.

Қадри устод ҳатто аз қадри падари бузургворамон ҳам бештар аст. Чунки падар агар моро хӯронад, пӯшонад ва ба воя расонад, муаллим дилу дидаи моро бо нури донишу маърифат мунаввар

сохта, адаб омӯхта дидаамонро ба дунёи равшан боз мекунад. Оре, қадри устод аз падар бештар ва аз падар устод дар пеш аст.

Устод шабро шаб, рӯзро рӯз нагуфта, ранҷу азоб кашида дар фикри он аст, ки шогирдашро ҳарчӣ бештар аз дарёи илму маърифат баҳравар гардонад, то оянда осуда зиндагӣ кунад.

Барои ҳамин ҳам баъзан муаллим ба шогирд сахт мерасад, гапи сахт мегӯяд, хашм мегирад.

Вале гоҳе аз муваффақияти шогирд мефахраду меболад. Менозад, аз он ки барои оянда одами хуб ва доно тайёр мекунад. Чунин одаме, ки дилсӯзу меҳрубон, эҷодкору бунёдгар бошад, то барои халқи худ хизмат карда тавонад. Чунон ки Носири Хусрав гуфтааст:

Ба шогирдӣ ҳар он к-ӯ шод гардад,
Расад рӯзе, ки худ устод гардад.

**СУПОРИШ:**

Аз гуфтаҳои боло ба шумо кадомаш маъқул шуд, гӯед.
Байтҳоро такроран хонда маънояшонро баён кунед.

“Овардаанд, ки амир Наср Аҳмади Сомониро муаллиме буд, ки дар вақти хурдӣ ӯро таълим медод ва чӯб бисёр мезад. Амир Наср мегуфт, ки ҳар гоҳ ба султонӣ расам, ҷазои ӯро хоҳам дод.

Чун ба султонӣ расид, шабе ёди айёми гузашта кард. Муаллимаш ба хотираш омад ва ҳама шаб дар андешаи интиқоми ӯ шуд.

Ходимеро бифармуд, ки аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёрад ва якеро гуфт: "Муаллимро ҳозир кун!”.

Ходим рафт то муаллимро ҳозир гардонад. Муаллим пурсид: “Султон чӣ мекард, ки маро ёд кардааст?”

Гуфт: “Ғуломеро фармуд, ки биравад, аз бӯстон даҳ чӯби обӣ биёварад ва маро гуфт, ки муаллимро ҳозир кун”.

Муаллим донист, ки амир ба фикри интиқоми вай аст. Дар роҳ ба дари дӯкони мевафурӯшӣ расид ва мевае обдор аз вай харид ва дар остин кард.

Чун пеши Наср омад, амир чӯбро бигирифт ва гуфт: “Дар ин чӣ мегӯӣ”.

Гуфт: “Саҳл аст”.

Даст дар остин кард ва он мева берун оварду гуфт: “Зиндагии подшоҳ дароз бод, калимае дорам!”

Гуфт: “Бигӯй!”

Гуфт: “Ин мева бад-ин латифӣ аз он чӯб аст!”

Султон чун ин бишнид, бағоят писандид ва то зинда будан ба муаллими худ маош таъин гардонид, то зиндагонии ӯ ба фароғат гузарад".

**Муҳаммад Авфӣ**

## ЛУҒАТ:

**Интиқом** - қасос.
**Бӯстон** - боғу гулшан.
**Чӯби обӣ** - химчаи тар.
**Саҳл** - осон, сабук.
**Фароғат** - осуда.

## САВОЛҲО:

**1.** Муаллим дар хурдиаш Насрро чӣ гуна ҷазо медод?
**2.** Наср дар дил чӣ ниятро ҷой кард?
**3.** Чаро амир Наср муаллимашро ҷазо дода натавонист?
**4.** Амир Наср ба устодаш чаро раҳм кард ва ба ивази ҷазо маош таъин намуд?

## СУПОРИШ:

Меҳнату заҳмати муаллимро қадр кунед.
Панди зеринро маънидод намоед:

Ҳар кӣ ӯро маърифат бахшад худой,
Ғайри ҳақро дар дили ӯ нест ҷой.

## ТАҲСИЛ ДАР МАДРАСА

Дониш гирифтан хоҳӣ аз ҳеҷ гуна душворӣ ва ранҷу азоб натарс. Барои доною маърифатнок шудан ҳар чӣ бештар такрор кардани сабақи устод лозим меояд. Дар таҳсил одам гоҳ сер, гоҳ гурусна, баъзан пӯшида, баъзан луч ҳам монданаш мумкин аст. Оре, дуруст гуфтаанд: “То ранҷ набарӣ, ганҷ муяссар нагардад”.

Албатта, шумо номи устод Садриддин Айниро шунидаед. Ана ҳамон кас, чун шумо хурдсол буд, баҳри таҳсил ранҷи зиёде кашидааст, ки ҳатто раҳми кас меояд.

“Ман дар ин қатори талабаҳои хурдсол ҳар шаб баъд аз шом дар рӯи саҳна нишаста, бо овози баланд дарс такрор мекардам. Мо, талабагон, дар шабҳои барф такрори рӯи саҳнаи худро тарк намекардем ва барфи рӯи сангро бо остин, ё бари ҷома рӯфта, ба рӯи санги яхмонанд чорзону ё дузону нишаста такрор кардан мегирифтем. Ин кор ба ман, ки либоси дуруст надоштам, бисёр зӯр буд.

Он вақтҳо дар байни талабаҳо камзӯл ва шалвор пӯшидан одат набуд. Ҳамаи талабаҳое, ки иқтидори моддӣ надоштанд, ҷомаҳои серпахтаро қабат ба қабат пӯшида, маҳсиро бо пойтобаи пашмӣ ба по карда, барои такрор мебаромаданд.

Ман бошам, маҳсӣ надоштам, кафши сарипоии маҳаллидӯхт доштам, об аз вай мегузашт ва намро ба худ мекашид; хоҳ дар такрор бошад, хоҳ дар кӯча аз рӯи курта як ҷомаи пахтадор пӯшида, бо як қабат лозимӣ мебаромадам. Бо вуҷуди ин маро он вақтҳо сармо назад ва ҳатто зуком ҳам нашудам.”

**Садриддин Айнӣ**

## САВОЛҲО:

1. Айнӣ дар хурдсолиаш чӣ тавр мехонд?
2. Дигар талабагон ва Садриддин дар кадом шароит дарс такрор мекарданд?
3. Хонандагон дар танашон чӣ гуна либосҳо доштанд?
4. Аҳволи Садриддини хурдсол дар мадраса дар кадом вазъият буд?

## СУПОРИШ:

Ҳоли хешро бо аҳволи хонандагони замони пеш муқоиса кунед.
Дар таҳсил аз сахтӣ наҳаросед ва тобовар бошед.
Саъйи комил бояд кард, то ба мақсад бирасед.

Ҳаст донишро камолот аз хирад,
Беамалро аҳли дил кас нашмарад.

## ИЛМ ОМӮЗ

Маънои илм, ки дониш ва маърифат мебошад, аз худ кардани он барои ҳар шахс бисёр зарур аст. Иҷрои корҳои душвор ба шарофати илм ба мо муяссар мегардад.

Барои мисол:

Оё тайёра (самолёт) худ аз худ ба ҳаво мепарад?

Трактор заминро шудгор мекунад?

Қатора дар болои роҳи оҳан бо ҳазорон тонна бор рафтуомад карда метавонад?

Садо (радио) аз ҷойҳои дур дар лаҳзае овозро ба мо мешунавонад?

Оинаи нилгун ё худ ҷаҳоннамо чизеро аз қитъаҳои дигар ба мо намоиш медиҳад?

Обро аз поён ба боло баровардан мумкин аст?

Тавассути телефон бо дигар шаҳрҳои дур алоқа (тамос) кардан имкон дорад?

Бе истифодаи мошинҳои чопӣ китобҳои гуногунро чоп кардан имкон мешуд?

Чунин мисолҳоро бисёр овардан мумкин аст, ки донистани ҳамааш фақат тавассути истифодаи илму дониш муяссар мегардад.

**Б. Боронов**

“Овардаанд, ки Аристотолисро вафот наздик омад, писарро пеши худ хонд ва гуфт:

- Эй писар, дар асрори улум ва дарки ҳикмат умри худро сарф кардам ва бисёр гиреҳҳоро ба нури ҳикмат кушода гардонидам, валекин маргро ҳеҷ ҳилат намедонистам.

Агар сад кӯҳ бояд канд фӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.
Чӣ чора, к-он банӣ одам надонад,
Ба ҷуз мурдан, к-аз он бечора монад.

Пас бидон иззат ва давлате, ки аз мол бувад, зуд фонӣ шавад ва нест гардад. Иззат ва шараф дар илм аст, ки аз фано ва завол берун аст ва ба тағйироти рӯзгор ва ивазшавии давлатҳо нестӣ напазирад.

Эй писар, подшоҳон падари туро бузург доштанд ва падари ту яке аз раияати эшон буд ва раияат маликонро ибодат кунад ва парастанд. Ва миёни обиду маъбуд (парастандаву парастишшаванда) тафовути бисёр аст.

Агар падари туро илму адаб намебуд, ӯ мар мулкро мисоли харе будӣ боркаш ё парастанда банда будӣ коркун.

Пас илм ҳосил кун то шарафу иззат биёбӣ ва аз хориву пастӣ халос ёбӣ".

**Муҳаммад Авфӣ**

## ЛУҒАТ:

**Камолот** - фазилат, фазилати маънавӣ.
**Хонд** - даъват кард.
**Улум** - илмҳо.
**Ҳилат** - чора.
**Иззат** - бузургӣ, арҷмандӣ, азиз будан.
**Хорӣ** - ранҷ, азоб.

## САВОЛҲО:

1. Аристотолис ба фарзандаш чӣ гуфт?
2. Чаро молу чиз нест мешудаасту аммо илм пойдор мемондааст?
3. Подшоҳи беилм ба чӣ баробар будааст?
4. Одамро аз хорию зорӣ чӣ наҷот медодааст?

## СУПОРИШ:

Аз пандҳо хулосаи зарурӣ бароред.

Илм чандон ки бештар хонӣ,
Чун амал дар ту нест, нодонӣ...

Зи дониш зинда монӣ ҷовидонӣ,
Зи нодонӣ наёбӣ зиндагонӣ.

**Носири Хусрав**

## “ДАР МУШТ САНГИ ОСИЁБРО ПИНҲОН КАРДЕД!”

Подшоҳе раммолонро оварда гуфт:

- Ба писари ман илми рамл таълим диҳед, то ки ӯ аз асрори ғайб хабардор шавад, ҳар чизи пинҳонро дарёбад!

Раммолон ин супориши подшоҳро қабул карда, писари ӯро бо худ бурданд ва чанд гоҳе ба ӯ илми рамлро таълим доданд. Вақте ки шоҳзода ҳамаи қоидаҳои илми рамлро омӯхт, ӯро ба пеши подшоҳ оварда гуфтанд:

- Шоҳзода раммоли хубе шуданд, метавонед, ки дар ин маҷлис имтиҳон карда бинед.

Подшоҳ дар мушти худ ангуштаринро пинҳон карда ба писараш фармуд, ки аз рӯи илми рамл дар дасташ чӣ буданро дарёбад.

Шоҳзода китоби рамлро дар пеши худаш кушода монд ва донаҳои рамлро ба рӯи китоб партофта холҳои вайро ба доначаҳо ва рақамҳое, ки дар он китоб навишта буданд, андоза карда ба коғазе навишт ва ба подшоҳ хитоб намуда гуфт:

- Дар дасти шумо як чизи гирди миёнсӯрохе ҳаст, ки як тарафаш андак баромадагӣ дорад.

- Хуб аломатҳояшро дарёфтӣ, акнун гӯй, ки худи он чӣ чиз аст?

Шоҳзода баъд аз фикру андешаи бисёре гуфт:

- Маълум мешавад, ки дар мушти худ санги осиёбро пинҳон кардед!

Подшоҳ шӯрида ба раммолон гуфт:

Шумо бахилӣ карда, ба писари ман илми рамлро дуруст наомӯхтаед!

- Мо илми рамлро ба шоҳзода дуруст омӯхтаем, - гуфт сардори раммолон, - аммо дар мушт нағунҷидани санги осиёбро донистан кори ақл аст, на кори илм!

**ЛУҒАТ:**

**Раммол** - донандаи асрори ғайб, асрори ғоиб.

**САВОЛҲО:**

1. Подшоҳ ба раммолон чӣ фармуд?
2. Раммолон чӣ кор карданд ва писари шоҳро ба куҷо бурданд?
3. Шоҳ писарашро чӣ гуна имтиҳон кард?
4. Раммолон ба шубҳа ва нобоварии подшоҳ чӣ ҷавоб гардониданд?
5. Оё ҷавоби писар нодуруст буд?
6. Магар ҷавоби шоҳзода ба ҳақиқат наздик нест?

**СУПОРИШ:**

Хулосаатонро нисбати мазмуни матн баён кунед.

**ҲИКМАТ:**

Шахси доно ба банд гирифтор намешавад.

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ ЯКУМ

**1.** Илму дониш бароямон чун обу ҳаво зарур аст. Барои ба даст овардани илму дониш саъю кӯшиш кардан лозим аст.

**2.** Мактабу мадраса, коллеҷу донишгоҳҳо ва дигар маконҳои маърифатдиҳиро муқаддас дорем ва ин маконҳоро муҳофизат намоем.

**3.** Таҳсил барои кас бисёр зарур аст, аммо бе хонишу таҳсил мурод ба даст намеояд. Барои дониш гирифтан ба душвориҳо тоб овардан лозим аст ва аз ҳеҷ гуна нокомию сахтиҳо тарсидан мумкин нест.

## ТАРАҲҲУМ БА ПАРАНДАҲО, ҲАЙВОНОТ

### ҲАЙВОНҲО МӮҲТОҶИ ҒАМХОРИЯНД

Маънои ҳайвон зинда, ҷондор, ҷондори безабон аст.

Туро худой зи баҳри бақо падид овард,
Туро зи хоку ҳавову наботу ҳайвонро.

**Носири Хусрав**

Боз ҳайвонро ғайринотиқ чорпо низ меноманд. Ғайринотиқ, яъне маънояш нутқ надорад ва сухан гуфтан натавонад. Бо ин мақсад ҳайвонҳои бегуноҳу безабонро зулм кардану озор додан, лату кӯб кардан ҳаргиз аз рӯи одоби одаму одамгарӣ нест.

"Марде хӯрҷин дар даст ба маҳзари пайғамбари акрам омад ва гуфт: Эй расули худо, аз беша гузар мекардам, ки садои чӯҷаҳои парандагонеро шунидам. Онҳоро бардошта ба даруни хӯрҷин ниҳодам ва модарашон болу парзанон болои сари ман ба парвоз даромад. Хӯрҷин бикушодам ва чӯҷаҳоро бар ӯ намудам ва модар бар онҳо афтод ва ман дигарбора хӯрҷинро бибастам ва ин ҷо овардам.

Расули акрам фармуд: - "Онҳоро бар замин гузоред. Он мард чунин кард ва модари чӯҷаҳо бад-онҳо пайваст ва ҳазрати Муҳаммад (с) фармуд: Оё аз муҳаббат ва ишқи модар ба чӯҷаҳо ҳайронӣ? Қасам ба он, ки маро ба рисолат баргузида, Худованд беш аз модари ин чӯҷаҳо ба махлуқоти худ муҳаббат дорад. Онҳоро ба ҷои аввал бозгардон ва модарро бо онҳо гузор".

**Аз "Нахҷ-ул-ҳидоя"**

**ЛУҒАТ:**

**Маҳзар** - ҷои ҳозиршавӣ, ҷои ҳузур, ҳузургоҳ.
**Намудам** - нишон додам.
**Пайваст** - ҳамроҳ шуд.
**Рисолат** - расулӣ аз тарафи худованд ба бандагон.
**Бозгардон** - баргардон.

**САВОЛҲО:**

1. Мард ба назди кӣ ташриф овард ва чӣ арз кард?
2. Расули акрам ба он мард чӣ фармуд ва он мард чӣ кор кард?
3. Ҳазрати Муҳаммад (с) чиро пурсид ва худ чӣ изҳор кард?

**СУПОРИШ:**

Ба безабонон раҳму шафқат намоед ва онҳоро ҳеҷ гоҳ озор надиҳед.

Дар рафтору муносибат бо парандагону чӯҷаҳои онҳо эҳтиёткор бошед.

**ҲИКМАТ**

Дар дунё хоҳ инсон бошад, хоҳ ҳайвон ҷони ширин дорад ва ин ҷони ширинаш барояш азиз аст.

Касе бе падару модар ба дунё наомадааст.

Махсусан ҷудо кардани фарзанд аз падару модараш гуноҳи ниҳоят азим аст. Ҳайвонҳо мӯҳтоҷи ёрии моанд.

Ҳар кас онҳоро озор диҳад, ба ҳамон ҳол меафтад, ки сайёд афтода буд.

## ОҲУБАРРА

Сайёд ба шикор рафт. Сари кӯҳи баланд баромад. Садои оҳубарраеро шунид. Вай назар андохта дид, ки як оҳубарраи сафедаки хушрӯяки ҳушёракак "бааа" гӯён ин тараф меравад, "бааа" гӯён он тараф меравад. Сайёд камон рост кард ҷониби оҳубарраи сафедак, вале напарронд. "Гӯштат кирои хӯрдан намекунад. Тир ҳайф мешавад. Ва агар очааш хоб бошад, аз садои тир хеста мегурезад" - аз дил гузаронд. Сайёд буни хорбуттае ҷой гирифт. Дер нишаст. Як вақт аз бехи харсанг оҳуи калоне хест. Хамёза кашид. Ба атроф нигарист. Бачаашро ҷӯё шуд. Фарёд кард: "Мааа".

Баробари бачаашро чеғ задан садои тир баромад. Оҳу як бор боло ҷасту ба замин афтид. Оҳубарра тозон рафта модарашро бӯй кашид ва фарёд баровард. Сайёдро дида гурехт.

Сайёд сари оҳуро бурид. Шикамашро чок карда, рӯдаву шикамбаашро бароварда партофт, ва оҳуро ба дӯшаш бардошт, то хона барад. Нишебӣ роҳ мерафт. Яке рӯи санги ковок пой гузошт, санг канда шуд. Пояш фурӯ рафт. Бо вазни оҳу лағжида поён рафт ва қарор нагирифта аз бора ба зер афтод. Таг варта буд. Пояш шикаст. Аз қаър садояш баромад:

– Вой, очаҷон, мурдам!

Оҳубарра сари бора омад ва гуфт:

– Ҳа-а, ҷони ту ҳам дард мекардааст. Очаамро куштӣ, маро ятим кардӣ. Ба чунин рӯз гирифтор шудӣ. Чоҳкан – зери чоҳ.

### ЛУҒАТ:

**Назар андохт** - яъне нигоҳ кард.
**Варта** - чуқурии бетаг, ҷарӣ.

### САВОЛҲО:

**1.** Сайёд дар кӯҳ чиро мушоҳида кард?
**2.** Шикорчӣ бо чӣ ҳила оҳубарраро аз модараш маҳрум кард?
**3.** Ба сайёд чӣ ҳодиса рӯй дод ва ӯ чиҳо гуфт?
**4.** Оҳубарра ба шикорчӣ чӣ ҷавоб гардонд?

### ҲИКМАТ

Бадӣ кунӣ-бадӣ бинӣ, некӣ кунӣ-некӣ бинӣ.

## ГУРБА ВА ПАЛАНГ

Гурба ба гурӯҳи ҳайвонҳои ширхӯр мансуб аст. Гурбаҳо низ ба мисли дигар ҳайвонҳо дар ҷаҳон гуногун мешаванд. Миқдори зиёди гурбаҳо сокини хонаҳоянд, яъне бо одамон ҳамроҳ зиндагӣ мекунанд. Онҳо душмани мушон, ки хеле зараррасонанд, ба шумор мераванд.

Паланг ҳайвони ваҳшӣ буда сокини бешаю ҷангал аст. Ин ҳайвони бадхашму даранда душмани асосии бузу гӯсфанди хонагию кӯҳӣ, гавазн ва дигар ҳайвонҳои камқувват мебошад.

Дар бораи гурбаю паланг одамон афсонаю ҳикояҳои гуногун эҷод кардаанд, ки аз хондани онҳо кас, албатта, дар тааҷҷуб мемонад.

"Дӯстони азиз, намедонам шумо бо якдигар ҳамҷинсу хеш будани палангу гурбаро медонед ё не. Гурба ба паланг амак мешавад.

Дар яке аз рӯзҳои хушу хуррам, фарз кунем, рӯзи сешанбе… Шумо мепурсед ки чаро рӯзи сешанбе? Шояд, рӯзи чоршанбе. Хайр фарз кунем рӯзи чоршанбе… Барои чӣ чоршанбе? Хайр, бигзор рӯзи панҷшанбе… Барои чӣ? Хайр, чунон ки дар аввал гуфтем: "Дар яке аз рӯзҳои хушу хуррам", инаш дурусттар мешавад. Хӯш ки бошад, дар яке аз рӯзҳои хушу хуррам паланг бо амаки худ гурба вохӯрд.

- Вой амакҷони бечораи ман, - гуфт паланг ба гурба, - барои чӣ шумо ин хел хурдакаки майдаяк?

- Агар ту ҳам мисли ман ба дасти одамизод меафтодӣ, сабаби ин хел майдаяк шудани маро мефаҳмидӣ, - гуфт гурба дар ҷавоб.

- Ана гап дар куҷо.

- Амакҷон, агар мумкин бошад, шумо яке аз ин фарзандони Одамро ба ман нишон дода монед.

- Хайр, биё равем, ба ту нишон медиҳам.

Бародарзодаву амак ба роҳ баромаданд. Паҳлу ба паҳлу мерафтанд. Аз пеш як пода барзагов баромад. Вақте ки онҳо ба пода расиданд, паланг пурсид:

- Фарзандони Одам ҳаминҳоянд?

Гурба хандида гуфт:

- Ту ба оне, ки дидан мехостӣ, як нигоҳ кун! Як бачаи одамизод як подаи калонро ба ҷое, ки хоҳад, ронда бурдан мегирад.

Бародарзодаву амак боз ба роҳи худ давом доданд. Аз пеш як галлаи асп баромад. Вақте ки онҳо ба галла расиданд, паланг пурсид:

- Фарзандони Одам ҳаминҳо-мӣ?

Ҷиянҷон, ту чӣ мегӯӣ? - гуфт гурба, - Ту фарзанди Одамро чӣ гумон кардӣ. Фарзандони Одам ба ин чорпоҳо савор шуда мегарданд.

Бародарзодаву амак боз пештар рафтанд. Аз пеши онҳо як галлаи шутур баромад. Паланг, ки онҳоро яқин фарзандони Одам гумон карда буд, бо боварии тамом гуфт:

- Ана, инҳо бояд фарзанди Одам бошанд.

Гурба хандида ҷавоб дод:

- Ҷиянҷон, боз ҳам наёфтӣ. Ҳатто як бачаи одамизод ин ҷонварони калони букриро ба думи якдигарашон баста, худаш ба харе савор шуда, баҳузур кашола карда мебарад.

Бародазодаву амак боз рафтан гирифтанд. Баъд аз паймудани роҳи зиёде ба қуллаи кӯҳе расиданд. Дар сари кӯҳ ҷангале рӯида буд.

Дар ҷангал марде ҷомаашро кашида, остинҳояшро бар зада дарахти калонеро арра мекард. Аз пешонии сербараш арақ мечакид...

- Ана, ин фарзанди одамизод аст, - гуфт гурба.

Паланг ҳайрон шуд. Ба ин хел сару сурати назарногир доштани фарзанди Одамӣ ҳайрон монд. Гурба палангро бо мардаки дарахтбур шинос кард ва сабаби бо фарзанди Одамизод иштиёқи шиносшавӣ доштани палангро фаҳмонда дод.

- Бисёр хуб, бисёр хуб, хуш омадед, бародари азиз, паланг, - гуфт марди дарахтбур - Ҳоло, ки марҳамат карда ба ин ҷо қадам ранҷа фармудед, чӣ мешавад, ки андак ба ман ёрӣ диҳед.

Паланг аз ин ки фарзанди Одам аз вай мадад мепурсад, мағруру сарфароз шуд. Вай ба гурба, яъне ба амакаш, чашмак зада, гӯё фаҳмонданӣ мешуд, ки: "Мебинӣ, фарзанди Одам аз ман мадад мепурсад".

Ба марди дарахтбур рӯ оварда гуфт:

- Бисёр хуб. Ба ту чӣ хел ёрӣ диҳам?

- Агар ба ту душвор набошад, ҷои кафидаи ин кундаро ба ман васеътар карда деҳ, ки кафондан осонтар шавад. Зӯрам нарасида истодааст.

Паланг боз ба амакаш, яъне гурба чашмак зада монд. Баъд барои он ки зӯрию тавоноии худро нишон диҳад, панҷаҳояшро ба ҷои кафидаи кундаи калон даровард. Марди дарахтбур бо чаққонӣ фонаеро, ки ба он ҷо зада буд, бо як зарбаи табар зада баровард ва ҳар ду панҷаи паланг дар он ҷо сахт дармонд.

Марди дарахтбур омада дар рӯ ба рӯи паланги ба дом афтода сари ду по нишаста, чубуқашро бароварда даргиронд. Паланг ҳанӯз нафаҳмида буд, ки чӣ воқеа рӯй додааст. Панҷаҳояш сахт дард мекарда бошанд ҳам, худро ба мардӣ зада, оҳу воҳ намекард. Аммо гурба ба сари дарахте баромада, ба аҳволи бародарзодааш тамошо мекард ва мӯйлабҳояшро тофта, лабханд мезад.

Ниҳоят паланг тоб оварда натавониста, сарашро бардошта, аз гурба пурсид:

- Амакҷон, акнун чӣ мешавад? Агар то ту барин хурдакаку майдаяк нашавам, фарзанди Одам маро сар намедиҳад?

- Инашро худо медонад, мяв, - ҷавоб дод гурба...

Ривоят мекунанд, ки гурба, яъне амаки паланг, баъд аз ин воқеа “мяв” мегуфтагӣ шуд.

**САВОЛҲО:**

**1.** Палангу гурба чӣ гуна хешӣ доштаанд?
**2.** Гурба ба паланг чиҳоро нишон дод?
**3.** Дар хотима гурба палангро ба пеши кӣ бурд?
**4.** Одамизод бо кадом роҳ палангро ба дом афканд?

**ҲИКМАТ**

Ба ҳайвонот раҳм кунед ва онҳоро озор надиҳед.

Хашм гирифтан ба ҳайвонот аз нодонӣ аст.

**Ҳазрати Муҳаммад (с)**

## ДУХТАРЧА ВА КАБК

Кабк парандаи зебою хушхон буда, асосан дар кӯҳистон зиндагӣ мекунад. Ин парандаро баъзе одамон ба дом афтонда ром мекунанд ва гирифтори қафас мегардонанд. Кабкро асосан барои овози хушаш нигоҳубин мекунанд. Қаҳ-қаҳи ин парандаи зебо дар ҳақиқат ҳам шунавандаро ба худ мафтун мекунад. Кас аз овози форамаш бисёр лаззат мебарад.

Гоҳо кабк ба одам некӣ ҳам карда метавонистааст. Чунонки дар афсонаи зерин шоҳиди ин воқеаи аҷоибу ғароиб хоҳем гашт:

“Дар замонҳои дури дур, вақтҳое, ки ҳанӯз на шаҳр буду на деҳа ва одамон ҳар кадом бо аҳли оилаи худ аз якдигар ҷудо-ҷудо зиндагӣ мекарданд, дар доманаи кӯҳе як оила зиндагӣ мекард. Ин оила аз падару модар ва се нафар фарзандон иборат буд. Ду писар ва як духтар. Писарон Эраҷ ва Манучеҳр ва духтарак Марям ном дошт. Аҳли ин оила хушбахт ва меҳнатдӯст буданд. Падар киштукор мекард, писарон чорво мечарониданд, модар ба корҳои рӯзгор машғул буд ва пахта мересид. Дар корҳои хонавода ба вай Марями хурдсол ёрӣ мерасонд. Духтарча панҷсола бошад ҳам, дар ҳақиқат дасти рости модараш буд. Ин хонавода бе ҳад хушрӯз буд, то

андозае, ки ҳатто сарварони он падару модар аз чунин бахту толеъ як навъ тарс ҳам доштанд. Дар ҳақиқат хушбахтӣ дер напоид. Тирамоҳ омад, бодҳои сард абри беҳисоберо дар осмон ҷамъ карданд ва борон беист ба боридан сар кард. Борон беист мебориду меборид, гӯё аз лаби сатил касе об мерехт ба сари мардум. Дили соҳиби хонаводаро тарсу ҳарос пахш кард. "Мабодо борони имсола ба сарамон фалокате биёрад", - андеша мекард ӯ, - "ба ҳар ҳол ноумед шудан хуб нест" - таскин медод ӯ худро. Вале бар хилофи орзуҳои неки онҳо борон ҳар чӣ сахттар борид, селоби даҳшатнок талу теппаҳо, сангу хоку гилро канда, ба киштзорҳо ва водиҳо овард. Ин офати даҳшатнок ҳар чизеро, ки дар сари роҳаш буд, рӯфта бурд.

Хонаи ин оилаи хушбахтро ҳам сел ба коми худ кашид. Се шабу се рӯз борон борид ва охири рӯзи сеюм ором гирифт. Марям шиновари моҳир буд ва ба шарофати ҳамин ҳунараш зинда монд. Бо машаққати зиёд вай ба соҳил расида, ба хушкӣ баромад. Се шабонарӯз ба гуфтан осон! Духтарча бисёр гурусна ва хунук хӯрда буд, ба болои он хобидан мехост. Ба хушкӣ баромада дар беҳи харсанге ҳалқа зада хобид. Субҳидам нури навозишгари офтоб Марямро беозор бедор кард. Духтарча чашмонашро молида, хамёза кашида аз ҷой хест… Аз куҷо як луқма хӯрданӣ ёбам?– андеша кард худ ба худ ва насиҳати падараш ба ёдаш омад, ки мегуфт: "Барои нон ёфтан кор кардан лозим". Ба ҳамин ният ӯ ба роҳ баромад.

Марям меваҳои ёбоӣ ва решаҳои гиёҳҳоро хӯрда рӯз мегузаронид, шабҳо бошад, ба шохи дарахтон баромада хоб мекард, то ки тӯъмаи дарандагон нашавад. Вай барои зимистон хӯрок ҷамъ меовард ва падару модарашро мекофт. Ҳамин тариқ, рӯзҳову ҳафтаҳо гузаштанд. Ҳаво торафт хунук шуд ва боре вай аз хоб бедор шуда атрофи худро барфпӯш дид. Духтарча дар фикри пайдо кардани манзили гарм буд. Аз зери барф шохаҳои мевадори дарахтони сармозада ба чашм мерасид. Барф беҳад баланд буд, то миёни духтарча мерасид ва ӯ бо азобу машаққати зиёд роҳ мегашт. Вай нохост дар болои барф қанотҳои хокистарранги ҷонвареро дида, хам шуда онро маҳкам қапид. Дар дасти духтарча кабки зебое питиррос мезад. Чеҳраи хайрхоҳи духтаракро дида, кабк ба забон омада гуфт:

- Оҳ, ту маро аҷаб тарсондӣ-е, Марям, ман бошам, тарсидам, ки ба чанги рӯбоҳ афтодам ё гург. Наход ту маро нашинохтӣ?

- Албатта, шинохтам, - ҷавоб дод духтарча. - Ту ҳамон кабки зебоӣ, ки зимистон ба назди мо омада будӣ, шумо бошед, аҳли хонаводаи моро бо овози форами худ шод мегардондед.

- Рост, - ҷавоб гардонд кабк. - Мо имсол ба назди шумо рафтем, вале ҳеҷ касро наёфтем. Падару модар ва бародаронат куҷо шуданд?

Духтарча саргузашти ғамангези худро як ба як ба кабк гуфт. Кабк духтарчаро тасалло дода, ваъда дод, ки барои ёфтани падару модар ва бародаронаш ёрӣ медиҳад.

Зеро вай аз духтарча бисёр миннатдор буд. Донишмандон гуфтаанд, ки аз ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст. Кабк духтарчаро шердил карда гуфт, ки дарахти булути ҳазорсолаи бузургеро медонад, ки шохаҳояш аз абрҳо баландтар аст. Он булут ҳама чизро мебинад ва аз ҳама корҳои ҷаҳон бохабар аст. Вале вай аз ин ҷо хеле дур аст. То он ҷо ҳафт шабу ҳафт рӯз роҳ аст.

- Боке нест, - ҷавоб дод духтарак, - ҳамин озуқаи ночизи ҷамъкардаи маро мегирему ба роҳ мебароем.

Онҳо ҳафт шабу рӯз роҳ гашта кӯҳу дараҳоро гузашта, оқибат ба таги булути ҳамадон расиданд. Ба назди булут омада боодобона таъзим карда салом доданд ва гуфтанд:

- Эй булути ҳамадон, арзи моро шунав.

Булут ба саломи онҳо меҳрубонона ҷавоб гардонида, пурсид, ки ба чӣ арз пеши ӯ омадаанд. Кабк саргузашти Марямро нақл кард.

- Ба шумо раҳмам меояд, - навдаҳояшро ҷунбонда гуфт булути хайрхоҳ ва оқил, - ба ковокии ман даромада, гарм шавед, фароғат кунед, ман бошам, падару модар ва бародарони Марямро мекобам. Духтарча ва кабк аз ин меҳрубонии булут шод гаштанд. Булут бошад, шохаҳояшро ҷунбонда дараҳою водиҳоро аз назар гузаронд. Пас аз чанде бародарони Марямро дид, ки дар ғоре пинҳон шудаанд, дар пушти кӯҳ падару модари духтарак гирди гулхан сархаму аламзада нишастаанд.

- Ман онҳоро ёфтам! - Нидо кард булут ва ба онҳо роҳ нишон дод.

Духтарча ва кабки гармшуда дам гирифта ба роҳ даромаданд. Баъди чанде онҳо ба кӯҳи нишондодаи булут расиданд ва Марям бародаронашро ёфт.

- Акнун ба назди падару модарамон меравем, - гуфт ӯ.

- Дар кучоянд онҳо? - ҳайрон шуданд бародарон.

- Дар пушти ҳамин кӯҳ, - ҷавоб дод Марям.

Бародарон равон шуданд. Хурсандии онҳо ҳадду канор надошт, зеро баъди ҷудоиҳои дуру дароз ба дидори ҳамдигар расиданд. Аз хурсандӣ аз чашмони кабк ашк рехт, ба хондан даромад: "Аз ноумедиҳо басе умед аст, поёни шаби сиёҳ сафед аст". Падар қарор дод, ки хонаи нав созанд, вале хонаи авваларо ба назар гирифта, на дар домани кӯҳ, балки дар баландӣ бино кардан лозим. Иморат дар болои кӯҳ сохта шуд ва кабк бо дӯстонаш таронахонӣ кард ва хотири хонаводаро шод гардонид. Ҳамаи инро булути некхоҳ ва оқил аз дур тамошо карда хурсанд шуд ва шохаҳои худро дӯстона ҷунбондан гирифт. Аз ғояти хурсандӣ булут калонтар ва азимтар шуд. Аз ин ҷо чунин хулоса мебарояд, ки корҳои хайр ба булут солҳои дароз қувват мебахшидааст: аз баракати дӯстӣ ва некӣ вай ҳар рӯз зӯртар ва азимтар мешавад."

## ЛУҒАТ:

**Булут** - як навъи дарахът.

**Тӯъма** - хӯрок, таом, қут, луқма.

## САВОЛҲО:

1. Одамони қадим чӣ гуна зиндагӣ мекардаанд?
2. Тарсу ҳароси оила аз чӣ буд?
3. Баъд чӣ воқеаи нохуш рӯй дод?
4. Марям чӣ тавр зинда монд?
5. Барои нон ёфтан Марям чӣ кор кард?
6. Кабк ба духтарча чӣ тавр ёрӣ расонид?
7. Булут чӣ мадад кард?

## СУПОРИШ:

Баракати дӯстиро, ки ба Марям, кабк ва булут расид, баён намоед. Афсона ба шумо чӣ таассурот бахшид, ҳикоят кунед.

## ҲИКМАТ

Ҳосили некӣ некӣ орад.

# ҶОНВАРОНИ ВАФОДОР
## (Бародарон ГРИММ)

Пурсидаанд, ки оё некӣ дар ҳаққи чаҳорпоён ва об додан ба онҳо ҳам мукофоте дорад?

Бале, ҳар амали неке, ки дар ҳаққи ҳайвонот сурат мегирад, мукофоте дорад.

Ҳайвоноти хонагӣ ба одамон нафъоваранд. Масалан аз, гов ва гӯсфанду буз ширу гӯшт ва равғану пашм, мегиранд аспу уштуру харро ҳамчун ҳайвони саворию боркаш, сагро чун посбони хона истифода мебаранд.

Ҳайвонҳои ваҳшӣ азбаски аз одамон дуранду ром нашудаанд, нисбати инсон на ҳамеша хайрхоҳанд.

Баъзеи онҳо аз қабили шер, гург, паланг, хирс ва ғайра гоҳо ба одамон ҳуҷум ҳам мекунанд. Ва махсусан гург зарари бисёр мерасонад, аммо онро боз тозакунандаи ҷангалу беша ҳам мегӯянд.

Вале баъзан ҳамин тавр ҳам мешавад, ки ҳайвонҳои ваҳшӣ ҳам (агар ба онҳо некӣ кунед) ба шумо ёрии худро мерасонанд. Чунонки дар афсонаи зерин мо шоҳиди ин гуфтаҳо хоҳем шуд.

“Дар замони хеле қадим марде мезист. Ӯ хеле нодор буд ва ба андак пуле, ки дошт, ба саёҳати олам баромад. Рӯзе аз деҳае мегузашт ва дид, ки кӯдакон шӯру ғавғо доранд.

– Бачаҳо, чаро мағал мекунед? – пурсид мард.

– Бубинед, – гуфтанд онҳо, – мо мушро доштем, мехоҳем ӯро рақсидан биёмӯзем. Чӣ шавқовар метозад, бубинед.

– Бачаҳо, мушакро озод кунед, ман ба ивазаш пул медиҳам.

Ӯ ба бачаҳо пул дод ва онҳо мушакро сар доданд, ҷонвараки бечора гурехта ба сӯрохӣ паноҳ бурд.

Мард роҳашро давом дод. Чун ба деҳаи дигар расид, дид, ки бачаҳо бӯзинаеро доштаанд. Водораш мекарданд, ки вай бирақсаду бичаҳад. Ӯро масхаракунон ором намегузоштанд. Ӯ ба бачаҳо пул дод, ки бӯзинаро озод кунанд.

Мард ба деҳаи сеюм омад. Он ҷо бачаҳо хирсро ба банд гирифта буданд. Бечора хирс ночор сари ду по истода мерақсид. Ғурриши ӯ бачаҳоро ба шӯр меовард. Мард хирсро ҳам харид. Хирс хурсанд

шуд, ки боз метавонад чорпо шуда қадам монад ва покӯбон ҷониби ҷангал шуд.

Ҳамин тавр он мард ҳамаи пули худро харҷ карду бепул монд. Пас ӯ худ ба худ андешид: "Дар хазинаи шоҳ он қадар танга ҳаст, ки аз сару гӯшаш зиёд. Чаро ман аз гуруснагӣ бимирам?! Мераваму аз хазинаи шоҳ андаке мегирам, ҳамин ки пул кор кардам, бармегардонам".

Ӯ роҳе ёфта ба хазина ворид шуду андак пул гирифт, аммо вақти баромадан ӯро нӯкарони шоҳ дастгир карданд. Эълон карданд, ки ӯ дузд аст ва ба ҳукмгоҳ бурданд. Азбаски рафтори ғайриқонунӣ карда буд, қарор доданд, ба қуттие адохта ба дарё партоянд.

Сарпӯши қуттиро сӯрох карданд, ки ҳаво дарояд ва ба ӯ пораи нону кӯзаи об доданд. Мард даруни қуттӣ рӯи дарё шино мекарду ҳастиашро ваҳму тарс фаро мегирифт. Аммо баногоҳ шунид, ки касе қулфро мехарошад. Ба ногоҳ қулф боз шуду сарпӯш кушода ва ба вай мушу бӯзина ва хирс бо тааҷҷуб нигоҳ мекунанд. Мард фаҳмид, ки онҳо қуттиро кушодаанд. Мард, ки боре онҳоро наҷот дода буд, акнун онҳо ба кӯмаки ӯ омада буданд. Аммо ҷонварон намедонистанд, ки чӣ кор кунанд ва байни худ ба маслиҳат пардохтанд. Ин лаҳза аз об санги сафеде рӯ зад, ки шакли тухм дошт. Хирс гуфт:

- Сари вақт ин санг аз пеши мо баромад, ин санг сеҳрнок аст. Ҳар кӣ онро соҳиб шавад, ҳар чӣ талабад, хостааш мешавад.

Мард он сангро аз об дошта гирифт ва орзу кард, ки соҳиби қасре бошад, ки атрофаш боғ ва саисхонаи шоҳона дошта бошад. Ҳини аз дил гузаронидани матлаби хеш худро дид нишаста дар қалъае, ки саисхонаи шоҳона дорад. Ва ин ҳама он қадар зебо ва олӣ, ки ӯ дар ҳайрат монд.

Ин лаҳза аз роҳ тоҷирон мегузаштанд.

- Бубинед, - нидо карданд онҳо, - чӣ қасри олиҷанобе сохтаанд. Аҷаб, дафъаи гузашта ин ҷо ба ҷуз реги тафсон чизе набуд.

Ҳисси кунҷкобӣ онҳоро вориди қалъа кард ва онҳо кунҷкобона мепурсиданд, ки чӣ гуна ӯ тавонистааст зуд ин ҳамаро бисозад. Ӯ чунин гуфт:

- Инро ман насохтаам, балки эъҷози санги сеҳрноки ман аст.

- Чӣ санг аст он? - пурсиданд тоҷирон.

Ӯ рафту сангро оварда ба тоҷирон нишон дод. Онҳо хостанд он сангро соҳиб шаванд. Аз мард пурсиданд, ки оё ӯ сангро намефурӯшад? Онҳо дар ивазаш ҳама молҳои қиматбаҳои худро пешниҳод карданд. Мард ба молҳои зебо ҳарисона менигарист. Ӯ, ки иродаи қавӣ надошт, ҳамеша майли чизҳои нав ба нав дошт ва ин амалаш имкон дод, ки ӯро аҳмақ кунанд. Зеро гумон дошт, ки молҳои қиматбаҳо аз санги сеҳрноки ӯ пурарзиштаранд. Ҳамин ки сангро аз даст дод, ҳамон лаҳза хушбахтии ӯ нобуд шуд. Боз худро даруни қуттии сарбаста дар дарё дид, ки ҷуз як кулча обу нон чизе боқӣ нест.

Ҷонварони вафодор мушу бӯзина ва хирс чун диданд, ки ӯ боз гирифтори бало шуд, ба кӯмакаш шитофтанд. Аммо ин дафъа ҳеҷ наметавонистанд он қуттиро кушоянд, зеро он хеле мустаҳкамтар аз пешин буд. Он гоҳ хирс гуфт:

- Мо бояд санги сеҳрнокро биёбем, набошад ҳамаи кӯшишҳои мо барабас хоҳанд шуд.

Муш баргашт ва он чиро, ки бӯзинаву хирс маслиҳат доданд, иҷро кард. Хӯҷаин бедор шуда биниашро соиш дода гуфт:

- Ин гурбаҳои ман ба як тин намеарзанд, мушҳоро чунон озодӣ доданд, ки онҳо мӯйҳои маро мехоянд! - Ва гурбаҳоро биронд.

Акнун муш ба мақсад расид. Шаби дигар чун хӯҷаинро хоб бурд, муш ба хонаи ӯ даромад ва риштаи сурхеро, ки санги сеҳрнок дар он банд буд, бихоид. Санг ба фарш афтид ва муш онро то дами дар кашида овард. Ин кор осон набуд. Муш ба бӯзина, ки дар паси дар интизораш буд, нидо кард:

- Барор сангро аз ин ҷо зуд.

Бӯзина бе душворӣ сангро ба даст гирифт ва ҳар се лаби рӯд омаданд.

Бӯзина гуфт:

- Чӣ тавр акнун ба даруни қуттӣ дароем?

Хирс ҷавоб дод:

- Ин корро ҳозир ташкил мекунем. Ман ба об даромада шино мекунам. Ту бӯзина, ба тахтапушти ман мешинӣ, аммо ба ду даст маро маҳкамтар дошта, сангро дар даҳонат гир. Ту, мушак, ба даруни гӯши рости ман даро.

Ҳамин тавр онҳо ба тарафи поёни маҷрои об шино карданд. Баъди чанде хомӯшӣ ба дили хирс заду ӯ ба лаққидан даромад.

- Гӯш кун, бӯзина, мову, ту гап байни худамон, дӯстони диловарем. Ҳамту не?

Аммо бӯзина ҷавоб надод.

- Ин чӣ хислат, ки ту дорӣ, - гуфт хирс, - ба дӯстони худ ҷавоб намедиҳӣ? Дӯст намедорам касонеро, ки посух намедиҳанд, - ин лаҳза бӯзинаро тоқаташ тоқ шуду сангро аз даҳонаш бар об раҳо кард ва фарёд зад:

- Аблаҳ! Чӣ тавр ман ҷавоб диҳам, ки санг дар даҳон дорам? Ана акнун он ба об рафт бо айби ту.

- Хайр, тез нашав, - гуфт хирс, ҳозир чорае меандешам. Онҳо байни худ маслиҳат оростанд ва сипас ҳама қурбоққаҳову ҷонварони зери обро ҷамъ оварданду гуфтанд:

Душмани тавоное мехоҳад ба шумо ҳуҷум оварад. Шумо бояд харчи бештар санг ҷамъ оваред ва мо барои шумо деворе месозем, ки шуморо ҳифз мекунад.

Ҷонварони обӣ тарсиданд ва зери об ҳар қадар, ки тавонистанд, сангҳоро берун оварданд. Оқибат қурбоққаи қурросӣ дар лабаш риштаи сурх санги сеҳрнокро баровард. Хирс хурсанд шуда сангро аз қурбоққа гирифт ва гуфт, ки дигар онҳо метавонанд осуда ба хонаҳояшон баргарданд ва зуд ба онҳо хайрбод гуфт. Ва се нафари онҳо боз ба маҷрои дарё ба поён, ба назди марди дар қуттӣ буда шитофтанд. Тавассути санги сеҳрнок онҳо қуттиро кушода диданд, ки сари вақт омадаанд, зеро обу нони мард кайҳо тамом шудаву ӯ қариб аз гуруснагӣ ҳалок мешуд. Ҳамин ки ӯ санги сеҳрнокро ба даст гирифт, ба худ тани сиҳат хосту дар як лаҳза боз ба қалъаи худ баргашт, ки боғу саисхонаҳои шоҳона дошт ва ба зиндагӣ шурӯъ кард. Се нафар ҷонваракро низ бо худ гирифт ва онҳо ҳама умр бо ҳам хушбахт буданд".

## ЛУҒАТ:

**Чаҳорпоён** - ҳайвонот.
**Подош** - мукофот, тӯҳфа.
**Амали нек** - кори нек, рафтори нек, кори хайр.
**Бӯзина** - маймун.
**Андешид** - фикр кард.
**Барабас** - беҳуда.

## САВОЛҲО:

1. Мард ба куҷо рафт ва бо чиҳо вохӯрд?
2. Ба мушаки асирафтода кӣ ёрӣ дод?
3. Бӯзина чӣ гуна озод гардид?
4. Хирсро бо ивази пул кӣ озод кард?
5. Мард аз бепулӣ ба чӣ кори ношоям даст зад?
6. Марди камбағалро чӣ ҷазо доданд?
7. Он шахси накӯкорро аз банд чиҳо озод намуданд?
8. Санги сеҳрнок ба он шахс чиро муҳайё кард?
9. Тоҷирон он мардро чӣ тавр фиреб доданд ва ӯ аз чӣ маҳрум гашт?
10. Барои дубора ба даст овардани сангчаи сеҳрнок дӯстон чӣ тадбир ҷустанд?
11. Он мард дӯстони безабонро ба куҷо бурд?
12. Оқибати некӣ ба ҳайвонот ба марди камбағал чӣ овард?

Ту некӣ мекуну дар Даҷла андоз,
Ки эзид дар биёбонат диҳад боз.

## АНДӮҲИ МОДАГОВ

Кас натанҳо ба одамон, балки ба ҳайвонот ҳам бояд некӣ кунад. Ҳайвонҳо як хислати хубе доранд. Агар кас ба онҳо некӣ кунад, дар ивазаш, албатта некӣ мебинад.

Ҳайвонҳо барои инсон нафъоваранд. Ба ин дӯстони безабон бояд ёрӣ диҳем, онҳоро аз несту нобудшавӣ нигоҳ дорем. Чунон ки дар намоиши "Олами ҳайвонот" гоҳо тамошо мекунем, бо ин суханон вомехӯрем: "Номи ин ё он ҳайвон ё паранда дар "Китоби Сурх" навишта шудааст.. Онҳо дар ҳолати несту нобудшавианд. Бояд мо онҳоро наҷот диҳем…"

"Барои оши худоии момоям ба деҳа рафтаму шоҳиди воқеаи аҷибе шудам. Саҳарии барвақт модагови алое пайдо шуд. Вай баланд-баланд маосзанон гирди ҳавлиро як давр зад, баъд ба дари хона омаду садо кардан гирифт:

- Ҳм-мм! Ҳм-мм-м…

Ба назарам чунин намуд, ки гурусна ё сахт ташна аст. Нохост дар чашмонаш қатраҳои ашк дидам, ки ба замин мечаканд.

Ин дам аммаам аз айвони шишабандӣ яктаҳи момои марҳумамро ба бар гирифт ва бо чашмони ашкбор берун баромад. Вай назди гов рафту сару рӯяшро силакунон шеван намуд:

- Ҷонатро садқа, ҷонвари безабон! Боз омадӣ?! Биё, биё, донояκам.

Гов ҳарисона яктаҳи ба бар кардаи аммаамро бӯиду лесид. Пас баргашту зери тути калон омад, ки момоям одатан он ҷо соатҳо ресмон ришт ва гӯё муддате ба сукут рафт.

Аммаам ба хона баргашту аз нигоҳи суолдори ман мазмун гирифт, ки гуфт:

- Ин гов ҳам мотам гирифтагӣ. Нолаву навҳаи моро шунида омадааст. Пас аз лаҳзае андеша афзуд: - Ин ҳоло ҳам ҳеҷ гап нест. Рӯзи дафн чӣ қадар худро бардорузан кард безабон!

- Наход?

- Инро момоят калон карда буд. Ту, албатта, аз воқеа хабар надорӣ. - Аммаам оҳи сарде кашиду ба нақли воқеа пардохт: - Як баҳор сели калоне омаду очаи ҳамин говро бурд.

Бечора гӯсола бе оча монд. Вай ҳанӯз алафхӯр нашуда буд. Дастӣ шир додем. Ширро аз ҳамсояҳо металабидем. Модарам аз боиси ин гӯсола чӣ азобҳо кашид! Баъдтар алафҳои нарми хушхӯрро реза карда кам-кам мехӯронд. Хуллас, модарам ба ин гӯсола шири худро надоду бас...

Ҳайвонҳо бисёр зиракaнд. Ба ҳама чиз сарфаҳм меравaнд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки барои некӣ бо некӣ ҷавоб гардонанд. Аспи дастомӯз мавриди фалокат аз болои сари соҳибаш дур намеравад. Бузро навозиш кунӣ, бештар шир медиҳад...

Ин ҷонварро додарам ба колхоз фурӯхта буд. Лекин ба мотаму ёдбуди соҳибаш расида омад. Ҳатто либоси модарамро шинохта аз бӯяш таскин ёфт...

Ҷонварон ҳам ба қадри некӣ мерасанд! - Суханашро хотима дод аммаам ва гӯё дар омади гап илова кард: - Аммо ҳайронам, ки баъзе одамони носипосро бо онҳо чӣ гуна қиёс кардан мумкин бошад!"

## ЛУҒАТ:

**Мазмун гирифт** - яъне фаҳмид.
**Оҳи сард** - оҳи хунук, оҳи вазнин, оҳи чуқур.
**Пардохт** - сар кард, шурӯъ кард.
**Хуллас** - хулоса.
**Ёдбуд** - поси хотир.
**Таскин ёфт** - ором ёфт.
**Одамони носипос** - одамони кӯрнамак.

## САВОЛҲО:

1. Модагов чиро лесид?
2. Ҳайвони безабон чаро ашк рехт?
3. Дар рӯзи вафоти момо модагов чӣ кор кард?
4. Модагов боз чиро бӯид?

## ПАНД

Ба чаҳорпоён - ҳайвонот раҳму шафқат кунед.
Ҳеҷ гоҳ ҳайвонҳои безабонро озор надиҳед.

## ҲИКМАТ

Қадр кунед, қадр мебинед.

# ТӮТИИ ОЗОДИХОҲ

(Ривояти халқӣ)

Дар кураи замин ҳазорон намуд парандагони хурду калон мавҷуданд. Аксарашонро одамон медонанд ва хуб мешиносанд.

Аз мурғ сар карда то уқобу калхоти кӯҳӣ ба қатори парандаҳо мансубанд.

Бисёр парандагон бароямон нафъоваранд ва ба одамон наздик зиндагӣ мекунанд.

Каму зиёдшавии миқдори парандаҳо ба чӣ гуна муносибат кардани мо нисбати он безабонон вобаста аст. Аз ин рӯ ҳифзи онҳо ба ҳама мардуми олам бисёр ҳам зарур аст.

Боиси таассуф аст, ки баъзе бачагони бераҳму шафқат кашкашаку камонғӯлак дар даст ба несту нобуд кардани парандаҳои безабон машғуланд. Чӣ мешавад, ки онҳо худашонро ба ҷои он безабонон тасаввур карда, ҳамон тири ярокашонро ба дилу ҷигари худ равона созанд.

Матнро хонда ба савдогар ва муомилаи хуби вай бо тӯтиҳои зебо хулосаи зарурӣ бароред.

"Замоне дар як шаҳр савдогаре буд. Вай тӯтие дошт. Тӯтии хушилҳон дар қафаси танг маҳзун буд. Вай мехост, ки дар ҳавои баҳорон озодона бол занад, вале роҳи озодӣ намеёфт. Боре савдогар ба сафар рафтанӣ шуда, аз тӯтӣ пурсид, ки ин бор барои ӯ чӣ савғотӣ оварад:

– Соҳиби меҳрубон, – гуфт тӯтӣ, – ман савғотии зиёд намехоҳам. Танҳо илтимосе дорам. Аз роҳатон чашмае мебарояд. Дар назди он селаи тӯтиҳоро мебинед. Ба яке аз онҳо саломи маро расонида, дар бораи зиндагиам нақл карда, суханонашро ба ман савғо биёред.

Савдогар равон шуда, баъди чанд рӯз чашмаеро дид. Чашма фаввора мезад. Обаш зулолу сард буд. Гӯё қолини махмалинеро дар атрофи он барои тӯтиҳои зебои хушхон андохта буданд. Савдогар ба ин манзара каме нигаристу ба яке аз тӯтиҳо аз зиндагии тӯтиаш нақл карда, саломашро расонд ва "суханатро барои тӯтиам савғотӣ мебарам" – гӯён илова кард. Тӯтӣ инро шунида, якбора афтод ва дусе бор қаноатак заду дигар овозе набаровард. Савдогар ҳайрон шуда, овоз дод, тела дод, гирифта баданашро даст-даст карда дид, вале, ҳайҳот, тӯтӣ намеҷунбид. Дили савдогар бухс кард; раҳмаш омада, тӯтиро ба болои бом гузошт.

Вай баъди хариду фурӯшашро охир кардан ба ватан баргашт. Тӯтии интизор дарҳол аз ӯ савғотӣ пурсон шуд. Савдогар дидаҳояшро нақл карду дар охир гуфт:

– Ба назарам, ҳамин тӯтӣ будааст, ки дар охири нақлам бечора афтода ҷон дод ва ман вайро ба боми як хона гузоштам.

Дар ҳамин асно тӯтии дар қафас буда ба мисли тӯтии мурдагӣ якбора сар ба зер афтод. Савдогар боз ҳам ҳайронтар шуда, тӯтиро гирифта ба болои бом партофт. Тӯтии "мурда" ба болои бом расидан замоно фиррӣ карду парида лаби бом нишаст.

– Соҳиби меҳрубонам, – гуфт ӯ, – чанд вақт аст, ки нони туро мехӯрам. Раҳмат барои нону намакат. Маро бубахш. Маро бубахш, ки озод будан мехостам. Хуб шуд, ки он тӯтӣ роҳи озодиро савғо фиристод. Акнун ман озодона болу пар мезанам.

Чашмони тӯтӣ медурахшиданд. Вай хурсанд буд, чунки шарики дар лаби чашма нишастааш, албатта, дар роҳи ӯ интизор аст".

## САВОЛҲО:

1. Савдогар дар кучо мезист ва дар қафас чиро нигоҳ медошт?
2. Тӯтии маҳзун чӣ тавр роҳи халосиро фикр карда ёфт?
3. Тӯтӣ аз соҳибаш чӣ илтиҷо карда ва чӣ пайғом фиристод?
4. Тӯтии шинос аз муждаи савдогар худро чӣ гуна вонамуд кард?
5. Савдогар аз чӣ ҳайрон гашт?
6. Соҳиби тӯтӣ аз сафар ба тӯтии хеш чӣ хабар овард ва баъд чӣ воқеа рӯй дод?
7. Савдогар ба марги фоҷиавии тӯтии хеш чаро бовар кард?
8. Оё паррандаҳоро дар қафас банд кардан мумкин аст?

## СУПОРИШ:

Сухани тӯтиро, ки пас аз озод гаштанаш ба забон гирифт, аз ёд кунед.

Дар бораи тадбири тӯтии дуюм ва ин тадбирро фаҳмидани тӯтии савдогар хулосаи зарурӣ бароред.

## ПАНД

Кӯшед, то парандаҳо дар банд набошанд.

## ҲИКМАТ

Тадбирҷӯй аз банд озод аст.

## ҲИКОЯТИ СУЛТОНИ ЯМАН

(Аз китоби "Чиҳил тӯтӣ")

Баъзан одамон бо парандаҳо беэътиноӣ зоҳир карда гумон ҳам намекунанд, ки онҳо низ чун мо фаҳм доранд ва дар зарурат ёрӣ ҳам мерасонанд.

Махсусан парандаҳои дастомӯз барои соҳиби худ, бисёр меҳрубонанд ва мувофиқи қувваашон хайрхоҳӣ мекунанд. Чунонки дар ҳикояти зерин маълум мегардад, бози безабон мефаҳмад, ки агар шоҳ обро нӯшад, фавран ҳалок мегардад. Бинобар ин боз ба соҳибаш некӣ мекунад.

Вале аз бефаҳмию бефаросатӣ ва беандешагии шоҳ парандаи безабон ҳалок мегардад.

“Подшоҳе бози давлате дошт, ки бисёр ӯро дӯст медошт. Рӯзе ба азми шикор берун рафт то ба пои кӯҳе расид. Шоҳ хоҳиши кабоб хӯрдан намуд. Ғуломон кабоб ҳозир карданд. Сипас шоҳ об талабид, об набуд. Бархоста танҳо савор гашт ва рӯ ба саҳро меомад, то ба домани кӯҳе расид. Зери кӯҳ сабзазор ва чашмаи обе дид. Омад канори чашма ва дид, ки оби чашма ранги заъфаронӣ дорад. Аз касрати аташ (ташнагӣ) ҷомро пур кард, ки биёшомад. Боз боли худро ба ҷом зад, об рехт... Шоҳ хашмгин шуд, бозро ба замин зад. Боз фавран ҷон дод. Подшоҳ пушаймон шуду ба худ гуфт: – “биравам бар сари ин чашма, бубинам, ки оби чашма чаро зард буд”. Андаке болотар рафт, аждаҳое дид болои чашма истода об мехӯрд. Шоҳ тарсид, аждаҳо бӯи нафаси одамизод шунида, нафас қуллоб кард, ки шоҳро фурӯ барад. Шоҳ фирор кард. Қадре роҳ рафта хаста шуд, аз асп пиёда гашта ба гӯшае нишаст, то лашкариёнаш расиданду шоҳро бар маркаб савор намуда, ҳаракат намуданд. Шоҳ аз куштани боз малул буд, ки пушаймонӣ суд надошт”.

## ЛУҒАТ:

**Боз** - парандаи шикорӣ.
**Азм** - ният, мақсад.
**Ҷом** - қадаҳ, коса.
**Заъфаронӣ** - зард, зардранг.

## САВОЛҲО:

**1.** Шоҳ ба куҷо рафт?
**2.** Боз чаро нагузошт, ки шоҳ обро нӯшад?
**3.** Шоҳ ба боз чӣ гуна муносибат кард?
**4.** Подшоҳ аз кардаи худ чӣ шуд?

## СУПОРИШ:

Мақоли “Коре, ки хато бошад, оварад пушаймонӣ”-ро маънидод кунед ва баъд ба рафтори шоҳ нисбати боз баҳои даркорӣ диҳед.

## ПАНД

Аз рӯи ҳавою ҳавас кор накунед, ки пушаймонӣ орад.

## ҲИКМАТ

Чӣ кас назди Худо маҳбубтар аст? Он кас, ки зиёдтарин некиҳоро бо махлуқоти ӯ карда бошад.

**Ҳазрати Муҳаммад(с)**

## РАНҶИШ

Саг дар саросари олам чун ҳайвони посбон истифода бурда мешавад.

Баъзе зоти сагоне ҳастанд, ки барои дарёфт кардани дузд, қисми дигарашон ҳангоми рух додани фалокатҳои табиӣ барои наҷот додани одамони зери хокмонда ва гурӯҳи дигарашон бахри посбонии рамаи гӯсфандон ва ғайра истифода мегарданд.

Дар ҳикояти зерин мо шоҳиди гуфтаҳои боло хоҳем шуд:

"Айёми тирамоҳ буд. Чӯпонон рамаи гӯсфандонро аз марғзори кӯҳсорон ба водӣ меронданд. Аллакай барфу борон хурӯҷ мекард.

Хушқадами чӯпон ва дастёраш Диловар шитоб доштанд. Мехостанд, ки торикӣ нафаромада аз ҳалқаи кӯҳҳо берун раванду дар наздикии ягон деҳа беташвиш шабро рӯз кунанд.

Чӯпонон асбобу ашёи рӯзгорашонро дар ду асп бор карда мерафтанд. Аз қафои рама саги содиқи онҳо Беҳарос меомад.

Саг ҳар замон истода, фукашро боло мебардошт ва лаҳзае ҳаворо бӯ мекард. Агар бӯи нохуши гург ё ваҳшии дигаре ба димоғаш нарасад, хотирҷамъ роҳашро давом медод.

Баъзан гӯсфандон аз пайи алафи нағз худро ба сӯе мезаданду ба "ҳайҳай"-и чӯпон гӯш намедоданд. Дар чунин ҳол Хушқадам ба саг амр мекард:

- Беҳарос, нигар!.. Ҳай, ҳай, ҳай!

Беҳарос ҳаллос зада мерафту гӯсфандони чашмгуруснаро ба роҳ медаровард. Агар гӯсфанде ба амраш сар нафурорад, саг ба ҷониби он меғуррид. Баъзан ҷаҳида ба сари синааш чунон мезад, ки қӯчқори зӯртарин ҳам калавида меафтод.

Шомгоҳи говгум буд. Рама аз дараи танг қариб дар масофаи як санги фалахмон ба пеш рафт, чор - панҷ гӯсфанд ба оби рӯд

афтоданд. Хушқадаму Диловар аз пайи нацоти молҳои ба об афтода шуданду Беҳарос пеш тохт.

Баъди аз об гирифтани молҳо чӯпонон моли рамидаро ба зӯр гирдуғун карда ба роҳ даромаданд. Аммо Беҳарос набуд. Ҷеғ заданд, садо надод. Аз дили Хушқадам гузашт, ки саг тир барин ба пеш давида буд, мабодо аз пайи гург дур рафта бошад. Аммо ӯ зуд аз фикраш гашт, зеро одати сагашро нек медонист: Беҳарос ба гург беовоз, бевалвала ҳамла мекунад, аммо таъқиб карда аз паяш дур намеравад... Аслан дар ин ҷойҳо гург нест, мол аз саг ё рӯбоҳ рамидагист. Шояд саг будааст, ки Беҳарос бо ҳамон андармон шуд. Азбаски деҳа наздик буд, чӯпонон аз ҳамлаи гург хотирҷамъ буданд.

Онҳо шабро дар канори деҳаи Ғажнӣ рӯз карданд. Аз Беҳарос дарак набуд. Хушқадаму Диловар сад гуна тахмин мекарданд. Шояд, ки саг бетоб гашта, монанди ҳамаи сагони хуб дар пеши назари соҳибаш мурдан нахоста ба кӯҳ рафтааст.

Хушқадами чӯпону Диловар баъди ду рӯзи роҳгардӣ ба деҳаи худ расиданд. Онҳо аз ваҷҳи бедарак рафтани Беҳарос ғамгин буданд. Бар замми ин, дар рама ҳам як барра набуд.

Хушқадам баъди як ҳафта аз пайи ҷустуҷӯи Беҳаросу барра ба дараи Варзоб баромад. Ӯ ба ҳамон тангное, ки Беҳаросро гум карда буданд, расиду рост ба сӯи теғае, ки саг рафта буд, раҳсипор гашт. Теғаи баландро гузашт, он сӯи теға арчамайдоне воқеъ будааст. Ногаҳон барраи яккаро дар марғзор дида аввал бо чашмонаш бовар накард. Ҷилави аспашро гардонду ба барра наздик рафт.

Барра бепарво алаф мехӯрду саги вафодори ӯ Беҳарос дар буни арчае сарашро рӯи ду пои пешаш ниҳода молро дидбонӣ мекард. Хушқадам “Беҳарос” гуфту ҷилави аспро сар дода, ҷониби саг тохт. Саг ба сӯи ӯ нигоҳ накард. Чӯпон наздики саг дузону нишаста, дилҷӯию навозиш мекард, аммо саг бархосту дуртар рафт:

– Беҳароси азиз... Дӯстам... Мани беақлро бубахш...

Саг ба роҳ фаромада, қад-қади роҳи мошингард, рафта, пояшро лесиду сипас лангон-лангон ба сӯи роҳи калон равона шуд.

– Беҳарос!.. Беҳарос!.. Ма, ба ман нигар... – илтиҷоомез аз пайи саг мерафт Хушқадам. – Охир, ман намедонистам, ки маъюб

гаштай… Аз ҳамлаи гург, аз гум шудани барра ҳам бехабар будем…

Саг ба роҳ фаромада, қад-қади роҳи мошингард, ба ҷониби деҳа мерафт.

Маҳ-маҳ ва баҳ-баҳи Хушқадам дигар ба гӯши вай намедаромад, Беҳарос аз соҳиби худ сахт ранҷида буд".

**Бахром Фирӯз**

## САВОЛҲО:

1. Хушқадам ва Диловар чӣ кор мекарданд, саги онҳо чӣ ном дошт?
2. Беҳарос кадом хислатҳоро доро буд?
3. Дар роҳ ба Беҳарос чӣ воқеа рӯй дод? Хушқадам чӣ гумон кард?
4. Беҳарос барои чӣ аз соҳибаш ранҷид?
5. Ба рафтори Беҳарос чӣ баҳо медиҳед?
6. Оё Беҳаросро партофта рафтани чӯпон дуруст буд?

## СУПОРИШ:

Ҳайвонҳоро эҳтиёт кунед, онҳо вафодоранд.

Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,
Дар парешонҳолию дармондагӣ.

**Саъдии Шерозӣ**

Ҳар кас ба махлуқоти худованд меҳрубон бошад, худованд дар ҳаққи ӯ меҳрубонӣ кунад.

**Ҳазрати Муҳаммад (с)**

## ОДАМ ВА ПОДШОҲИ ҲАЙВОНОТ
(Афсона)

Буд-набуд, як рӯбоҳ буд, ҳилагару ҳушёр буд, ба зӯрон хушомад мезаду камзӯронро шикор карда мехӯрд. Бо ҳамин роҳ бо шеру гургу шағолу паланг дӯст шуда гирифта буд. Як рӯз пешакӣ ҳар гуна парандаҳоро шикор карда оварда, дӯстонашро даъват карда, хуб зиёфат кард. Дар сари дастархон гапи одам

баромада монд. Ҳайвонҳо бо шӯру ғавғо одамро бад кардан гирифтанд.

Ҳамин вақт ба хонаи рӯбоҳ худи подшоҳи ҳайвонот шер даромада омад. Ҳама аз ҷой бархоста, ба вай таъзим карданд. Рӯбоҳ меҳмонони номдорро ба пешгоҳ гузаронида шинонд.

- Хуш омаданд! - гуфта рӯбоҳ гӯштпораҳои беустухонро ба назди шер кашид. Аз ҳайбати шер тарсида, ҳама хомӯш менишастанд.

- Сӯҳбататонро давом диҳед, дар бораи чӣ гап мезадед? - гуфт шер. Эй ҷаноби олӣ, мо дар бораи одам гап мезадем, - гуфт рӯбоҳ. - Вай рӯзи моро сиёҳ кардааст, на мурғе шикор карда метавонаму на чӯҷа. Одам маро доим таъқиб мекунад, ки дастгир карда пӯст канда, аз пӯстам ба худ телпак дӯзад. Аз дасти вай куҷо гурехтанамро намедонам.

- Ҳоли ман ҳам ҳамин, - ғур-ғур карда монд хирс.

- Одам ҷангалро барои ман танг кардааст.

- Одам аз ҳама зиёд маро бад мебинад, - уллос кашида гуфт,– гург.

- Аз дасти вай ягон баррача ё бузғолачаи миҷморукро ҳам аз рама бемалол рабуда наметавонӣ, даррав аз қафоям афтода, ҳаёҳу мебардораду сагро бар зидди ман мешӯронад.

Ҳайвонҳои дигар ҳам ҳамин тавр аз одам шикоят кардан гирифтанд.

- Наход одам ҳамин хел зӯр бошад, ки ҳамаи шумо аз вай метарсед? - пурсид шер. - Ман ягон бор ҳам бо вай вонахӯрдаам. Ӯро ба ман як нишон диҳед!

- Агар хоҳед, ман нишон медиҳам, - гуфт рӯбоҳ.

- Ҳозир меравем, - гуфта шер аз ҷояш хест.

Шеру рӯбоҳ рафта-рафта, ба канори ҷангал баромаданд, ки аз он ҷо як рӯбоҳ мегузашт. Рӯбоҳ ба шер гуфт:

- Одам ана аз ҳамин роҳ мегузарад. Каме истем, - мебинем.

Як дам истоданд, ки хари бор ба пушт намоён шуд.

- Эй рӯбоҳ, одами гуфтагиат ҳамин дарозгӯш-мӣ? - пурсид шер.

- Не, ин ғуломи одам, номаш хар. Ба пушташ ҷуволҳои пур бор кардагӣ-ку, намебинед? - ҷавоб дод рӯбоҳ.

- Ҷеғ зан, пешам биёяд! - фармон дод шер. Рӯбоҳ ҷеғ зад. Хар наздик омада, ба шер таъзим кард.

- Ҳайвонҳо аз одам бесабаб шикоят намекардаанд, - ҳамин қадар бори вазнинро ба ту бор кардааст-а? - гуфт шер ба хар.

- Ҳоло ин ҳеҷ гап не! - гуфт хар. - Ба болои борҳо гоҳҳо худи одам ҳам савор шуда мегирад.

- Ин тавр бошад, барои чӣ худро халос кардан намехоҳӣ? Боратро партою ҳамроҳи мо ба ҷангал биё, мо барин зиндагӣ карда мегардӣ, - таклиф кард шер.

Хар аз дандони гургони беша андеша карда, аз тарс ақибнокӣ рафта ҳангос зад.

- Ҳай-ҳай, асло ин хел нагӯед. Дар ин ҷо ҳоли ман аз ин ҳам бадтар мешавад. Ба таклифатон раҳмат, вале ман аз соҳиби худам дур шуда наметавонам.

Инро гуфта хар боз як бори дигар таъзим карда ба роҳаш равон шуд. Шер фикр кард, ки ҳамин хел як ҳайвони калон аз одам метарсидааст. Шер ба зӯрии одам ҳайрон монд. Баъди фурсате аспе чорхез зада омад.

- Ҳой, рӯбоҳ одам ҳамин-мӣ? - пурсид шер.

- Не ин ҳам ғуломи одам, номаш асп. Чорхез зада ба назди одам рафта истодааст, намебинед? - гуфт рӯбоҳ.

- Гӯй истад! - фармуд шер. - Ман ба вай гап дорам.

Рӯбоҳ ба асп гуфт!

- Ҳамаи ҳайвонҳо аз одам гурезанд. Ту, ки аз аҷал тезтар, медавӣ, чаро аз одам намегурезӣ? Одам туро бо чӣ роҳ нигаҳ медорад?

- Бо як ғамхориаш, - гуфт асп. - Ба хона, ки расидам, об медиҳад, мешӯяд, қашав мекунад, зину лаҷом мезанад, ба пуштам савор мешавад, бо дастонаш гарданамро мемолад. Баъд ман ба ҳар тарафе, ки гӯяд меравам. Рост гуфтед, ки ман аз шамол тезтар медавам, ҳеҷ чорпо ба ман баробар шуда наметавонад, ҳамин ки одам ҷилавро, кашид, таққӣ меистам.

Шер ба зӯрии одам зиёдтар ҳайрон монда, аспро ҷавоб дод. Дар ҳамин дам шутур омада монд.

- Ҳой, одам-ака ҳамин будагист! - гуфт шер ба рӯбоҳ.

- Не, ин шутур. Вай ҳам монанди аспу хар дар хизмати одам аст, - гуфт рӯбоҳ.

Агар одам ҳамин хел ҳайвонҳои калонро хизматгор карда гирифта бошад, худи ӯ чӣ қадар бузург будааст, - гуфт шер ба рӯбоҳ ва фармуд, ки шутурро ба наздаш биёрад. Рӯбоҳ шутурро ба назди подшоҳи ҳайвонот даъват кард.

- Ту бо ин бузургӣ чӣ тавр дар хизмати одам тан медиҳӣ? - пурсид шер.

- Чӣ тавр мегӯед? - хамёза кашида гуфт шутур. Одам моро қатор карда, худаш бори даркориро ба мо бор карда, ҷилави шутури якумро ба дасти писарчааш дода, мемонад, писарча ба болои хар нишаста, моро оҳиста-оҳиста ронда бурдан мегирад. Мо ҷуръате надорем, ки ба вай итоат накунем.

Шер гапи шутурро шунида, фикр кард, ки "агар як корвон шутур ба бачаи одам итоат кунад, худи одам чӣ гуна паҳлавон бошад?"

Вале шер ин фикрашро на ба шутур гуфту на ба рӯбоҳ.

Ногоҳ аз дур одам намудор шуд. Рӯбоҳ саросема гурехтанӣ шуд. Шер ҳолати рӯбоҳро дида тааҷҷуб карда:

- Ин кист?

- Ин худи одам! - гуфт рӯбоҳ.

- Ҳамин махлуқи хурдтараки дупо одам аст? - пурсид шер бо ҳайрат. Рӯбоҳ аз дур ба одам таъзим карда гуфт:

- Эй одам, подшоҳи мо бо ту гап задан мехоҳанд. Одам наздиктар омад.

- Ту чӣ чиз дар даст дорӣ? - пурсид шер.

- Табар, ин арра, ман усто, иморатсоз, - ҷавоб дод одам.

- Ба куҷо меравӣ?

- Мехоҳам чӯб бурида, бурда барои асп як хона созам, ки бо тойчааш дар таги барфу борон намонад.

- Маро мешиносӣ? - ғуррида пурсид шер.

- Ту шер, подшоҳи ҳайвонотӣ, - гуфт одам.

Ман намехоҳам, ки ту барои асп хона созию бачагони ман дар таги барфу борон монанд, - гуфт шер, - ту аввал барои ман хона сохта деҳ!

- Хуб! - гуфт одам, - аввал барои ту хона месозам.

Онҳо ба даруни ҷангал рафтанд. Шер пеш-пеш, одам аз қафои он. Усто як дарахти ғафсро интихоб карда, арраю табарашро ба кор даровapi, дарахтро ғалтонд ва аз он як сандуқи калон сохт. Канӣ, ба хона даро гуфт усто ба шер, - Бин, ки ба худат муносиб аст ё не?

Шер ба сандуқ даромад. Сандуқ ба қади вай рост омад. Фақат думи шер берун аз сандуқ монд.

- Думатро каш! - гуфт одам. - Ман ҳозир беруни хонаатро соз мекунам. Шер думашро ба даруни сандуқ кашид. Усто сарпӯши сандуқро пӯшид.

- Ҳой одам, ту чӣ кор кардӣ? - пурсид шер.

- Деворҳои хонаатро кандакорӣ мекунам, - гуфт одам.

Вай мех зада сандукро маҳкам кард.

- Ӯй, усто, тезтар дари хонаамро кушо! - наъра кашид шер.

- Не, ман ҳозир бо ту рӯ ба рӯ шудан намехоҳам. Аввал хонаи туро ба шаҳр бурда, ба боғ, ба даруни панҷара дароварда мемонаму баъд аз он бо бачагонам ба меҳмонии ту омада, иззататро ба ҷо меорам, зеро ки ту подшоҳӣ-подшоҳи ҳайвонот ҳастӣ, - гуфт одам.

Шер мағлуб шуданашро фаҳмид. Вай чунон наъра кашид, ки бешазор ба ларза омад. Ҳамаи ҳайвонҳои ҷангал наъраи подшоҳро шунида донистанд, ки чӣ ҳодиса рӯй додааст. Онҳо боз як бор ба одам тан доданд ва қоил шуданд, ки вай аз подшоҳи ҳайвонот ҳам зӯртар аст.

**САВОЛҲО:**

**1.** Рӯбоҳ киҳоро ба меҳмонӣ даъват карда буд?

**2.** Рӯбоҳ ва рафиқонаш дар бораи кӣ сӯҳбат кардаанд?

**3.** Рӯбоҳ ба шер одамро чӣ тавр шинос кард?

**4.** Шер бо одам чӣ фармуд? Одам ба вай чӣ сохт?

**5.** Ҳайвонҳо ба далерии одам чӣ гуна баҳо доданд?

Ҳайвонот ҳам дӯстони моянд. Онҳоро муҳофизат кунед, хӯрок диҳед ва озор надиҳед.

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ ДУЮМ

**1.** Бачаҳои азиз! Шумоён медонед, ки парандаҳо, ҳайвонот ва набототу ҳашарот замини зебои моро боз ҳам зеботар мегардонанд.

Аз хониши парандаҳо, ки баъзеи онҳоро мо мурғи хушилҳон мегӯем, бахусус кабку булбули хушовоз, лаззат мебарем.

Ба ин хотир мо бояд онҳоро муҳофизат кунем.

**2.** Ба ҳайвоноти безабон, ки миқдори онҳо дар олам хеле зиёд аст, раҳму шафқат намоем. Онҳоро аз нобудшавӣ нигоҳ дорем.

Хулоса, ҳайвоноту парандаҳо доимо мӯҳтоҷи ёрию ғамхории мо мебошанд.

Бояд мо ба онҳо дону об диҳем ва онҳоро ҳеҷ гоҳ озор надиҳем.

## МУҚАДДАС ДОНИСТАНИ ЧОР УНСУРИ ҲАЁТ: ОБ, ХОК, ОТАШ, БОД.

Мо бояд донем, ки ин чор унсур чӣ маъно доранд ва худи унсур чист?

Маънои унсур асл ё модда буда, дар таркиби ҷисмҳо мавҷуд аст.

Дар ин бора шоир Муиззӣ чунин мегӯяд:

Гуфт гетӣ: - Аз муродаш барнагардам, то бувад,
Обу хоку боду оташ унсуру гавҳар маро.

Об – моеи шаффофи беранг, ки дар ҳолати софӣ аз омезиши кимиёвии ҳидроген ва оксиген иборат аст.

Биболид кӯҳ, обҳо бардамид,
Сари рустанӣ сӯи боло кашид.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

Хок – қабати болои замин, ки гиёҳу дарахт дар он мерӯяд.

Барояд зи хоку шавад боз хок,
Ҳама ҷои тарс асту тимору бок.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

Оташ – алов он чӣ дар вақти сӯхтани чӯб, ангишт ва ғайра ба вуҷуд меояд ва дорои равшанию гармист.

Хирадманд кӯшад, к-аз оташ раҳад,
На худро ба сӯзанда диҳад.

**Асадии Тӯсӣ**

Бод – чараёни ҳаво, вазиши ҳаво, шамол мебошад.

Дунболи писар чу бод мерафт,
Чун хома ба ҳар савод мерафт.

**Шамсиддин Шоҳин**

Хок-замин такягоҳи инсон набототу ҳайвонот ва парандагон аст. Аз ин хотир мо заминро муқаддас, яъне пок донем. Замин, ки гаҳвораи ҳама чиз ва инсоният аст, онро чун гавҳараки чашм муҳофизат намоем. Ҳама бойгариҳои табиӣ: намак, нефт, газ, тилло, нуқра, пӯлод, оҳан, об ва дигар канданиҳои фоиданок дар зер ва болои замин ҷойгиранд. Мо бояд онҳоро оқилона истифода барем, муҳофизат кунем.

Агар ҳикоятҳои зеринро бодиққат хонем, нағз фаҳмида мегирем, ки обу хок ва оташу бод бахри моён чӣ аҳамият доранд ва чаро мо онҳоро азизу муқаддас медорем.

Он кӣ бо махлуқоти эзид накӯ рафтор надошта бошад ва баҳри фарзандони худ низ, худованд дар ҳаққи ӯ меҳрубонӣ нанамояд.

## ХУРӮС
(Афсона)

Дар як замон, дар як макон, дар хонаи як деҳқон оташ хомӯш шуд. Деҳқон танҳо мезист, як кулба буду ӯ! Кулба деҳа ҳисоб меёфту деҳқон аҳли он деҳа.

Деҳқон беоташ монда, як рӯз фикр кард, ду рӯз фикр кард, ки аз куҷо оташ пайдо кунад ва рӯзи сеюм ба говаш гуфт:

- Ман пирам, мадори рафтан надорам, чӣ мешавад ту аз кӯҳи Вулқон оташ биёрӣ?

- М-м-м-му! - нолид гов. - Ман ба ту шир медиҳам! Вазифаам ҳамин аст. Оташро бигзор саг биёрад, ки бекор аст.

Аз ин ҷавоб саг ба шӯр омад.

- Вав! - Вав! - Вав! - Аккос зад ӯ ба гов. - Ман посбони ҳавлиям! Ин магар кор нест? Барои оташ аспро фиристед!

Асп бошад, шиҳаи хашмолуд кашида гуфт:

- Ман барои оташ равам, аробаро кӣ мекашад? Дар ҳавлӣ бекорхӯча хурӯс аст. Ӯро фиристед!

Дар ҳақиқат хурӯс бекор буд, аз ин сабаб чӣ ҷавоб доданашро надонисту қут-қуткунон аз ҳавлӣ берун рафт. Аз дашт ба теппа, аз теппа ба пушта, аз пушта ба беша, хуллас ҳафт шабу ҳафт рӯз роҳ рафту ба кӯҳи Вулқон расид ва оташ гирифта баргашт, дар роҳ гоҳ тоҷаш, гоҳ парашу гоҳ болаш месӯхт. Вале ӯ тоқат кард, ҳафт шабу ҳафт рӯз дигар роҳ паймуда ба ҳавлии деҳқон расид. Аҷаб ҳол дошт хурӯс! Саропо ранги оташ метофт, ҳатто пару болаш ҷо-ҷо сиёҳ гашта буд. Ин роҳи ҳафтрӯза андаки дигар дарозтар мебуд, шояд сӯхта хокистар мешуд. Ана барои чӣ чашму тоҷ ва пару боли хӯрӯс ранги оташ аст!

Хуллас, деҳқон шод шуд. Хурӯс бошад, ҳушёр шуд; аз тарси дубора барои оташ нарафтан, ба худ вазифа таъин намуд. Акнун вай ҳар саҳар чеғ зада деҳқонро аз хоб бедор мекунад, то оташи хонааш хомӯш нашавад.

- Қу-қу-қу-қу-қу-у-у-у-у! - Фарёд мекунад хурӯс. - Бархез, деҳқон! Саҳар шуд. Бархез, ки оташи хонаат хомӯш мешавад!

**Азизи Азиз**

## ЛУҒАТ:

**Эзид** - Худо.

## САВОЛҲО:

1. Дар хонаи деҳқон чӣ ҳодиса шудааст?
2. Деҳқон ба говаш чӣ супориш додааст?
3. Гов супоришро ба чӣ месупорад?
4. Чаро саг ҳам супориши говро қабул накарда онро ба асп ҳавола мекунад? Асп чӣ ҷавоб мегардонад?
5. Дар охир ин супоришро деҳқон ба чӣ медиҳад?
6. Хурӯс оташро бо чӣ гуна азобҳо ба хӯҷаинаш меорад?
7. Минбаъд хӯрус чаро деҳқонро ҳар саҳар бедор мекунад ва чӣ таъкид мекунад?

## СУПОРИШ:

Мақсади хурӯсро даҳонӣ баён кунед.
Аҳамияти оташро дар зиндагӣ гуфта диҳед.

**ПАНД**

Бе оташ ҳаёт вуҷуд надорад, оташро муқаддас донед.

Гоҳо оташ хатари калон ҳам дорад, бо он бозӣ накунед.

## ПАРВАРИШИ ЗАМИН

Ҳеҷ касе нест, ки дарахте нашинонда бошад ва заминеро ҳосилдор накарда бошад, ки мардум, парандагон ва ҳайвонот аз онҳо манфиат набардошта бошанд.

Ҳар кас замини беҳосилу мурдаро эҳё кунад, мукофоти худро аз ҳамон замин хоҳад гирифт.

Об шурт аст; сабуку гапдаро, аммо агар ба ҷисми сахт тунд ҳамлавар шавад, ҷисми сахт қавист, лек пеши дами ҷараёни тунди об тобовар нест; об хонаҳоро мешӯяду мебарад, киштиҳои азимро монанди параха ҳаво медиҳад, заминро мешӯяд.

Ҳаво боз аз об сусттар, сабуктар, нармтар аст, аммо вақте ба ҷисмҳои сахт, дурушт, сангин ҳамла мекунад, боз тавонотар мешавад. Вай дарахтонро решакан мекунад, инчунин хонаҳоро вайрон месозад, худи обро бо амвоҷи тӯфони азим ба домани абрҳо мебардораду думболгир менамояд. Бо ин назокат ва сабукию мулоимӣ ва ба ҷисмҳои сахт ҳам пирӯз мешавад.

Дар зиндагӣ одамон низ чунинанд. Агар бихоҳӣ фотеҳ бошӣ, ҳамвора боназокат, сабуку нарм бош.

**Аз “Андарзнома”-и Л. Н. Толстой**

**СУПОРИШ:**

Доир ба аҳамияти замину об ва оташ нақл кунед.

## ЧИСТОН

Зил гилем, зил-зил гилем,
Афшонданат мушкил гилем.
(За…)

Сару даҳон надорад,
Обу алаф мехӯрад.
(Х.к)

## БАРФИ АВВАЛ

Маълум аст, ки барф асосан дар фасли зимистон меборад. Вале гоҳо дар охирҳои тирамоҳ аввали баҳор ҳам меборад. Яъне боридани барфу борон, жола ва вазидани шамолу хестани тӯфон ба касе вобастагӣ надорад. Тағйир додани вақту замони ҳаракати онҳо низ ғайри имкон аст. Барф барои замин, дарахтон ва умуман набототу ҳайвонот ва худи мо аҳамияти калон дорад. Вай баъзе ҳашароти зараррасонро нобуд сохта, заминро нармак мекунад ва ҳосил ҳам зиёд мегардад. Ҳаворо хурраму тоза карда, аз бӯю таф заминро тоза менамояд.

"Барф меборид. Дар хаёлам ман ҳамчун зарраи барф дар парвозам. Замину осмон яксон сафеду дар ин миён одамон бо либосҳои ҳархела мисли пуфакҳои рангин гӯё ба ҳар сӯ мепаранд. Дарахтон худро бо рӯймоли пати сафед печонидаанд. Гулбуттаҳо монанди қувони сафеди хуфта сархаманд. Рӯи заминро барф не, пари қувон пӯшида бошад, ки пойи кас дар он фурӯ меравад ва ончунон нарму гуворост.

Дар майдончаи назди ҳавлиамон бачаҳо барфбозӣ мекунанд. Ман ҳам ба онҳо ҳамроҳ мешавам. Ҳамагон барф ғун карда, шибба мезанем ва ғарами барф хеле баланд мешавад. Аз баландӣ турнақатор шуда, ба нишебӣ лағжидан чӣ нашъае дорад.

Баъди бозӣ ба хона равона шудам. Ба ҳавлӣ даромада дидам, ки дар пайраҳаи хонаамон изи пое ба назар намерасад. Ҳама ҷоро кӯрпаи барф пӯшондааст. Бо бели чӯбин пайраҳаро аз барф тоза кардам. Ба хона даромада дидам, ки ҳаври даҳонам монанди дуди мӯрӣ фаввора мезанад. Назди бухорӣ рафта, бо оташгирак хокистарро тит кардам. Лахчаи хурдакак чун лаълпора дурахшид. Ба болояш ҳезуму чанд пора ангишт гузоштам...

Модарам омаду аввал ба назди бухорӣ рафт. Эҳтимол ба рӯяш гармӣ зад, ки кафҳояшро ба ҳам совида лаҳзае болои бухорӣ дошту рӯ ба ман овард:

- Писарам, оташ мегиронам гуфта боз…

- Эҳтиёт мешавам, - ӯро дилпур кардам…

Он шаб муомилаи ҳама нисбати ман тағйир ёфт. Гӯё баробари боридани барфи аввал ман ҳам калон шуда бошам".

**Сафияи Носир**

## ЛУҒАТ:

**Хуфта** - хоб.
**Ҳамагон** - ҳама.
**Шибба** - тӯб, ҷамъ.
**Изи пое** - пайи пое.
**Пайраҳа** - роҳ.
**Таф** - ҳавр.
**Бухорӣ** - оташдони рӯкушодаи мӯридор, ки мисли токча дар девори хона месозанд.
**Совида** - соиш дода, молида.

## САВОЛҲО:

**1.** Дар фасли зимистон одамон ба чӣ кор машғуланд?
**2.** Ҳангоми боридани барф замину осмон чӣ намуд мегиранд?
**3.** Бачаҳо ба чӣ кор машғуланд?
**4.** Оё шумо боридани барфро мушиҳида кардаед?
**5.** Барф ба табиати атроф чӣ меоварад?

## СУПОРИШ:

Оиди барф ва замистон аз рӯи мушоҳидаи хеш нақл кунед? Аҳамияти барфро батафсил гуфта диҳед.

## ҲИКМАТ

Барф кӯрпаи замин аст.

## ПОДШОҲИ БАҚҚАҲО

Об барои ҳама мавҷудоти дунё зарур аст. Вай ҳамчун мӯъҷизоти табиат ва неъмати Худованд чун ризқу рӯзӣ бароямон офарида шудааст.

Обро бояд доимо тозаю пок нигоҳ дорем, ба ифлосшавии он роҳ надиҳем, беҳуда сарф шуданашро пешгирӣ кунем.

Ба қадри об бирасем, чунки вай зарууртарин, қиматтарин неъмати бебаҳо баҳри моён таъин шудааст.

“Рӯзе бақкаҳо назди Ҷупитир шикоят карданд, ки онҳо роҳбаре надоранд ва бояд барояшон подшоҳе таъин гардад. Ҷупитир аз соддагии онҳо пай бурда як кундаи калони чӯбро дар байни ҳамон ҳавзе, ки бақкаҳо дар он шино мекарданд, андохт. Бақкаҳо аз садои кундаи чӯб тарсида дар ғорҳои худ чун мавҷудоти беҳаракате истоданд. Бақкаҳо берун омаданд ва билохира ба ҳадде дидадаро шуданд, ки гоҳ болои кунда мешуданд ва гоҳ поин меомаданд. Баъд аз чанде фикр карданд, ки Ҷупитир онҳоро таҳқир кардааст. Лизо дубора шикоят карданд ва орзуи подшоҳи дигаре намуданд. Ин маротиба барояшон як навъи моҳӣ фиристода шуд. Вақте бақкаҳо диданд, ки ин моҳӣ табиати нарму хуб дорад, боз ба Ҷупитир шикоят карданд.

Ҷупитир аз ин мушкилписандии онҳо мутаассир шуд ва ин маротиба барояшон бақкахӯракро фиристод. Бақкахӯрак онҳоро якояк тӯъмаи худ сохт, ба ҳадде, ки чанд рӯз баъд як бақка дар ҳавз вуҷуд надошт, то овози худро берун кашад”.

**Луқмони Ҳаким**

## ЛУҒАТ:

**Подош** - мукофот.
**Кирдор** - рафтор, кор амал.
**Ҷупитир** - Юпитер - олиҳаи қадими Юнон.
**Лизо** - оқибат.

## САВОЛҲО:

**1.** Бақкаҳо аз Ҷупитир чӣ хоҳиш карданд?
**2.** Аз чӣ сабаб Ҷупитир ба бақкаҳо қаҳр гирифт?
**3.** Ҷупитир ба бақкаҳо чӣ фиристод?
**4.** Бақкахӯрак дар охир чӣ кор кард?
**5.** Оё бақкаҳо (қурбоққаҳо) ба қадри об расиданд?
**6.** Ношукрии бақкаҳо ба чӣ анҷомид?

## ҲИКМАТ

Бисёр талаб макун, ба кам зор шавӣ.

## ТӮФОН

Тӯфон яке аз ҳодисаҳои табиат буда, баъзан ҳангоми вазидан офату даҳшатҳои харобовар меорад. Вай гоҳо киштиҳоро дар баҳр, тайёраро дар ҳаво, мошину хонаҳоро дар замин нобуд месозад ва бисёр ҳам харобиҳои дигар оварданаш мумкин аст.

"Офтоб рушанӣ дошт, вале якбора дар осмон ғубори дудмонанде пайдо шуд. Ғубор торафт баланд гардида, ниҳоят рӯи офтобро батамом пӯшонд. Бод суръат мегирифт. Ин ҳамаро ба ташвиш меоварад. Танҳо дар яке аз хонаҳо аз ин бод шодмонӣ доштанд.

Бо бод бо камоли эҳтиром муносибат менамуданд. Охир, дар Антарктида маҳз бод обу ҳаворо тағйир медиҳад - бӯронҳо, сардиҳо, туман ва ё рӯзҳои офтобию беғуборро меоварад. Дар дохили хона дастгоҳи обуҳавосанҷӣ мавҷуд буд. Олимон шабу рӯз қувваи бодро на танҳо дар замин, балки дар баландиҳои осмон месанҷиданд. Барои он ба фазо кураҳои ҳавоиро бо асбобҳои ҳавосанҷӣ сар медиҳанд. Онҳоро кураи обуҳавосанҷӣ меноманд. Вале баъзан ба фазо мушакҳои обуҳавосанҷиро мебароранд.

Ҳамаи манзилгоҳҳои қутби Антарктида ба ин ҷо ба воситаи радио маълумоти обу ҳаворо мерасонад. Баъд олимони стансия дар харитаи махсус қайд мекунад, ки дар куҷо, чӣ гуна ҳарорат, бод ба кадом суръат мевазад, оё дар осмон абрҳо зиёданд ва ғайра. Ва харита ба онҳо маълум месозад, ки тӯфон ба кадом тараф ҳаракат хоҳад намуд. Ҳамчунон ки имрӯз буд. Дастгоҳи боду ҳавосанҷӣ ҳамарӯза дар бораи ҳамаи ин ба пойтахтҳои кишварҳо хабар медиҳад..."

Антарктидаро "Манбаи обу ҳаво"-и тамоми сайёраи мо меноманд. Мана, ҳамин тӯфоне, ки дар уқёнус пайдо шудааст, ин ҷо, дар Антарктида суръат гирифт ва ба сӯи мо ҳаракат дорад, онро баъди фурсате дар Австралия, Америкаи Ҷанубӣ ҳис хоҳанд кард. Вай, албатта, ба обу ҳавои дигар ҷойҳо низ таъсир мерасонад. Мана, барои ҳамин мо воситаи радио ба шаҳрҳо, аэродромҳо ва киштиҳое, ки дар уқёнусанд, хабар расонида, огоҳашон месозем: тӯфон бархоста эҳтиёт бошед!!

Маълум мешавад, ки ояндаи тамоми замин ба обу ҳавои Антарктида вобаста аст. Дар ин қитъа ях чунон бисёр аст, ки агар он

нохост об шавад, сатҳи оби уқёнусҳо ва баҳрҳо даҳҳо метр баланд мегардад. Об заминҳои бисёреро бо шаҳру деҳаҳояш зер мекунад.

Яке аз олимон бо табассум гуфт:

– Вале мо дар ин ҷо намегузорем, ки ях об шавад! Ҳавотир нашавед!

Вай якбора боизтироб ба тиреза нигариста:

– Суръати бод афзудан дорад? – гуфт.

Дар ҳақиқат, вақте мо берун баромадем, фаҳмидем, ки бод чӣ қадар сахт мевазад. Аз вай симҳои мавҷгири радио ҳуштак мекашанд, барфи хушки халандаро аз байни манзилгоҳ рӯфта мебурд, ки ба рӯй хор барин мехалид. Манзилгоҳро тумани сафед фаро гирифт. Мо аз танобе, ки аз як хона ба хонаи дигар кашида шуда буд, дошта роҳ мерафтем.

Бод чунон тез мевазид, ки он бо суръати парвози самолёт баробар буд. Деворҳои хонаҳо аз таъсири фишори он меларзиданд.

Тӯфон се соат давом кард.

## САВОЛҲО:

**1.** Рӯи офтобро якбора чӣ пӯшонид?
**2.** Чаро мушоҳидачиён ба бод муносибату эҳтироми хуб доштанд?
**3.** Олимон қувваи бодро бо чӣ санҷида муайян мекунанд?
**4.** Кураҳои обуҳавосанҷӣ чӣ аҳамият доштаанд?
**5.** Самти ҳаракати бодро чӣ муайян мекунад?
**6.** Манбаи обу ҳавои сайёраи мо куҷо будааст?
**7.** Агар ҳама яххои Антарктида об шаванд, чӣ хатар доштааст?
**8.** Тӯфону бод чӣ гуна мевазид ва чанд соат давом кард?

## СУПОРИШ:

Аҳамияти бодро дар ҳаёт баён созед.

## ЧИСТОН

Рӯбоҳи думдароз омад,
Бо сад фиғон дартоз омад.

(Б . д)

Тап-тапи тап менамояд,
Одами бад менамояд,
Таги дар чӯроб мондам,
Канӣ, чӣ тавр медарояд?

(Шам..)

## НАМАКФУРӮШ ВА ХАР

Аҳамияти об. Бачаҳо! Магар мавҷудияти ҳаётро бе об тасаввур кардан мумкин аст? Ҳаргиз не. Чунки об агар барои одамон, ҳайвонот ва парандагон, пеш аз ҳама барои нӯшидан бошад, барои инсон боз воситаи покию озодагӣ низ аст. Масалан, агар кас як ҳафта оббозӣ ва шустушӯй накунад, танаш чиркину бадбӯй мегардад ва пӯсти бадан ба хориш медарояд.

Беҳуда нагуфтаанд, ки ҳар куҷое об аст он ҷо ободӣ ҳам аст. Пас биёед, обро муқаддас донем ва онро беҳуда сарф накунем. Ба тозагии об эътибори ҷиддӣ диҳем.

“Намакфурӯше ҳар рӯз бо хари худ ба тарафи соҳили дарё мерафт ва аз он ҷо намак харидорӣ карда, ба бозор барои фурӯш меовард. Вақте аз соҳили дарё ба тарафи бозор меомад, ҳамеша наҳри кӯчакеро, ки дар он ҷо воқеъ буд, убур мекард.

Рӯзе хар бо бори намак дар об афтод. Вақте ки об баланд шуд чун як миқдор намак об шуда буд, дид бораш сабуктар шудааст. Соҳибаш дубора ӯро ба тарафи соҳили дарё бурд то бори ӯро пур кунад. Дар вақти бозгашт қасдан худро дар ҳамон наҳр дар об андохт то бори худро сабуктар созад. Соҳибаш матлаби харро фаҳмид ва ӯро боз ба соҳил бурд. Аммо ин дафъа ивази намак ӯро исфанҷ бор кард. Хари бехабар вақте наздики наҳр расид, боз худро ба об андохт. Аммо вақте аз об баланд шуд, дид бораш дучанд, сангин шудааст. Зеро исфанҷ оби зиёдеро ба худ ҷазб карда буд. Хар маҷбур шуд ин бори сангинро ба манзил бирасонад. Аммо дигар бо худ аҳд кард, ки худро дар наҳр наандозад”.

**Луқмони Ҳаким**

### ЛУҒАТ:

**Аҷр** - музд, мукофот, иваз бадал.
**Исфанҷ** - номи як гиёҳи баҳрии серҳуҷайра, ки обро ба худ мекашад.
**Ҷазб карда буд** - ба худ кашида буд.

## САВОЛҲО:

**1.** Намакфурӯш бо хараш ба чӣ кор машғул буд?
**2.** Ниҳоят хар ба чӣ гуна кори ношоям даст зад?
**3.** Дар охир чӣ тавр фиреб хӯрд?
**4.** Шумо ба рафтори хар чӣ гуна баҳо медиҳед?

## ПАНД

Обро муқаддас бояд дошт.

## ОСИЁ

Об осиёро (осиёбро) ба кор медарорад, то аз гандум орд ҳосил шавад. Об чархи азими истгоҳи барқиро ба ҳаракат даровада бароямон барқ медиҳад ва заводҳоро ба кор медарорад. Хулоса тамоми меваю сабзавот, ҳайвоноту парандагон ва худи мо бо об зиндаем. Беҳуда бузургонамон обу ободӣ нагуфтаанд.

## ОСИЁ

Осиё ҳам завод аст,
Заводи орди гандум.
Мегардаду мегардад,
Аз пайи ризқи мардум.
Хонаи пастаки он,
Дар лаби сои деҳа,
Ҳам бахри мо азиз аст,
Ҳам аз барои деҳа.
Аз нова мефарояд,
Оби калон бо шитоб.
То санги осиёбро
Намояд бедор аз хоб.

Сагаки осиё ҳам,
Бозии худ сар кунад.
Аз дӯл донаҳоро
Дона-дона ҷар кунад.
Аз зери санги калон,
Мерезад орди гандум.
Аз сафедии рангаш,
Дили кас мезанад гум.
Осиё ҳам завод аст.
Заводи деҳаи мо.
Фақат заводи бедуд,
Фақат заводи зебо

**Гулназар Келдӣ**

**САВОЛҲО:**

1. Чаро шоир осиёро (осиёб) завод номидааст?
2. Осиё бо қувваи чӣ мегардад ва он чӣ хизмат мерасонад?
3. Осиё боз аз чиҳо иборат аст?

**СУПОРИШ:**

Аҳамияти осиёро фаҳмонда диҳед ва дар бораашнақл кунед

Барои ба осиё рафтану дуруст шинос шудан саёҳати гурӯҳӣ ташкил кунед.

Давомдиҳандаи касбу кор ва ҳунари волидон бошед.

Обро беҳуда сарф накунед, ки ҳар қатраи он бароямон беҳтар аз дурру гуҳар аст.

## РӮЗЕ ДАР САРИ ЧАШМА

Чашма мисли ашки санг,
Ҳавзак мешуд чакида.
Шохаки сабзи заранг,
Соя мешуд хамида.
Себарга боло мешуд,
Гирди лабони чашма.
Ҳар соат зебо мешуд,
Даври домони чашма.
Рӯ-рӯи оби дарё,
Нармак-нармак дасти бод.
Бо чакраи чакида,
Қоку аз замин меруст.
Шаҳди замин макида,
Ҳулбӯй аз замин меруст.
Бӯи лаби чашмаро,
Бар дара пош медод.
Ҷое чун ин ҷо набуд,
Дар сар то сари дара.
Ҷои басо хушнамуд,
Аҷаб як ҷои сара…

**Убайд Раҷаб**

**СУПОРИШ:**

Шеъри ба васфи чашма бахшидаро хонда фикратонро дар бораи об баён созед.

## ЧИСТОН

Банди дарози дилрабо,
Меравад гирди дунё?

(Д. р.)

## ОФТОБИ ОЛАМТОБ

Офтоб ба олам нурҳои хешро паҳну парешон мекунад ва ба мавҷудоти зинда ҳаёт мебахшад. Агар офтоб набошад, ҳам парандагону чарандагон, ҳам набототу ҳам худи мо зинда намемонем.

Яъне офтоб ба ҳама чиз баробар гармӣ медиҳад ва аз гармии он сабзиши растаниҳо ба амал омада, дигар мавҷудоти олам қувва гирифта ҳуқуқи ҳастӣ пайдо мекунанд.

**ҲИКМАТ**

Офтоб - ба ҳама чизҳо гармӣ, рушанӣ ва ҳаёт мебахшад.

Деҳқон бошӣ, шудгор кун,
Олим бошӣ, такрор кун.

## ОФТОБХӮРӢ

Бобои Абдуҳалим асо дар даст аз хона баромада дид, ки ҳангоми қиёми офтоб писараш Абдуҳамид то миён луч, замини рӯи даричаашро нарм мекунад. Мӯйсафед ба ташвиш афтода гуфт:

- Абдуҳамид, ин корат нағз не. Офтоби нимирӯзӣ ба одам зиён меорад. Падарам мегуфтанд, ки кори саҳар файзи дигар дорад, биё писарам, хӯрок хӯрда дам гир, ҳаво, ки салқин шуд, коратро давом медиҳӣ.

- Э, падарҷон, ман офтоб хӯрданӣ. Медонед, офтоб хӯрдан фоида доштааст. Одамони ботаҷриба ҳамин хел маслиҳат доданд.

Падар дид, ки писараш бо маслиҳатҳои ӯ розӣ намешавад, хаёлолуд ба хона даромад ва ба келинаш фармуд, ки либоси набераи сесолаашро кашида, ба рӯи ҳавлӣ барорад, то ки мисли падараш офтоб хӯрад, маънидорона фармуд ба келинаш. Келин фармоиши ӯро иҷро кард.

Абдуҳамид бо ҳавсалаи тамом замин нарм мекард. Аз сару рӯяш арақ мешорид. Як вақт қомат рост карда, писарчаашро то миён лучак дар офтобрӯяи ҳавлӣ дид, ки хурсандона ба кори падараш диққат медод. Дар изтироб шуд.

– Занак, ҳой занак! Писарат дар офтоб касал мешавад. Вале ҷавобе нашунид. Зуд омада писарчаро аз офтобрӯя гирифту ба зери сояи ток бурд.

– Беинсоф, ҷигарбанди маро дар офтоб монданд, – нохушона ғур-ғур кард ӯ. Ҳамин вақт падараш, лабонаш моили табассум аз хона баромад ва гӯё, ки ранҷида бошад, гуфт:

– Ҳа, ба фарзандат раҳмат омад. Лекин ба фарзанди ман дилат насӯхт. Охир, ҷони падар, ман ҳам мисли ту дил дорам. Ҳамаи ин воқеаро Замину Офтоб мушоҳида мекарданд.

**Қурбон Муҳаммадӣ**

### ЛУҒАТ:

**Қиём** - рост шудани офтоб дар ними рӯз.

### САВОЛҲО:

1. Бобои Абдуҳалим дар рӯи ҳавлӣ чиро мушоҳида кард ва ба писараш чӣ гуфт?
2. Писараш Абдуҳамид ба падар чӣ ҷавоб гардонд?
3. Ибораи "офтоб хӯрдан" чӣ маъно дорад?
4. Натиҷаи меҳнати ҳалол ва муносибати хуб бо Замин аз чӣ иборат будааст?
5. Офтоб барои саломатии инсон чӣ аҳамият дорад?
6. Падар аз писараш Абдуҳамид чаро гила кард ва чӣ гуфт?

Замин ризқу рӯзӣ медиҳад,
Офтоб нуру зиё мебахшад.

## ХУЛОСА ВА ҶАМБАСТИ ФАСЛИ СЕЮМ

**1. Об.** Бачаҳо, оё шумо медонед, ки дар баъзе кишварҳои ҷаҳон мардумон аз камии об душворӣ мекашанд ва ҳатто оби нӯшокӣ ҳам ба қадри зарурӣ намерасад.

Хушбахтона, мамлакати мо, ки аз сатҳи баҳр хеле баланд ҷой гирифтаасту саросар кӯҳсор аст, об фаровон мебошад. Бо вуҷуди ин обро чун нону намак азиз дорем ва ба исрофшавии он ҳеҷ гоҳ роҳ надиҳем. Агар қубурҳои обрав ва ҷумакҳоро кушода монем,

дар як шабонарӯз миқдори хеле зиёди оби нӯшиданӣ сарф мешавад ва зоеъ мегардад. Ба иқтисодиёти ватанамон ҳам зарар меорад.

Об, ки чизи асосии ҳаётӣ ба ҳисоб меравад ва он зебоии табиати диёрамон аст, онро азизу мукаррам донем.

**2. Оташ** ҳам мисли об чизи муқаддас аст. Агар гармӣ набошад, рӯи замини зебои моро саросар қабатҳои ғафси ях фаро мегиранд ва ҳаёти кулли мавҷудоти зинда номумкин мегардад. Аз оташ эҳтиёт будан ҳам зарур аст.

**3. Хок** - Замин ҳам аз мавҷудоти табиат буда, дар он ҳама бойигариҳои табиӣ, аз ҷумла мо ва обу оташ низ ҷойгирем. Замин моро мехӯронад, мепӯшонад ва шодию хурсандӣ ато мекунонад. Замин - хок модари дуюми мост, онро азиз дорем ва ба ободию тозагиаш кӯшем.

**4. Бод (ҳаво)** чун обу хок ва оташ чизи қиматбаҳост. Барои исботи фикрамон, агар 1 дақиқа даҳонамонро ба дастамон пӯшонем, маълум мешавад, ки бе ҳаво тоқат кардан мумкин нест. Албатта, чизҳои ғайри зинда тоб меоранд, вале мо наметавонем зист.

Хуллас, обу хок ва оташу бодро, ки дар табиат унсурҳои асосианд, муҳофизат намоем ва онҳоро оқилона истифода барем.

## ОДОБИ ТОЗАГӢ ВА БЕҲДОШТИ ФАРД

Маънои тозагӣ – зебоӣ, покӣ ва покизагӣ мебошад.

Бигардад аз ӯ тоза боғи сухан,
Шавад низ равшан сарои сухан.

**Садри Зиё**

Мазмуни фард кас, шахс, як нафар аст. Яъне ҳар кас ё ҳар шахс худро тозаю пок ва озода нигоҳ дорад. Зеро одам аз ҳайвон бо покию тозагӣ фарқ мекунад. Тозагӣ бар ҳар як шахс чун обу ҳаво зарур аст, зеро тозагӣ ба кас, пеш аз ҳама, саломатӣ қувваю дармон ва табъи хуш меорад. Аз ин сабаб сару тан ва либосу пойафзоли худро озодаю пок нигоҳ доштан шарт ва зарур аст.

Махсусан мактабхонон бояд, пеш аз ҳама, сару тан пойафзол, асбобҳои хониш, дохилу атрофи мактаб, роҳҳои пиёдагарду мошинрав, роҳи хонаю мактаб, ҳавлӣ, дохили наклиёти

мусофиркаш, масҷид, чойхонаю ошхона, мағоза, тарабхонаҳо, базмгоҳҳо, боғҳои истироҳатӣ ҷӯй ва кӯлу дарёҳо беморхонаю дармонгоҳҳо, осоишгоҳу сайрҷоҳо ва атрофи онҳоро дар ҳолати тозагӣ нигоҳ доранд ва ҳифз намоянд.

## ПАНДҲОИ ЛУҚМОНИ ҲАКИМ

"Сухан аз даҳони Луқмон хуш аст"

**Зарбулмасали халқӣ**

Ҳикматҳои пандомези Луқмони Ҳаким ба шакли хеле кӯтоҳ таълиф шудаанд... Аксарияти андарзҳои Луқмони Ҳаким ба покрафторӣ бахшида шудаанд. Инак чанд панде аз осори пурқимати Луқмони Ҳаким намуна меорем, ки онҳоро дар зиндагӣ метавон истифода бурд.

Ҷомаву танро пок дор.

Оби даҳону бинӣ маяндоз.

Дар пеши мардум хилоли дандон макун.

Дар хамёза даст бар даҳон неҳ.

Ангушт дар бинӣ макун.

Ба остин оби бинӣ пок макун.

Агар тавонӣ ба сутури бараҳна савор машав.

### ЛУҒАТ:

**Сутур** - ҳайвони чорпо (хар, асп, уштур)
**Бараҳна** - луч, урён.

### СУПОРИШ:

Пандҳои Луқмони Ҳакимро бодиққат хонед.
Пандҳои хондаатон ба шумо чӣ гуна таассурот бахшиданд, гуфта диҳед.

Ба мазмуни пандҳо диққат диҳед.
Маънии панди “Ҷомаю танро пок дор”-ро гӯед.
Пандҳои ба худатон мақбулро аз ёд кунед.

## ҲИКМАТ

Панд оинаи ҳаёт аст.

## ҲИКОЯТ

Овардаанд, ки Султони Боязиди Бастомӣ ба пеши модари худ омаданд ва гуфтанд, ки эй модар, ҳаловати тан намеёбам ва дар дили худ сахтию дуруштӣ ҳис мекунам. Ба таҳқиқ медонам аз ин сабаб аст, ки ҳаром дар ман роҳ ёфтааст. Зеро, ки сиёҳии дил ҳама аз луқмаи ҳаром аст ва аз рӯзе, ки худро ёд дорам, аз ҳаром парҳез кардаам. Гумон дорам, ки мабодо шири ҳаром дода бошӣ. Модар гуфт: “Эй фарзанди ба ҷон пайвандам, ман то тавонистам ба ту шири ҳаром надодаам. Аммо ин қадар медонам, ки рӯзе туро бардошта ба хонаи ҳамсоя даромадам, зани ҳамсоя ҳозир набуд, дидам, ки сурмадони ӯ истодааст, бигирифтам аз он сурма дар чашми ту кашидам. Ҳамон замон дар дилам омад, ки хато кардам.

Баъд аз он гуфтам, ки аз вай пиҳилӣ талабам, фаромӯш кардам”. Султон Боязиди Бастомӣ гуфтанд: “Оҳ дареғ, эй модар, дар ҳаққи ман ҷафо кардаӣ. Агар он зан зинда бошад, бирав ва пиҳилӣ бихоҳ ва агар на, дилро сиёҳ кунад...” “Албатта, бирав пиҳилӣ хоҳ, ки худро гунаҳгор сохтӣ”. Ин миқдор ҳаром, ҳамин натиҷа медодааст, Пас касе, ки доим нони фақирон ва мискинон ва ятимон ва бевазанон ва ғарибон хӯрад ҳоли ӯ чӣ гуна хоҳад буд?

**Аз “Дуррулаҷоиб”**

## ЛУҒАТ:

**Ҳаловати тоат** - ҳаловати бадан.
**Ба таҳқиқ медонам** - ба ҳақиқат медонам.
**Луқмаи ҳаром** - луқмаи нораво.
**Фарзанди ба ҷон пайванд** - фарзанди ба ҷон баробар.
**Пиҳилӣ** - узр, бахшиш.

## САВОЛҲО:

**1.** Боязид аз модараш чӣ суол кард ва чӣ ҷавоб гирифт?
**2.** Модар ба чашми Боязид чӣ молида будааст?

3. Боязидро чӣ нооором мекард?
4. Сиёҳии дил аз чист?
5. Пок будани сурату сирати инсон чӣ маънӣ дорад?

**ПАНД**

Дилу ният ва виҷдони худро пок нигоҳ доред, зеро ин тозагии инсон аст.

Ба тозагӣ диққат диҳед ва риоя намоед.

Дар ҳар ҷое, ки нишаста истироҳат мекунед, таом мехӯред, майдончае, ки он ҷо варзиш менамоед, ё бозӣ мекунед, дар ҳар ҷое ки бошед, он ҷойҳоро озода нигоҳ доред. Хусусан ба тозагии сару либоси худ ва пойафзолу ҷӯробҳо аҳамияти зарурӣ диҳед.

## ДАР ОДОБИ ЛИБОС ПӮШИДАН

Пӯшидани либос қоидаҳои худро дорад. Чаро мо либос мепӯшем ва он бароямон чӣ зарурат дорад, бояд бидонем.

Пеш аз ҳама либос ё ҷома моро аз гармию хунукӣ нигоҳ дошта ва асосан бахри нигоҳ доштани сатри аврат истифода мегардад.

Либоси кас чӣ гуна бояд бошад?

Либосро, ки мо мепӯшем, пеш аз ҳама бояд покиза бошад. Аммо дар рӯзҳои ид агар нав бошад, беҳтар аст.

Дар вақти пӯшидани либос бояд дасти ростро аввал дар остин кунем ва ҳангоми баровардан дасти чап берун созем. Либосҳои худро аз ҳар хел чиркинию наҷосат нигоҳ дорем. Изор ё шимро бояд нишаста пӯшем. Яке аз шартҳои асосии либоси тан ин аст, ки бояд он бесурат бошад.

Адаби пӯшидани кафшу мӯза чорто аст.

Якум, аввал пои рост дар мӯза кунем. Дуюм, вақти берун кардан аз пои чап берун оварем. Сеюм, ба як мӯзаву кафш агар имконият бошад, қаноат накунем, Чорум, ҳар ҷо, ки кафш берун кунем, агар имконият бошад, бардошта наздики худ гузорем.

Агар пурсанд, ки ту барои либосӣ ё либос барои ту аст, бигӯй, либос сурат барои ман аст ва ман барои либос маъниам.

**ЛУҒАТ:**

**Сатри аврат** - пӯшондани андоми маҳрам ва умуман бадан.

**САВОЛҲО:**

1. Либос баҳри чӣ лозим будааст?
2. Ҳангоми пӯшидани либос аввал кадом дастро бояд дар остин кунем?
3. Тозагии либос чӣ аҳамият дорад?
4. Пойафзол чӣ гуна пӯшида мешавад?

## МАЪРИФАТИ ЛИБОСПӮШӢ

Ба одоби либоспӯшӣ ва тозаю озода нигоҳ доштани он риоя кунед.

Ҳар кас бояд мувофиқи синну соли худ либос пӯшад ва қабл аз ҳама зиёдтар ба тозагии либос аҳамият диҳад.

Либосро, ки тозаю озода нигоҳ доштӣ, вай ҳам туро мисли шаҳ зебо мегардонад.

Дар ҷойҳои ҷамъиятӣ бо либоси дарида, чиркин, бадбӯй ва ранголуд гаштан мумкин нест, то ки табъи дигаронро хира, либосҳояшонро ифлос насозӣ.

Либосҳоро аз ҷиҳати мавқеи истифодаашон ба либосҳои хона, хоб, корӣ (мактабӣ), идона, сафарӣ, варзишӣ, тӯёна ва ғайра тақсим кардан мумкин аст.

Масалан, агар аз мактаб, ки баргаштем, зуд либосамонро ба либоси хонагӣ иваз намоем, то ки чиркину ифлос нашаванд.

Барои ин, бояд пеш аз хона баромадан шахс дар назди оина худро аз назар гузаронида, ба тартиб оварад. Дар хонадон аҳли оила ва дар мактаб ҳамсинфон бояд, ки оинаи якдигар бошанд. Камбудиҳои ҳамдигарро оиди сару либос бартараф намоянд.

Либосҳо бошанд, ба либоси хонагӣ, кӯчагӣ, корӣ, тӯёна ва маросимӣ ҷудо мешаванд. Ба гурӯҳи либосҳои хонагӣ изор, курта, поҷома, ҷома, тоқӣ, шим мансубанд.

Тагкурта, поҷома, майка ва ғайра ба сифати либоси хоб истифода мешаванд. Бо ин либосҳо дар ҳавлӣ, даруни наклиётҳо

(қатора, троллейбус, автобус, тайёра, кӯча ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ) гаштан аз рӯи одоб нест.

Тоқӣ, гарданбанд (галстук, шарф), боронӣ (плащ), палто, чатр ва ғайра лавозимоти кӯчагианд.

Либосҳои мактабӣ ҳамон либосҳоеанд, ки маъмурияти мактаб муайян кардааст. Агар бо либосҳои муқарраркардаи мактабӣ рафта натавонед, бо либосҳои тозаю озодаи дигар ҳам, ки қобили истифодаанд, метавон иштирок кард.

Хулласи калом, либосҳои кории шумоён либосҳои мактабианд. Ба хона ки баргаштед, онҳоро зуд иваз намоед.

Дар рӯзҳои саид ё худ тӯй, ки аломати хушию хурсандиро ифода мекунад, либосҳои пӯшидаатон бояд зебою хушрӯй ва тозаю озода бошанд. Либос беҳуда нагуфтааст: "Ту маро тоза нигоҳ дор, ман туро шаҳ барин дорам".

Дар кӯча бо одамон ҳалиму меҳрубон будан зарур аст. Мабодо касеро озор диҳӣ, зуд узру бахшиш пурс. Ба одамони гирду атроф ҳам бисёр нигаристан аз рӯи одоб нест.

Ба ангушт нишон додани чизе ё одаме бемаданиятии касро нишон медиҳад. Роҳравон дар кӯча хӯрдани чизе ҳам аз рӯи одоб набошад.

**Ёқуб Одинаев**

## САВОЛҲО:

1. Либосҳои мо чӣ гуна мешудаанд?
2. Пеш аз ба кӯча баромадан ба чӣ бояд назар кард?
3. Либосҳои мактабӣ аз либосҳои хонагӣ бо чӣ фарқ мекунанд?
4. Ба тозагии либос ва бадан диққати зарурӣ диҳед. Ҳамеша тозаю озода бошед.

Ба одам либоси хушдӯхт, тоза ва мувофиқ мезебад. Хуб нест, вақте ӯ ба худ нигоҳ намекунад, либосаш ифлосу ғиҷим мебошад, боз бадтар он аст, ки сарфи аз дахлаш бештар бишавад, яъне дастмузд кам дораду мекӯшад либоси қиматбаҳо бипӯшад ё бо либоси худ фахр мекунад...

**Аз "Панднома"-и Абай**

**САВОЛҲО:**

1. Ба одам чӣ гуна либос зебанда будааст?
2. Ҳар кас бояд ба сару тан ва либоси худ чӣ кунад?

**СУПОРИШ:**

Матнро хонда мазмунашро дар хотир гиред.

## ДУ МАГАС

Ду магас бо ҳам вохӯрданд. Яке хурсанд буду дигаре ғамгин.

- Ту аз чӣ ғамгин? - пурсид магаси хурсанд аз магаси ғамгин.

- Ман гуруснаам, - пингос зада гуфт магаси ғамгин ва пурсид: - Ту аз чӣ хурсандӣ?

- Ман дар хона писаракеро дидам, ки мураббо мехӯрд, - гуфт магаси хурсанд.

- Ба назарам писараки нағз намуд. Калонсолон барин бахил не. Мураббoро бе мо, худаш танҳо намехӯрад, моро киш намегӯяд. Вай, албатта мерезонад, мечаконад, ба сару рӯяш мемолад ё баъди хӯрдан пиёларо намешӯяд. Мехоҳам, ки воқеаро ба ҳамаи магасҳо расонаму онҳо ба он хона рафта мураббо хӯранд.

–Ту ҳам зуд рав!

Магаси ғамгин ҳам хурсанд шуд…

Беҳуда хурсандӣ мекунанд магасҳо - Зафарҷон хурдакак бошад ҳам, беақл нест. Вай мураббoро намерезонад, намечаконад, ба сару рӯяш намемолад! Пиёларо низ тоза мешӯяду ба тоқча мемонад ва баъд ба офтобрӯя баромада бозӣ мекунад!..

**САВОЛҲО:**

1. Магасҳо дар чӣ ҳолат будаанд?
2. Магаси ғамгин аз магаси хурсанд чӣ пурсид ва ӯ чӣ ҷавоб дод?
3. Магаси хурсанд киро дидааст ва чаро аз ӯ розӣ будааст?
4. Аз шунидани хабари хуш магаси ғамгин чӣ шуд?

## МАШҚУ ВАРЗИШ - УМРИ ДАРОЗ

Ҳарчанд дарозии умри инсон ба худи мо вобаста нест, бо вуҷуди ин бояд кӯшиш кард, ки умр бо ҳаракат ва кӯшишу кор ва машқу варзиш гузарад.

Зиндагӣ он вакт ширин, умр он гоҳ дароз аст, ки агар кас ба машқу варзиш машғул бошад. Беҳуда халқ "Тани солим-рӯҳи солим" нагуфтааст.

## АЛӢ ҲАМБОЗИҲОЯШРО НАҶОТ МЕДИҲАД

Алӣ кам-кам бузург гашт. Кӯдаки боҳуш буд. Рафтори Алӣ аз кӯдакони дигар фарқ дошт. Як рӯз Алӣ бо ҳамсолони худ бозӣ мекард, ҳодисае иттифоқ афтод. Он рӯз Алӣ ва дӯстонаш наздики чоҳи обе бозӣ мекард. Ногаҳон яке аз ҳамбозиҳои Алӣ лаби чоҳ ғалтид ва наздик буд, ки ба даруни чоҳ биафтад.

Бачаҳо фарёд кашиданд. Модари кӯдакро хабар карданд. Ба модар хабар расид, ки бачаат дар чоҳ афтод. Модар сару пои бараҳна давид. Гумон кард бачааш ба чоҳ афтода мурдааст. Шеван кард ва аз ҳамсоягон кӯмак хост. Вакте ки ба лаби чоҳ расид, дид, ки Алӣ кӯдакро аз хатар наҷот додааст. Он зан бо муҳаббати бисёр ба Алӣ нигоҳ кард ва ба ӯ офарин гуфт ва худоро шукр кард, ки фарзандаш солим мондааст.

### ЛУҒАТ:

**Бузург** - калон.
**Шеван** - нола, гиря.
**Иттифоқ афтод** - рӯй дод.

### САВОЛҲО:

**1.** Алӣ чӣ гуна калон мешуд?
**2.** Дар назди чоҳ чӣ ҳодиса рӯй дод?
**3.** Фаъолияти Алӣ ва чусту чолокии вай аз чӣ аён гашт?
**4.** Он зан аз Алӣ чӣ гуна миннатдорӣ кард?
**5.** Модари кӯдак чаро тарсону ҳаросон омад?
**6.** Чусту чолокӣ чӣ аҳамият доштааст?

## УНСУРҲОИ САЛОМАТӢ

Ривояте ҳаст, ки рӯзе гӯё Афлотун гуфтааст: “Касе, ки истеъмоли чурғот дорад ва ҳафтае як маротиба ба гармоба меравад, таҳсин, ки ӯ мемирад? (Яъне умри ӯ дароз мешавад)”.

Бале, яке аз восита ва унсурҳои саломатӣ ва тандурустии одамӣ ба гармоба (ҳаммом) рафтан аст, ки рагу пайро нарму мулоим ва аъзоро солим гардонад.

Гармоба воситаи тарбияи бадан, рафъи дарду иллат ва заъфи меъда буда, ба кас сабукию офиятмандӣ бахшад.

Саломатӣ ва офиятмандӣ дурдонаи бебаҳо, шамъи фурӯзони пурзиё, давлати безавол ва дар саҳни гулшани умр ниҳоли сабзу баркамол аст, ки ӯро қиёсе набувад:

Чаро нолам зи дасти тангдастӣ,
Ки ганҷи беқиёс аст тандурустӣ.

**Разиюлло Абдуллозода**

### ЛУҒАТ:

**Қиёс** - мисл, монанд.
**Тандурустӣ** - сиҳатӣ.

### САВОЛҲО:

**1.** Унсурҳои саломатӣ чиҳо будааст?
**2.** Барои тарбияи бадан чӣ кардан лозим аст?

### СУПОРИШ:

Унсурҳои сиҳатиро дар хотир гиред.

Далерӣ кун, ки майдон аз далер аст,
Агар рӯбоҳ далер афтод, шер аст.

**Бадриддин Ҳилолӣ**

## ВАРЗИШ САЛОМАТИСТ

Бачаҳои азиз, ҳанӯз аз қадимулайём ба мо маълум аст, ки одамон ба ҳар гуна бозиҳои варзишии миллии тоҷикӣ аз қабили

гӯштингирӣ, чавгонбозӣ, асптозӣ, бузкашӣ, шикор, шиноварӣ ва ғайра машғул мешудаанд.

Агар шахс ба обутоб додани бадан машғул шавад, ӯ ҷисман бардаму солим ба камол мерасад. Махсусан кори одамони саҳархез ҳамеша бобарор аст.

Машқу ҳаракат касро тандуруст гардонида, ӯро аз ҳар гуна маризиҳо (касалиҳо) эмин медорад.

Дар байни халқ ҳикояте ҳаст, ки зане гӯсолаеро аз ошёнаи якум ба болохона бардошта мебурдааст. Ин корро то калон шудани гӯсола давом медодааст.

Натиҷааш ҳамин шудааст, ки баъд аз калон шудани гов ҳам зан онро бардошта метавонистааст.

Мурод аз овардани гуфта ин аст, ки агар кас ба варзиш машғул шавад, албатта ӯ далер ва бардаму солим мегардад. Ба ин хотир, фарзандони азиз, доимо фурсатро ғанимат донед, аз хурдсолӣ худатонро ба ҳаракати мавзун машғул созед. Мунтазам машқ кунед, баданро обутоб диҳед. Бо ин роҳ шумо тандурусту солим хоҳед гашт. Тавассути машқу варзиш шумо аз кулли маризиҳо (касалиҳо) наҷот меёбед.

**САВОЛҲО:**

**1.** Одамон ба чӣ гуна машқҳо машғул мешудаанд?
**2.** Кас чӣ тавр бардаму солим мешудааст?
**3.** Зане, ки гӯсола доштааст, чӣ гуна машқ мекардааст?
**4.** Гӯед, ки шумо ҳам варзиш мекунед?

Аз боди баҳор баҳра бардор,
Аз боди хазон худ нигоҳ дор.

## САЛОМАТ БОШ ТУ, ЭЙ ДӮСТИ ХУРДСОЛ!

Барои инсон аз тани сиҳат дида чизи қиматтар, хубтару беҳтар вуҷуд надорад. Саломатӣ давлатест, бойгариест, ки онро ба чизе натавон харид ё иваз кард. Аммо гарав ё кафолати сиҳатию саломатӣ ба худи мо вобаста аст. Яъне мо то кадом дараҷа машқ мекунем, ҳаракат карда баданамонро обутоб медиҳем, ба тартиби

хобу хӯрок чӣ гуна риоя менамоем. Ин масали халқӣ беҳуда гуфта нашудааст, ки “Ба хонае офтоб намедароянд, табиб меояд”.

## ПЕШ АЗ ХӮРОК ДАСТ БИШӮЙ!

Одам аз ҳайвон пеш аз ҳама бо тозагии худ фарқ мекунад. Яъне шахс ба тозагӣ чӣ қадар зиёдтар аҳамият диҳад, ҳамон қадар тану ҷонаш сиҳату саломат гардад.

Масалан, шустани дасту рӯй, дандон ва умуман бадан барои ҳар кас хоҳ хурд бошад хоҳ калон, бисёр ҳам зарур аст. Аз тозагӣ ҳамеша табъи кас хуш бошад, худро сабук ҳис мекунад, чизи хондаашро низ хуб мефаҳмад.

## НАСИҲАТ

Модарам аз пеши дарвозахона садо кард:

- Шербой! Шербой! Зуд биё. Бибиат омадагӣ, самбӯсаи алафӣ овардагӣ.

Бибиҷонам! Барои ман фақат самбӯсаи алафӣ меоранд. Медонам, ки ман дӯсташ медорам.

Аз дар даромадаму бӯйи иштиҳоовари самбӯса ба димоғам зад.

- Самбӯса куҷост!

- Дастатро шӯй, - гуфтанд бибиам аз пешониам бӯсида.

- Баъд ҳамроҳ самбӯса мехӯрем.

Саросема худро ба тарафи дастшӯ кашидам. Дастамро тар кардаму баргаштам. Бибиам гуфтанд:

- Бибиат садқа, дастро се бор шустан даркор!

Боз ба тарафи дастшӯ давидам, дастамро се бор об гардондам, афшонда-афшонда омадам ва хостам нишинам. Бибиам гуфтанд:

- Ҷони бибӣ, дасти тарро афшондан мумкин нест!

Ноилоҷ ақиб рафтаму ба дастам собун задам, се маротибаи дигар шустам, бо дастмол пок кардам, баъд ба сари дастурхон нишастам.

- Офарин, бачаякам, - гуфтанд бибиам, - ин насиҳати маро ҳаргиз фаромӯш накун.

**Гулназар Келдӣ**

**САВОЛҲО:**

1. Бибӣ чӣ савғо овардааст?
2. Бибӣ ба набера чӣ насиҳат кард?
3. Тозагӣ чӣ аҳамият дорад?

Ҳамеша ба тозагӣ риоя кунед.
Тозагию озодагӣ хислати хуби одам аст.

## ОДОБИ АТСА ЗАДАН

Агар пурсанд, ки одоби атсазананда чун аст? бигӯй: Аввал он, ки остин пеши даҳону бинӣ гирад ё рӯмолча, то дар вақти атса задан аз даҳону бинии ӯ чизе берун наояд, ки ба бинандагон хуш наояд.

Дуюм, чун атса аз се зиёда гардад, агар тавонад дафъ кунад, вагарна аз маҷлис бархезад, ки сабаби малоли мардум нашавад.

Сеюм, чун касе ҷавоби атсаи ӯ боздиҳад, ӯ низ ташаккур гӯяд.

**Таъкид:**
Ҳангоми атсазанӣ дар ҷойҳои серодам боэҳтиёт будан лозим аст.

## ҶАЗОИ ДИЛОЗОР

Дар бораи некию некӯкорӣ дар байни халқ ҳикояю афсонаҳои зиёд офарида шудаанд, ки онҳо моро ба фикр кардан водор месозанд. Аз мазмуни онҳо бармеояд, ки ин ҷаҳон гузарон аст ва дар он касе абадӣ зинда намемонад. Лекин як шарт аст, ки ҳар касе нек бошаду аз худ номи нек гузорад, номаш ба некӣ монад ва бад бошад, номашро ба бадӣ ёд кунанд.

Дар афсонаи зерин ҳам дар бораи бачаи дилозору чиркин сухан рафтааст, ки ӯ аз рафтору кирдори бадаш ҷазои сахт гирифтааст, ки тавбаю зорӣ карданаш ҳам дигар фоида наовардааст.

### Афсона

Дар деҳае Сафар ном бача бо модараш зиндагӣ мекард. Вай бачаи гапнодарою дилозор ва дарсгурез буд. Ӯ аз пагоҳ то бегоҳ ба

корҳои беҳуда машғул мешуд. Ҳама аз Сафар безор буданд. Рӯзе набуд, ки касе аз ӯ озор наёбад. Ҳатто ҷонваракон баробари ӯро дидан безобита шуда чириқ-чириққунон ба ҳар сӯ парида мерафтанд.

Боре Сафар чанги кӯчаро ба осмон хезонида мегашт, ки ногаҳон аз рӯ ба рӯяш чашмае баромад. Оби чашма софу зулол буд. Сафар аввал хам шуда об нӯшид ва сонӣ ба чашма хок партофтан гирифт. Оби чашма тира гашт. Чанде нагузашта чашма ба оинаи калони ғуборолуде табдил ёфт. Сафар дар он афти худро дида тарсид. Ӯ тамоман бадшаклу шамоил шуда буд. Оина ба Сафар нигоҳ карда ба гап даромад:

- Одами дилозор бояд ана ҳамин хел бадафту баднамуд бошад!

- Не, не, илтимос! - дод зад якбора Сафар. - Тавба кардам. Ман дигар ҳаргиз дилозор намешавам!

Вале оина хомӯш монд. Ана ҳамин хел Сафар барои дилозорияш як бачаи баднамуд шуда монд.

**САВОЛҲО:**

**1.** Чаро Сафарро дилозор меномидаанд?
**2.** Аз Сафар чаро ҳама гурезон будаанд?
**3.** Сафар ба чашма чӣ гуна муомила кард?
**4.** Оқибат Сафар ба чӣ гуна ҷазо гирифтор шуд?

**ПАНД**

Ба тозагию покӣ риоя кунед.

Дар ҳама ҷо тозагиро тарғибу ташвиқ намоед ва худатон намуна бошед.

## ЛАКЛАК - ТАБИБ

Буд набуд як гург буд, гурги гӯсфанддузду гӯсфандхӯр буд. Рӯзе дар гулӯяш ногаҳон устухон дармонд. Гулӯяш дард кард, оби даҳонашро фурӯ дода, нафас гирифта наметавонист. Тарсида, ба пеши табиб рафт.

- Дарди ту даво надорад, - гуфт табиб, устухон ба таги гулӯят чуқур рафтааст, илоҷи гирифтан нест. Бо ин аҳвол зинда намемонӣ. Гург ба воҳима афтода, худро ба чор тараф зада, гиряву нола кардан гирифт.

Лаклак дар лаби кӯлмак гашта, қурбоққача дошта мехӯрд. Вай нолаи гургро шунида, омада пурсид:

- Эй гург, ба ту чӣ шуд?

- Напурс! - гуфт гург, - Умри ман охир шудааст! Дар гулӯям устухон даромадааст, табиб ҳеҷ кор карда натавонист.

Лаклакро раҳмаш омад.

- Канӣ, наздиктар биё - гуфт. - Падари ман табиб буд. Ман ҳам як табибӣ кунам.

- Ой, дӯсти азиз! - хурсандона фарёд кард гург, - Агар ту маро аз ин дард халос кунӣ, ҳар чӣ гӯӣ мекунам.

Лаклак нӯли дарози худро ба гулӯи гург даровarда, устухонро кашида гирифт. Гург ҳамоно сабукӣ ҳис карда, аз ҷояш хесту ба роҳи худ рафт.

- Ист! Охир ба ваъдаат вафо кун! - гуфт лаклак.

- Ту розӣ нестӣ! - фарёд зад гург. - Ту каллатро бо гулӯи ман тиқонда, сиҳату саломат берун кашидӣ, магар ин вафо нест! Ман метавонистам туро хӯрам. – Гум шав аз назарам, дигар во нахӯр, ки хӯрда мемонам!

Лаклак чизе нагуфт, фақат аз дил гузаронд, ки ба кӯрнамакон ёрӣ додан лозим набудааст.

## САВОЛҲО:

1. Ба гург чӣ ҳодиса рӯй дод?
2. Табиб баҳри муолиҷаи гург чӣ маслиҳат дод?
3. Лаклак ба гург чӣ некӣ кард? Барои некияш гург ба вай чӣ гуфт? Лаклак чӣ?

## СУПОРИШ:

Мазмуни байти зеринро аз муаллим пурсед:

Оқибат гургзода гург шавад,
Гарчӣ бо одамӣ бузург шавад.

## ХУЛОСА ВА ҶАМЪБАСТИ ФАСЛИ ЧОРУМ

**1.** Тозагӣ ва озодагӣ барои ҳар як кас хеле зарур аст, бо ин мақсад ба одоби саломатӣ риоя кунем.

**2.** Саломатиро бо хеҷ чизи қиматбаҳо харида намешавад. Одам ҳамон вақт сиҳату саломат аст, ки бадани худро тоза нигоҳ медорад, кам мегӯяд, кам хоб меравад ва кам мехӯрад.

**3.** Яке аз шартҳои тандурустӣ варзиш кардан, яъне машқ кардан аст. Аз ин сабаб ҳар пагоҳӣ ба варзиш машғул шавед, ё кори ҷисмонӣ кунед.

## ОДОБИ МУТОЛИА

Хуш вақти касе, ки панд гирад,
Ибрат зи каси дигар пазирад.

## ШИНОСОӢ БО ТАЪРИХИ КИТОБХОНАҲО

Китобхона ҳамчун махзани китоб, аз қадимулайём дар байни мардум машҳур аст: китоб дар тамоми давру замонҳо боиси ифтихор ва эҳтироми бузург мебошад. Дар қадим китобҳоро дар хонаҳои зебою мунаққаш - қасрҳои шоҳон маҳфуз медоштанд ва мутолиаи онҳо ба мардуми оддию бенаво дастрас намешуд. “Китобҳои ҳикмат”-и қадим ҳамеша чунин панд медоданд: “Бояд бо худ ҳамеша китоб дошта бошӣ ва ҳамеша бихонӣ. Он беҳтарин маҳрами тану ҷони инсон аст”. Дар замонҳои қадим дар даромадгоҳи дари китобхонаи Фиръавн Рамзесси II дар лавҳае навишта шуда буд: “Дармони дил”. Муддати зиёд китобхонаҳо танҳо молу мулки подшоҳон ва шахсони доро ба ҳисоб мерафтанд: онҳо дастнавис карда мешуданд барои рӯйбардор кардани як китоб вақти зиёд сарф мешуд, аз ин рӯ, китоб ниҳоят қимат буд.

Дар сарзамини Осиёи Миёна китобхонаҳо дар асрҳои IX-X дар давраи ҳукмронии давлати Сомониён хеле машҳур шуданд. Аз ҷумла дар Бухоро китобхонаи шӯҳратманди амир ва “Мадрасаи Фирдавс” мавҷуд буданд. Аз китобхонаи Сомониён дар Бухоро

Абӯалӣ ибни Сино истифода бурдааст. Ӯ дар хотираҳояш менависад, ки дар ҳуҷраҳои зиёди китобхонаи амир китобҳо дар дохили сандуқҳо чида шуда, паси ҳамдигар гузошта мешуданд. Китобҳо дар хонаҳо мувофиқи мазмуну мундариҷаи худ, яъне вобаста ба соҳаи илм, тақсим шуда будаанд. Китоби заруриро аз рӯйхат, яъне феҳрист дарёфтан мумкин буд.

Аз асри XV сар карда, баъди ихтироъ кардани усули китобчопкунӣ китобхонаҳо хеле доман афрохтанд ва ниҳоят шӯҳрат ёфтанд. Дар Ҷумҳурии мо бузургтарин китобхона-ин китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ мебошад, ки он соли 1933 таъсис ёфтааст. Вай махзани асосии китоб ба забони тоҷикӣ мебошад. Китобхона на танҳо дорои китобҳои чопист, балки дастнависҳои дар кишвари Шарқ китобатшударо ҳам аз асрҳои XIII то XIX дар соҳаҳои гуногуни илму фан дар бар мегирад. Ғайр аз ин, дар китобхона намоиши асарҳои нависандагони тоҷик, ки дар хориҷа ба забони халқҳои зиёда аз 40 мамлакати дунё тарҷума ва нашр гардидаанд, ташкил карда шудааст. Дар айни замон китобхонаи ба номи Фирдавсӣ дорои 4 миллион нусха китоб аст: вай 15 толори калону хурдро дар бар мегирад ва ба 40-50 ҳазор хонандаи худ доимо хизмат мерасонад.

Вазифаи асосии китобхонаҳо ин баланд бардоштани мавқеи китобҳо дар тарбияи маънавии наврасон ва меҳнаткашон аст.

Ба хизматрасонии китобхонаҳои бачагонаи ҷумҳурӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ диққати асосӣ дода шудааст. Моҳи январи соли 1974 дар Душанбе китобхонаи бачагонаи ҷумҳурӣ ба кор оғоз кард, ки дар айни замон он қариб 70 ҳазор нусха китоб дорад ва ба 10 ҳазор хонандагони худ хизмат мерасонад.

Дар Тоҷикистон қариб 3 ҳазор китобхонаи мактабӣ ва 80 китобхонаи бачагона мавҷуд аст. Бисёр одамон дорои китобхонаҳои шахсӣ мебошанд. Хонандагони имрӯзаи мактабро ҳаргиз бе китобхона тасаввур кардан номумкин аст. Агар хонанда аз рӯзҳои нахустин бо китоб кор карданро омӯзад, дар натиҷа ӯ аз китобхонаи калон истифода бурда метавонад, зеро ҳар китобхона дорои қоидаҳои хоси худ мебошад. Китобхонаи мактаб на танҳо хонандагонро бо китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ таъмин

менамояд, балки худро аз асарҳои илмӣ-оммавӣ, маълумотномаҳо, адабиётҳои методӣ маҷаллаю рӯзномаҳои бачагона ғанӣ мегардонад.

Ҳар қадар китоб зиёдтар нигоҳдорӣ шавад, ҳамон қадар бештар ба мардум дониш ва манфиат меоварад. Ғайр аз ин, китоб - ин меҳнати пурмашаққат ва гарони одамони зиёд, аз муаллиф сар карда то хизматчиён ва коргарони матбаа мебошад. Аз ҳама муҳимтарин ин аст, ки мо - хонандагон ба китобҳои хониш эҳтиёткорона рафтор кунем, то ки онҳо бештар хизмат намоянд. Муддате дар ҷумҳурии мо хонандагон бепул бо китобҳои дарсӣ таъмин карда мешуданд. Дар ҷавоби ин ғамхории ҳукумат хонандагон вазифадоранд, ки китобро боз ҳам бештар эҳтиёт кунанд ва ба талаф шудани он роҳ надиҳанд. Дар ин вақт аз ҳисоби сарфи коғаз метавон боз ҳам бештару хубтар барои бачагон китобҳои аҷибу баландмазмун баровард. Ҳангоми боздиди китобхона ва шиносоӣ бо он диққатро ҳатман ба рафҳои зебою тозаи китобҳо ҷалб кардан зарур аст. Таассуфовар аст, ки агар онҳо парешону бесару сомон, ифлосу кӯҳна дар рӯи фарш хобида бошанд.

## ЛУҒАТ:

**Махзан** - хазина.
**Мунаққаш** - нақшин, нақшунигор кардашуда.
**Пазирад** - қабул кунад.
**Маҳфуз** - ҳифз кардашуда, нигоҳдошташуда.
**Мутолиа** - хондан, хониш, қироат кардан, хондани хомӯшона, китоб хондан дар дил.
**Доро** - бой, бадавлат, сарватманд.
**Феҳрист** - ҷадвал, ҷадвали унвонҳо ва сарлавҳаҳои ягон китоб.
**Таъсис** - устувор кардан, бунёд ниҳодан, бино кардан, асос гузоштан.
**Пурмашаққат** - пуразоб.
**Матбаа** - ҷои табъу нашри китобҳо.
**Талаф** - нобудшавӣ.

## САВОЛҲО:

1. Махзани китоб гуфта чиро меномидаанд?
2. Дар замони қадим одамон китобҳоро чӣ гуна нигоҳ медоштаанд ва дар куҷо ҷой медодаанд?

3. Оиди китоб, ки онро “Дармони дил” номидаанд, шумо чӣ фикр доред?
4. Дар Осиёи Миёна китобҳо дар кадом асрҳо ба вуҷуд омадаанд?
5. Аз китобхонаи Бухоро кӣ истифода бурдааст?
6. Китобҳо чӣ гуна ҷойгир кунонида шуда будаанд?
7. Китобчопкунӣ аз кадом аср оғоз шудааст?
8. Дар ҷумҳуриямон кадом китобхонаи калон мавҷуд будааст?
9. Дар китобхонаи ба номи Абулқосим Фирдавсӣ ғайр аз китобҳои чопӣ боз чӣ гуна дастхатҳо маҳфуз будаанд?
10. Асарҳои нависандагони мо ба чанд забони дунё чоп шудаанд?
11. Вазифаи китобхона аз чӣ иборат аст?
12. Дар Тоҷикистон чӣ қадар китобхона мавҷуд аст?
13. Китобхонаи мактаб ба мо чӣ манфиат мерасонад?
14. Ба китоб чӣ гуна муносибат бояд кард?

**ПАНД**

Китобҳоро эҳтиёт кунед, ки онҳо бебаҳоянд.
Китобро азиз ва китобхонаҳоро ҷои муқаддас шуморед.

**ҲИКМАТ**

Ҳар кӣ сухан бар сухане зам кунад,
Қатрае аз хуни ҷигар кам кунад.

## КИТОБ ДАР ҶУМҲУРИИ МО

Дар Тоҷикистон китобчопкунӣ аз соли 1925 сар шудааст.

Аз солҳои сиюм нашри китобҳо барои бачагон низ оғоз ёфт. Нависандагону шоирони соҳибистеъдоди тоҷик Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Абдусалом Деҳотӣ на танҳо барои бачагон асарҳои махсус менавиштанд, балки ба забони тоҷикӣ асарҳои нависандагони хориҷиро низ тарҷума менамуданд.

Дар айни замон зиёда аз 50 нафар шоирону нависандагони тоҷик барои бачагон асарҳои баландмазмуну ҷолиби диққат навишта, барои дар рӯҳи ватандӯстӣ, меҳнатдӯстӣ, инсонпарварӣ тарбия намудани

онҳо ҳиссаи сазовори худро мегузоранд. Аз он ҷумла Мирсаид Миршакар, Абдумалик Баҳорӣ, Раҷаб Амонов, Убайд Раҷаб, Ғаффор Мирзо, Гулчеҳра Сулаймонова, Нӯъмон Розиқ ва дигар шоирону нависандагонии халқи тоҷик барои бачагон асарҳо таълиф кардаанд.

Дар ҷумҳурӣ асосан барои бачагон нашриёти "Сарпараст" ва "Маориф ва фарҳанг" китоб ва китобҳои дарсӣ, маҷаллаҳо чоп мекунанд. Дар бисёр мактабҳо, китобхонаҳо, маҳфилҳои "Дӯстони китоб" ё "Китобдӯсти ҷавон" ташкил шудаанд, ки онҳо ба таъмир ва саҳҳофии китобҳои кӯҳна машғул мешаванд. Ҳоло китобу китобчопкунӣ ба куллӣ ранги дигар гирифтааст. Агар дар солҳои аввали баъди инқилоб китобҳо бад, хира ва дар коғазҳои дурушту дағал чоп карда мешуда бошанд, дар айни замон онҳо, махсусан китобҳои бачагона ва дарсӣ хеле рангину мунаққаш, дар коғазҳои навъи олӣ ба табъ мерасанд. Аз ин рӯ, ба китоб чун ба беҳтарин ва мӯнистарин рафиқ муносибат кардан даркор аст.

Китоб аз ҳама дӯсти беҳтарин ва маслиҳатчии бачагон дар ҳама корҳо, истироҳат ва бозӣ мебошад.

### ЛУҒАТ:

**Афзун** - зиёд, бисёр.
**Саҳҳофӣ** - саҳифабандӣ.
**Мӯнистарин** - маҳбубатарин, дӯстдоштатарин.

### САВОЛҲО:

**1.** Дар Тоҷикистон китобчопкунӣ аз кадом сол сар шудааст?
**2.** Кадом нашрияҳо ба чопи китобҳои бачагона саҳми зиёдтар гузоштаанд.
**3.** Дар китобхонаҳо кадом намуди маҳфилҳо ташкил мешудааст?
**4.** Сифати чопи китобҳои ҳозира чӣ гуна аст?.

### ҲИКМАТ

Китоб қиматтар аз ганҷ аст.

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

**Абулқосим Фирдавсӣ**

## ТАРЗИ ДУРУСТИ КИТОБХОНӢ

Тарбияи маданияти мутолиа пеш аз ҳама бояд тарбияи хониши бошуурона ва мулоҳизакорона бошад. Мо китобро хонда истода, муносибати худро ба рафтори ҳар як қаҳрамон муайян мекунем. Ба қаҳрамонҳои мусбат тақлид мекунем ва қаҳрамонҳои манфиро муҳокима менамоем. Китоб ба ҷаҳони мо медарояд, вай кӯшиш мекунад, ки ба саволҳои ҳангоми хондан пайдошудаи мо ҷавоб диҳад.

Тарбияи маданияти мутолиа шавқу ҳаваси моро нисбат ба китобхона ва китобхонӣ зиёд мекунад.

Дар вақти хондан ба кас бояд чизе халал нарасонад ва таваҷҷӯҳи моро ҳеҷ кадом ашёи гирду атроф ба худ ҷалб набояд кунад. Аз ҳама беҳтар барои китобхонӣ танҳоӣ ё ин ки толори хониши китобхона мебошад.

Китобро бояд бодиққат хонд, хаёлро парешон накарда ба маънои ҳар як калима сарфаҳм рафтан лозим аст. Аз чизи хондашуда на танҳо таассуроти ҷудогона, балки комил гирифт. Барои китобро хуб ва дуруст хонда фаҳмидан худро омода бояд кард. Агар порчаи матн ё супориши додашударо ба як бор хонда кас нафаҳмад, бояд ҳамон қисмат бодиққат ду-се маротиба хонда шавад. Агар ҳангоми китобхонӣ калимаҳои душворфаҳм вохӯранд, мо маънои онро аз луғатҳо, шарҳи поёни саҳифаю охири китоб пайдо мекунем ё аз калонсолон пурсида, сипас хонишро идома медиҳем. Дар сурати набудани луғату шарҳҳо ва калонсолон калима дар ҷое қайд мешавад ва баъд маънои онро аз муаллим ё китобдор метавон пурсид.

Китоб ё супориши додашударо хонда бояд фикр кард, ки чизи хондашуда дар бораи чӣ буд, матнро чӣ хел фаҳмид, чизи мутолиашударо бори дигар мулоҳиза карда хулоса баровардан аз шартҳои зарурист. Лозим аст, ки аз хурдсолӣ ба ташкили "Рӯзномаи чизҳои хондашуда" одат кунем. Дар рӯзнома исму насаби муаллиф, номи китоби хондашуда, соли нашр, порчаҳои писандида, иқтибосҳо, баҳои худи мо оид ба китоби мутолиашуда дарҷ карда мешаванд. Ҳамчунин дар рӯзнома метавон калимаҳои

душворфаҳмро бо шарҳаш, ки дар повараки китобҳо оварда мешаванд, панду ҳикматҳо, зарбулмасалҳо, мақолҳоро навишт. Бояд хулосаи худро дар бораи ин ки чизи хондашуда чӣ чизи нав ба мо дод, нависем. Мо аз рӯи рӯзномаи худ дар танҳоӣ метавонем озодона худро ба фикр кардан ва чизи хондашударо таҳлил кардан одат кунонем. Таҳлил кардан, чизи хондашударо гаштаю баргашта ба хотир овардан, яъне ин фаҳмидани фикру ҳиссиёт бо мақсаду мароми муаллиф дар ҳар образу ҳар як тасвир мебошад.

Китобро бояд бодиққат, ягон саҳифаро напартофта хонд, дар он вақт ин амал фоидабахш мешавад. Вақте ки шахс таҷрибаи кофӣ ва малакаи китобхонӣ пайдо мекунад, сипас метавонад тез хонад. Усули аз ҳама фоидабахши хониш ин хониши батафсил ё пурра фаҳмидани мазмуни китоб, сипас хониши такрорӣ ё хониш-омӯзиш мебошад. Ҳангоми хондан хуб мешуд, ки порчаҳои маъқулро худ ба худ такрор кунем, он ба мо лаззат мебахшад, нутқи мо ифоданок ва пуробуранг мешавад.

**Сафарова Ф.Ғ.**

**САВОЛҲО:**

1. Маданияти мутоила чӣ хел будааст?
2. Китоб барои чӣ ба мо кӯмак мерасонад?
3. Ҳангоми мутолиаи китоб онро чӣ тавр бояд хонд?
4. Матни хондашударо чӣ тавр бояд фаҳмид?
5. Чизҳои ҷолиброе дар рӯзнома чӣ хел қайд мекунем?

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Ҳеҷ н-омӯзад зи ҳеҷ омӯзгор.

**Абӯабдулло Рӯдакӣ**

## РӮЗНОМАВУ МАҶАЛЛАҲОИ БАЧАГОНА

Рӯзнома-ин нашри матбуоти даврӣ буда, дар он маводи воқеаҳои рӯйдодаи ҷорӣ чоп карда мешавад. Рӯзномаҳои ҳозира дар ҳаёти ҷумҳурии мо, ҳатто дар тамоми сайёра мавқеи бузургро мебозанд.

Рӯзномаҳо аз аслиҳаи тавонотарини муборизаи сиёсӣ, яке аз воситаҳои асосии ахборотдиҳӣ ва тарғиботи оммавӣ ба шумор

мераванд. Онҳо дар бораи ҳақиқати ҳаёти имрӯза далелу мавод чоп карда, онро шарҳу баҳо медиҳанд. Дар замони мо рӯзнома ба шаклу жанрҳои гуногун, яъне аз хабари расмӣ сар карда то ҳисоботу хабару мақола, гузоришу сӯҳбатҳо бо хонандагон, дар бораи ҳамаи рӯйдодҳои ҷумҳурӣ ва сайёраамон хабарҳои наву тоза чоп мекунанд.

Дар ҷумҳурии мо барои хонандагони хурдсол аз соли 1929 рӯзномаи "Пионери Тоҷикистон", ки ҳоло "Анбоз" ном дорад, нашр мешавад. Вай ба хонандагон аз ҳодисаю рӯйдодҳои муҳими ҷаҳон ва ҷумҳурӣ маълумот медиҳад. Дар саҳифаҳои рӯзнома нависандагону шоирон ва одамони намоёни ҷумҳурӣ бо шеъру ҳикоя, намунаҳои эҷодиашон баромад мекунанд. Рӯзнома ба хонандагони худ дар бораи кору бор, зиндагии хуби бачаҳои ҷумҳурии мо нақлҳо мекунад.

Рӯзномаҳою маҷаллаҳо барои тарбияи мо ва инкишофи ҷаҳонбиниамон мавқеи бағоят калон мебозанд. Маҷалла ҳам аз ҷумлаи нашри матбуоти даврӣ ба шумор меравад, вале дар он масъалаҳои аз ҳама ҷиддитар ва муҳимтар дар доираи хеле васеъ ва фасеҳ дарҷ мегардад. Вай масъалаҳои аз ҳама муҳимро бароямон равшан месозад. Маҷалла мувофиқи нашри даврии худ якчанд хел мешавад: ҳафтаина (яъне ҳафтае як маротиба мебарояд), даҳа (дар 10 рӯз як бор мебарояд), ниммоҳа, якмоҳа, думоҳа, рубъӣ, нимсола.

Мувофиқи мазмуну мундариҷа маҷаллаҳо ба сиёсӣ-оммавӣ, адабӣ-бадеӣ ("Садои Шарқ"), истеҳсолӣ-техникӣ, соҳавӣ ("Маърифат"), бачагона ва ҷавонон ҷудо мешаванд.

Дар Тоҷикистон аз соли 1950 маҷаллаи "Машъал" чоп мешуд. Ин маҷалла бо мазмуни бою рангини худ хонандагонро ҷалб кардааст. Дар саҳифаҳои он вохӯриҳои шавқовар бо нависандагону шоирон, одамони касбу кори гуногун дарҷ мешаванд. Маводҳои гуногун ва фаровоне, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи "Анбоз", маҷаллаи "Истиқбол" ва "Чашма" чоп мешаванд, ба мо дар кори хониш ёрӣ мерасонанд. Тарзи дуруст хонданро маслиҳат медиҳанд, дар бораи кору зиндагии аҷиби ҳамсолон нақл мекунанд, моро ба китобҳои навбаромада шинос месозанд. Ҳар як хонанда ба рӯзномаву маҷалла бояд обуна шавад ё ин ки ҳар рӯз дар китобхона онҳоро хонад, аз хурдӣ ба хондани рӯзнома одат кунад, аз тамоми ҳодисаю воқеаҳо хабардор бошад. Махсусан доштани бандчаи (дастаи дӯхташудаи) рӯзномаҳо аҳамияти хеле калон дорад.

Дар мавридҳои зарурӣ мо метавонем дар чорабиниҳои беруназсинфӣ ва дарс аз маводҳои иловагии он истифода барем. Ҳамчунин метавон гӯшаи маводҳои аз рӯзномаҳо буридашуда ташкил дод, дар як гӯшаи мақолаи буридашуда ҳатман таърихи баромади он, номи рӯзномаро қайд кардан зарур аст. Дар лаҳзаҳои зарурӣ кас метавонад барои durustӣ ва аниқии далелу иқтибосҳояш ба он назар кунад.

**САВОЛҲО:**

1. Рӯзнома чист ва он чӣ хизмат мерасонидааст?
2. Рӯзномаҳо аз кадом сол боз чоп мешаванд?
3. Рӯзномаю маҷаллаҳо кадом масъалаҳоро равшан месохтаанд?
4. Шумо боз кадом маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои дӯстдошта доред?
5. Оё шумо ба маҷаллаҳо ва рӯзномаҳои бачагона обуна шудаед?

Илм чун ҳосил кунӣ,
Он гоҳ амал ҳосил шавад.

## ШИНОСОӢ БО ФЕҲРИСТИ КИТОБХОНА

Дастгоҳи муҳими маълумотдиҳии китобхона феҳрист мебошад. Тартиб додани аввалин каталоги китобхона ба замонҳои хеле қадим мансуб аст. Китобхонаҳои хеле калон ҳазорҳо дастгоҳҳои соҳаҳои гуногуни илмро дар бар мегиранд. Китобхонаҳои қадима аз хариди асарҳои классикон ва нусхабардорӣ аз асл ғанӣ мегарданд. Илова бар ин муаллифони қадим асарҳои зиёд эҷод кардаанд. Масалан, Дидим Александрийский 3500 асар навиштааст, ки онҳоро дар 8000 китоб ҷамъ овардаанд. Сабаб дар он аст, ки дар замонҳои қадим асарҳо дар рӯи коғази папирус (як навъи гиёҳи обӣ буда, аз он коғаз месохтанд) навишта мешудаанд. Онҳо печон буда, танҳо дар як тарафаш навишта мешуданд. Дар марҳалаҳои аввал номи

китобҳо хеле оддӣ будаанд; унвони китобҳоро дар рӯи нишони махсуси чӯбӣ навишта, дар рӯи печи папирус меовехтанд. Дар китобхонаи Ашшурбанипал унвони китобҳо бо калимаи сатри якум ифода мешуданд. Бе чунин номгузорӣ дарёфт кардани китоби зарурӣ ниҳоят мушкил буд, аз ин рӯ онро калиди китобхона номидан мумкин аст. Аз рӯи он номгузориҳо рӯйхати умумии китобҳо, яъне феҳрист мураттаб мегардид.

Калимаи "феҳрист" ба мо аз забони Юнони Қадим, ки маънои рӯйхат, номгӯйро дорад, омадааст. Баъзан ин гуна рӯйхатҳо дар девори қасрҳо сабт мегаштанд. Чунин тарзи навишти рӯйхатро дар байни катибаҳо олимон шакли қадимтарин феҳрист ҳисоб мекунанд. Дар китобхонаи Сомониён дар Бухоро (нимаи якуми асри IX ва нимаи асри X) низ феҳрасти китобҳо бо шакли рӯйхат вуҷуд дошт, ки Абӯалӣ ибни Сино аз вай истифода бурдааст. Ин рӯйхат боигарии китобхонаро, ки дар ҳуҷраҳои зиёди он китобҳо дар дохили сандуқҳо чида шуда паси ҳамдигар гузошта мешуданд, равшан месохт. Китобҳо дар хонаҳо мувофиқи мазмуну мундариҷаи худ, яъне вобаста ба соҳаи илм, тақсим шуда буданд. Китоби заруриро аз рӯи рӯйхат, яъне феҳрист дарёфтан мумкин буд.

Дар Русия аввалин феҳристи китобҳои китобхонаи Академияи фанҳо бо номи "Китобҳои чопии Русия, ки дар китобхонаи император мавҷуд аст", соли 1942 чоп карда шуд. Дар он рӯйхати 727 китоби дар байни солҳои 1564-1738 нашршуда ҷой дода шуда буд.

Дар асри XIX мағозаҳои китобфурӯшӣ ва кӯҳнафурӯшӣ феҳристи худро ба тариқи китоб (барои осонтар шудани шиносоии харидорон бо китобҳо) чоп мекардагӣ шуданд. Феҳристи китобхонаҳо ба сурати китоб ё дафтарчаи хотира низ тартиб дода мешуданд.

Дар ибтидои асри гузашта феҳристи китобхонаҳо намуди ҳозираи феҳристҳоро ба худ гирифтанд: яъне маълумоти ҳар як китоб дар варақчаи алоҳида дода мешуд, ки ин хеле қулай буд. Варақчаҳоро ба кадом тартиб ки хоҳанд, гузоштан мумкин буд. Варақчаҳои китоби кӯҳнашуда ё китоби истифода барои китоби

нав дуюмбора навиштан, рӯйбардор кардан хоҷат надорад. Вай муддати зиёд ба кор меравад ва хонанда онро бе душворӣ кор мефармояд. Агар варақчаҳо пештар дастӣ навишта мешуда бошанд, ҳоло онро бо усули матбаавӣ чоп мекунанд.

Масалан:

**Сафарова Ф. Ғ.**

Омӯзиши асосҳои китобдорию китобшиносӣ дар мактаб: Дастур барои муаллимон, Душанбе, Маориф, 1985. ББК 78, 3-78, 5 0,1-02.

## ЛУҒАТ:

**Холис** - соф, сара, пок.
**Мансуб** - тааллукдор, нисбат додашуда, таъинкардашуда, вобаста.
**Ғанӣ** - бой.
**Марҳала** - масофа, миқдори муайяни роҳ.
**Унвон** - ном.
**Сатр** - рах, хат, сархат.
**Мураттаб** - тартиб, ҷобаҷогузорӣ.
**Катиба** - навиштаи болои санг ё кошин.
**Император** - шоҳ.
**Ибтидо** - оғоз, аввал.

## САВОЛҲО:

**1.** Феҳрист чӣ гуна маълумот медодааст?
**2.** Дидим Александрийский чӣ қадар китоб ё асар навиштааст?
**3.** Дар замонҳои қадим асарҳоро дар болои чӣ менавиштаанд?
**4.** Унвон ё номи китобҳо дар рӯи чӣ навишта мешудааст?
**5.** Феҳрист чӣ маъно доштааст?
**6.** Карточкаҳо чӣ гуна будаанд?
Истифодаи феҳристро ёд гиред, то манфиат бардоред.

## ИСТИФОДА АЗ ФЕҲРИСТИ КИТОБХОНА

Китобдорон ҳам аз рӯи феҳристҳо ба китобҳо обуна мешаванд. Барои донистани китоб ба онҳо танҳо шинос шудан бо феҳрист кифоя мебошад. Онҳо варақчаҳои ба китобҳои нав омадаро гирифта, шифри китобҳоро мувофиқи тартиб дар ҷо-ҷои худ мегузоранд. Чунин марказонидани карточкаҳо бо усули феҳристҳо

дар тараккиёти кори китобхонаҳои тамоми ҷаҳон накши калон мебозад. Ба туфайли ҳамин варақчаҳо ҳар як китобхона бе ҳеҷ душворӣ ва сарфи ками вакт феҳристи худро тартиб дода метавонад. Ғайр аз ин варақчаҳои феҳристӣ аз рӯи тамоми қайдҳо дуруст тартиб дода шуда сифати феҳристи тамоми китобхонаҳоро баланд мебардоранд.

Феҳрист-ин ҳамчунин оинаест, ки тамоми захираҳои китобҳои навро дар худ инъикос мекунад. Феҳрист барои ҳар чӣ зудтар дарёб кардани китоб зарур аст. Ба туфайли феҳрист хонандагон метавонанд ҳар як китоби писанди худро мустақилона интихоб кунанд. Феҳрист ин ҷевони дорои якчанд қуттичаҳо буда, аз мобайн тири дароз дорад, ки варақчаҳо ба он гузаронида шудаанд. Дар ин варақчаҳои феҳрист дар бораи ҳар як китоби китобхона маълумот дода мешавад. Дар он шифри китоб, рақами рафи китобгузорӣ навишта, номи муаллифи китоб, ҷой ва соли нашр сабт карда шудаанд. Феҳрист мазмуну мундариҷа ва бойгарии китобхонаро таҷассум мекунад ва чун роҳнамо аст. Феҳрист ба хонандагон барои роҳ ёфтан дар олами китобҳо кӯмак мекунад.

Феҳристҳо як ё якчанд хел мешаванд: алифбоӣ, пай дар пай, фаннӣ, ҷуғрофӣ. Китобхонаҳои оммавӣ асосан ду намуди феҳристҳоро ба кор мебаранд: алифбоӣ ва пай дар пай.

Дар феҳристи алифбоӣ варақчаҳо аз рӯи номи муаллиф, ё унвони китобҳо (агар асар бемуаллиф бошад) мувофиқи тартиби алифбо сохта ва чида мешавад. Феҳристи алифбоӣ барои ҳамаи китобхонаҳо ҳатмист. Аз вай кас ба осонӣ истифода бурда метавонад, барои ин танҳо донистани номи муаллиф ё унвони китоб (дар сурати бе муаллиф будани китоб) кифоя аст. Карточкаҳо дар феҳрист на танҳо аз рӯи аввали ҳарфи алифбо, балки бо тартиби алифбоӣ ҳарфҳои баъдинаи номи муаллифу унвони китоб чида мешавад. Ғайр аз ин, феҳристҳои алифбоӣ метавонанд ба чандин саволҳои хонандагон ҷавоб ҳам диҳанд:

- Дар китобхона, ғайр аз китоби ба ӯ зарурӣ боз китобе дар бораи муаллифи номбурда ҳаст?

- Боз кадом китобҳои муаллифи мазкурро аз ин китобхона пайдо кардан мумкин?

- Дар бораи ин муаллиф ва эҷодиёти ӯ чӣ навишта шудааст?

Чунки дар қисмати варақчаи асарҳои ҳар як муаллиф дар бораи ӯ ва эҷодиёташ навишта шудаанд, оварда мешавад. Ҳамин тариқ, барои дарёфтани як китоб пеш аз ҳама, муаллифи он ё унвони китобро донистан зарур аст. Сипас, мувофиқи ҳарфи аввали муаллиф ба назди феҳристи алифбоӣ омада, аз он варақчаи мувофиқро бо ҳамон исми китоб ёфтан лозим аст, баъд аз ин шифри он, муаллиф, номи китобро дар рӯи варақчаи супориш навишта ба китобдор месупоранд. Ба туфайли феҳристҳои алифбоӣ ба китоб ҳеҷ нигоҳ накарда, кас метавонад маълумоти китобшиносӣ бигирад: китоб дар куҷо нашр шудааст, чанд саҳифа дорад. Дар китобхонаи мазкур боз кадом нашрҳоро дарёфтан мумкин аст, дар қуттиҳо аз рӯи ҳарфи номи худу хонаводаашон дода шудааст. Карточкаҳои як муаллиф дар дохили каталог ба тариқи зайл гузошта мешаванд: дар навбати аввал карточкаҳои куллиёт, сипас-асарҳо, аз паси онҳо-асарҳои мунтахаби 2-3 ҷилда оварда мешаванд, баъд аз он маҷмӯаҳои мавзӯӣ, ҳамчунин варақчаи нашри асарҳои ҷудогона, мувофиқи тартиби ҳуруфи алифбо чида мешаванд.

Барои беҳтар ва осонтар истифода кардани феҳристҳо онҳо бо ҳарфҳои тартибӣ, ҳиҷо ва калимаҳо ҷудо карда шудаанд, ки ба дарёфти маводи лозима кӯмак мерасонад. Феҳрист (мундариҷа) одатан дар охири китоб аҳёнан дар аввали он дода мешавад.

Дар охири китобҳо бештар нишондодҳо-матнҳои ёрирасон дода мешаванд, ки барои зуд аз рӯи насаб ёфтани номҳо ва дар кадом саҳифа қайд шудани онҳо кӯмак мерасонад. Нишондодҳои номгӯи ҷуғрофӣ барои ёфтани ҷои нишондода ё номи маҳалҳо ёрӣ мерасонад. Нишондодҳои ашёӣ дар бораи дар кадом саҳифа дар хусуси маводи мазкур сухан рафтанро нишон медиҳанд. Ҳамин тавр, нишондодҳо барои дарёфтани маълумотҳои китоб ёрӣ мерасонанд. Хулоса, нишондодҳо барои бе ҳеҷ душворӣ дарёфтани ҳар гуна маълумот ёрӣ медиҳанд.

**САВОЛҲО:**

**1.** Китобдорон чӣ гуна обуна мешудаанд?

**2.** Карточкаҳо барои мо чӣ манфиат меовардаанд?

3. Феҳрист дар чӣ ҷойгир мешудааст?
4. Феҳристҳо чанд хел мешудаанд?
5. Барои дарёфти китоб чиро донистан зарур будааст?

Барои бо феҳрист ва варақчаҳо аз наздик шинос шудан ба китобхонаҳо даромада, аз китобдор масилиҳат гиред ва китобҳои заруриро хоҳон шавед.

**ҲИКМАТ**

Қудрати илмро завол нест.

## ЁРДАМЧИИ СОДИҚИ МО

Одами имрӯза на танҳо соҳиби дониши муайян бояд бошад, балки аз сарчашмаи гуногуни илмӣ ва адабӣ маълумоти ахбороти заруриро пайдо карда тавонад.

Ҳама чизро дар хотир нигоҳ доштан имкон надорад, вале маълумоти заруриро дарёфт кардан имкон дорад. Барои ба ин мақсад ноил гаштан ба луғат, қомусҳо, тақвимҳо нигариста метавонем. Масалан:

- барои чӣ тавр навишта ва талаффузи калимаҳоро муайян кардан;
- дар бораи ягон ашё, воқеа ва шахс маълумот ба даст овардан;
- аз санаҳои таърихӣ истифода намудан ё ба саволҳои озмунҳо ҷавоб пайдо кардан ва ғайра.

## ЛУҒАТ

**Луғат** - хазина ё маҷмӯи калимаҳо мебошад, ки мувофиқи тартиби алифбо омадаанд. Дар он маънои ҳар як калима шарҳ ва ё ба забони дигар тарҷума карда мешавад. Луғатҳо **тафсирӣ**, **имлоӣ**, **истилоҳӣ** ва **забонӣ** мешаванд. Онҳо чӣ маъно доштани калимаҳои мазкур (тафсирӣ), чӣ тавр ба забони дигар тарҷума шудан (забонӣ), чӣ хел навишта шудан ва талаффуз намудан (орфографӣ) ва ғайраро мефаҳмонанд. Луғати аз ҳама зурурӣ ва рӯзмарра барои

хонандагон луғати имлой ба шумор меравад. Хонандагон аз он қонунҳои муҳими имлой ва тарзи дуруст ва саҳеҳ навишта шудани ҳар як калимаро меомӯзанд. Ҳоло дар Тоҷикистон чандин луғатҳо ба табъ расонида шуданд, ки муҳимтаринашон: "Луғати фразеологии забони тоҷик", "Фарҳанги забони тоҷикӣ" иборат аз ду ҷилд ва ғайра мебошанд.

Агар ба мо донистани ягон мавод, масъала, шахси таърихӣ зарур шуда монад, бояд ба энсиклопедияҳо муроҷиат кунем. Энсиклопедия калимаи юнонӣ буда, маънои "доираи дониш"-ро дорад. Вай нашрияи илмӣ аст. Вай дар бораи тамоми соҳаҳои ҷории дониш ва фаъолияти амалӣ ё оид ба ягон соҳаи маҳдуди дониш маълумот медиҳад. Энсиклопедияеро, ки он аз тамоми соҳаҳои гуногуни дониш маълумот медиҳад, универсалӣ меноманд: "Энсиклопедияи калони советӣ", "Энсиклопедияи советии тоҷик" ва ғайра. Агар вай ба ягон соҳаи муайяни дониш бахшида шуда бошад, онро энсиклопедияи соҳавӣ ё мавзӯӣ меноманд: педагогӣ, тиббӣ, хоҷагии қишлоқ ва монанди инҳо. Маводи энсиклопедияҳо метавонад мувофиқи соҳаи дониш, мисли "Энсиклопедияи бачагона" ҷой бигирад. Дар он чандин ҳазор мафҳуму мақола бо тартиби алифбо ҷойгир карда шудааст. Масъалаҳои дарбар гирифтаи он асосан ба Тоҷикистон: таърих, ҷуғрофия, иқтисодиёт, илму техника, маданият, дар бораи ҳаёт ва фаъолияти арбобони намоёни кишвар, шоирон, нависандагон, ҳунарпешагон ва ғайраҳо хос мебошад. Дар "ЭСТ" маълумоти библиографӣ, харита, нақшаҳо, расмҳо ба тариқи фаровон истифода бурда шудаанд. Хонандагон метавонанд ба тамоми саволҳои пайдошуда аз он ҷавоб пайдо кунанд. Бо вуҷуди ин ки энсиклопедия маводҳои хеле зиёд ва фаровонро дар бар гирифтааст, чунон мувофиқу муносиб муназзам шудааст, ки кас ба ҳар савол ба осонӣ ҷавоб ёфта метавонад. Ғайр аз ин ҳамчунин дар дохили матнҳо ва мақолаҳо маълумоти фаровони китобшиносӣ дода мешавад.

**Луғати энсиклопедӣ** - аз мафҳуму истилоҳоти гуногуни дониш иборат аст. Вай моҳияти далелҳои зиёди таърихиро ба тариқи мухтасар кушода медиҳад, бо арбобони машҳур ошно месозад ва ғайраҳо. Дар он мавзӯъҳо ба тартиби алифбо оварда мешаванд.

**Маълумотнома** - китобест, ки дар он маълумоти зарурӣ оид ба масъалаҳои муайян ҷамъоварӣ шудаанд. Вай маводҳоро мӯъҷаз ва кӯтоҳ шарҳ медиҳад. Мисол. "Нависандагони Тоҷикистон", "Маълумотномаи дӯстдорони садо" ва ғайра.

Барои гузаронидани чорабиниҳои гуногуни беруназсинфӣ тақвимҳои мухталиф ёрӣ расонида метавонанд. "Тақвими хонанда" ва ғайра. Махсусан аҳамияти "Тақвимҳои санаҳои муҳим ва таърихӣ"-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро китобхонаи ба номи Фирдавсӣ тайёр мекунад, басе калон аст. Дар он оид ба ҳама ҳодисаҳои муҳим ва ҳамчунин ҷашни шоирон ва нависандагон маълумот дода мешавад.

### САВОЛҲО:

**1.** Оё мо ҳама чизи хондаю шунидаамонро дар хотир гирифта метавонем?

**2.** Луғат чиро дар бар мегирад?

**3.** Маънию мазмуни энсиклопедия чӣ будааст?

### СУПОРИШ:

Маълумотнома чӣ гуна китоб будааст, гуфта диҳед.

Мазмуни матнро дар хотир доред.

### ПАНД

Китоб дӯсти содиқи мост. Чунин дӯсти беминнатро бояд ҳифз ва эҳтиёт кунем.

Биёмӯз илме, ки гардӣ азиз.

## МУШОИРА

Мушоира мусобиқаи шоирон дар шеъргӯӣ мебошад, яъне шоирон бо шеър гуфтугӯ мекунанд. Мушоираи мо тамоман шаклу мазмуни дигар дорад. Ин ҷо мо шеърҳои дар васфи китоб гуфтаи шоирони бузурги классикӣ, муосири тоҷик ва халқро мехонем.

Мушоира фоидаи чандтарафа дорад. Аз ин рӯ, ба он махсус таваҷҷӯҳ зоҳир намудан зарур аст. Нахуст он, ки шеър ва суханҳои пурмазмуну ҳикматомез дар қалби мо ҳисси китобдӯстиро зуд ва хубтар бедор мекунанд. Сонияи шеърхонӣ ва ё аз ёд кардани шеърҳои дар васфи китоб таълифшуда нутқи шифоҳии моро бурро, равон ва мустаҳакам менамояд. Ғайр аз ин дар дили хонанда меҳри шеъру шоирӣ афрӯхта мешавад.

Дар мушоира ҳамаи хонандагони синф метавонанд иштирок кунанд. Албатта, пеш аз сар шудани сӯҳбат гуфторҳои шоирону нависандагон дар бораи китоб ғун карда мешавад. Шавқовар гузаронидани мушоира аҳамияти хеле калон дорад. Вай метавонад эҳсоси хонандаро ба худ барангехта таъсири муфид расонад. Бинобар ин аз худи китобдӯстон мисолҳои дар бораи китоб, порчаҳои шеърию иншои ба китоб бахшидаро бештар овардан аҳамияти калони тарбиявӣ дорад. Тариқи гузаронидани мушоира тахминан бояд чунин шакл бигирад:

**Баранда:** - Имрӯз мо дар бораи китоб мушоира мегузаронем. Китоб манбаи тамоми донишҳои инсон аст. Китоб хазинаи илм ва ганҷи бебаҳо мебошад. Дар он тамоми ҳодисоти олам, ҷаҳони маънавӣ, таҷрибаҳои ҳаётии инсон, заковату хиради донишмандон баён гардидааст. Китоб гиреҳи ҳамаи замонҳост. Вай замони гузаштаро бо ҳозира, ҳозираро бо оянда мепайвандад, алоқаманд мекунад.

**Китобхон**: Дар ин хусус шоири бузурги тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ чунин гуфтааст:

Зи доноён бувад ин нукта машҳур,
Ки дониш дар кутуб, доност дар гӯр.
Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст.
Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст.

**Баранда**: То имрӯз китоб дар шаклу намудҳои гуногун навишта шудааст. Дар давраи ҷамъияти ибтидоӣ, азбаски ҳанӯз қаламу коғаз ба вуҷуд наомада буд, одамон китобҳоро дар рӯи сангҳо мекашиданд ва менавиштанд. Баъдтар дар рӯи пӯстлохи дарахт ва пӯсти ҳайвонот менавиштагӣ шуданд. Дар рӯи иморатҳои гаҷкорӣ ва матоъҳо навиштани китобҳо як муддат давом дошт. Ниҳоят китобҳоро дар

рӯи коғаз дастнавис мекардагӣ шуданд. Баъд аз ба вуҷуд омадани усули чопи матбаа нашри китоб хеле осон ва тезсуръат шуд. Китоб ҳамчун манбаи заковату, сарчашмаи дониш бисёр шоирону олимон ва доҳиёни оламшумулро ба майдон овардааст.

**Китобхон**: “Дармони дил” чунин навишта шудааст дар даромадгоҳи китобхонаи Рамзесси II се ҳазор сол пеш.

**Хонанда**: Яке аз тарғиботчиёни китоб дар байни ҷавонон олими бузург ва шоири ширинкаломи тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ буд. Ҷомӣ китобро дӯсти беҳтарин, ҳамдаму ҳамнафаси инсон мешуморид. Шоир китобро ниҳоят дӯст медошт. Ӯ таъкид мекард, ки бояд ҷавонон дар як шабонарӯз ҳашт соат китоб хонанд. Китоб омӯзгори беминнати ҷавонон аст. Вай аз тамоми ганҷ ва сарвати инсонӣ болотар аст, мегуфт шоир.

**Баранда**: Халқ ҳам ба китоб баҳои баланд додааст ва азизу мӯътабар доштани онро ба мо талқин намудааст:

“Китоб беҳ аз ганҷинаи пурбор аст”,

“Китоб сарчашмаи дониш аст”.

“Китоб беҳтарин ҳамроҳ аст дар вақти танҳоӣ ва беҳтарин ошно дар ғарибӣ”.

**Хонанда**: Ин чистонро канӣ ёбед:

Як порча замин доштам,
Тухми сиёҳ коштам.
Бо чашми худ бидидам,
Бо ақли худ шинохтам

**Китобхон:** Шоири тоҷик Абдусалом Деҳотӣ яке аз китобдӯстон ва китобхони машҳур ба шумор мерафт.

Ӯ дар шеъри “Китоб мехонем”-и худ чунин менависад:

Мешавам ошно, салом китоб!
Маслиҳатчии мо ту дар ҳар боб.
Дар ҷаҳон бошад он чӣ илму ҳунар,
Ҳамаашро гирифтаӣ дар бар.
Мо туро субҳу шом мехонем,

То ки ҳар илму ҳар ҳунар донем.

**Хонанда:** Бачаҳо, китобро ҳар вақт хондан зарур аст, аммо дар бачагӣ ва ҷавонӣ бисёртар хондан лозим аст.

Чунончи Аминҷон Шукӯҳӣ мегӯяд:

Дар вақти таҳсил
Ту аз тахти дил
Хону хону хон
Дону дону дон!
Бо китоби нағз
Шину шину шин,
Маънои онро
Чину чину чин!

Ҳар писар ё духтар метавонад дар хонаи худ китобхонаи хурд дошта бошад. Вай аз он китобҳое, ки худаш мехарад ё ба вай падару модараш, ака ва хоҳараш ё ҷӯраҳояш тақдим мекунанд, худро ғанӣ мегардонад. Мана мисли ин шеър:

## ҲАРГИЗ НАРАВАД АЗ ЁД

Дар ёди ту ҳаст эй писарҷон,
Додот, ки аз бароят овард
Як майда китоби дилписанде
Хушсуратаку муқовааш зард.
Не, модаракам, - писар бигуфто,
Охир, ту ба рафчаҳо назар кун,
3-он гуна китоби дилписанду
Хушсурату хушмуқова афзун…

**Хонанда**: Китобхонӣ бисёр чизи зарур аст, аммо агар он ба хониш халал нарасонад. Биёед, шунавем чӣ тавр мешавад, агар китобҳоро аз ҳад бисёр хонем. Умуман, китоби дилнишинро пас аз тайёр кардани дарсҳо мутолиа кардан лозим.

## “АЗ ҲАМА БАДТАР ЧИСТ?...”

Тамоми ҳафтаи бигзаштаро ман,
Ба романхонӣ танҳо бигзарондам.
Китобу дафтари худро тамоман
Ба рӯи токча тахҳ карда мондам.
Ба ҳар ҷое, ки бошам, ҳаст акнун
Ба роман банд манро майнаву ҳуш,
Бигардидам беандоза мафтун.
Намудам дарсхониро фаромӯш.
Сабаб ин буд, к- аз ҷуғрофия ман
Баҳои “ду” гирифтам аввалин бор.
Аз он бар чашмҳоям рӯзи равшан,
Ту гӯӣ, гашт яксар тираву тор...

**Хонанда**: Дӯстон, ҳар як саҳифаи китобро бодиққат, ягон саҳифаро аз мадди назар дур накарда, хондан лозим аст. Чунин тарзи китобхонӣ аз ҳар ҷиҳат муфид мебошад. Аз ҷумла, Камоли Хуҷандӣ фармудааст:

Зи ҳар лафзаш равон магзар чу хома,
Ба ҳар ҳарфаш фурӯ рав чун сиёҳӣ.

**Хонанда**: Оре, шумо медонед, ки китоб дӯсти он шахс мебошад, ки бо китоб ҳамчун дӯсти содиқу ҳамдам эҳтиёткорона муносибат мекунад. Бисёре аз китобдӯстони ҷавон ба маҷалла ё рӯзномаҳо дар ин бора менависанд.

### САВОЛҲО:

**1.** Мушоира чӣ будааст?
**2.** Мушоира чӣ тавр гузаронида мешавад ва он чӣ аҳамият дорад?
**3.** Ҷомии бузург дар васфи китоб чӣ гуфтааст?

МУНДАРИҶА

## СИНФИ СЕЮМ

Адаб . . . . . . . . . . 3
Одоби накӯ . . . . . . . . . . 5
Хушнудии падару модар . . . . . . . . . . 7
Дар баёни ҳурмати падару модар . . . . . . . . . . 9
Модархонд . . . . . . . . . . 10
Меҳри фарзанд . . . . . . . . . . 12
Гунҷишкон ва мори бераҳм . . . . . . . . . . 12
Достони Юсуф . . . . . . . . . . 15
Шарм нишонаи адаб аст . . . . . . . . . . 17
Фарзанди нохалаф . . . . . . . . . . 18
Пиронро ҳурмат кунем . . . . . . . . . . 21
Момои танҳо . . . . . . . . . . 22
Қадр кунӣ, қадр бинӣ . . . . . . . . . . 23
Ёддошт . . . . . . . . . . 23
Шарм бодат, эй ҷавон . . . . . . . . . . 24
Пирон, шоистаи ҳурмати шумо! . . . . . . . . . . 25
Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи Акбар аст . . . . . . . . . . 27
Ҳурмати хурдсолон . . . . . . . . . . 28
Аз хурдон хато-аз бузургон ато . . . . . . . . . . 29
**Хулоса ва ҷамъбасти фасли якум** . . . . . . . . . . 30

Ҳурмати меҳмон ва одоби меҳмондорӣ . . . . . . . . . . 31
Меҳмонат гар шаванд, пинҳон машав . . . . . . . . . . 31
Дар фазилати меҳмон . . . . . . . . . . 33
Меҳмоно, нури дида тоҷи сар! . . . . . . . . . . 34
Қоидаи меҳмонӣ ва меҳмондорӣ . . . . . . . . . . 37
Меҳмони кӯҳистонӣ . . . . . . . . . . 38

Шарти дигари меҳмондорӣ . . . . . 40
Меҳмонам шав, то қурбонат шавам . . . . . 41
Малики саховатманд . . . . . 42
Файзи меҳмондорӣ . . . . . 43
Одоби муборакбодӣ . . . . . 45
Ҳикоят . . . . . 47
Меҳмони мо ва меҳмони Худо . . . . . 48
Меҳмон ва меҳмоннавозӣ . . . . . 48
Мизбон - меҳмондор . . . . . 49
Дар меҳмонӣ ва ҷойҳои ҷамъиятӣ . . . . . 51
Омода шудан ба меҳмонӣ . . . . . 52
Дар одоби меҳмонӣ . . . . . 53
Файзи ҳурмати нон . . . . . 54
**Хулоса ва ҷамъбасти фасли дуюм . . . . . 55**

Салом дорои чӣ гуна маъниҳост? . . . . . 56
Салом одамонро ба ҳам наздик месозад . . . . . 58
Қоидаи салому алайк . . . . . 59
Одоби салом . . . . . 60
Дар одоби салом . . . . . 62
Муҳимтарин қоидаҳои салом . . . . . 63
Салом аввал ба кӣ ҷоиз аст? . . . . . 64
Таъзимсалом . . . . . 65
Оғӯшсалом . . . . . 66
Хайрухуш . . . . . 67
**Хулоса ва ҷамъбасти фасли сеюм . . . . . 68**

Одоби таомхӯрӣ, ҳурмати нон . . . . . 68
Одоби таом хӯрдан . . . . . 70
Ороиши дастархон . . . . . 71
Дастархонорой . . . . . 72

Тартиби хӯрдани таом . . . . . . . . . . 74
Кулча . . . . . . . . . . 76
Панд шунаву панд гир . . . . . . . . . . 78
Нон ва тилло . . . . . . . . . . 80
Нонро азиз доред . . . . . . . . . . 82
Қоидаи таомхӯрӣ ва нӯшидани об . . . . . . . . . . 84
Ҳикоят ва пандҳо . . . . . . . . . . 85
Пуфак . . . . . . . . . . 87
Дар гирди мизи хӯрокхӯрӣ . . . . . . . . . . 89
Одоби тозагӣ ва хӯрдани хӯрок . . . . . . . . . . 90
**Хулоса ва ҷамъбасти фасли чорум . . . . . . . . . . 91**

Одоби мутолиа . . . . . . . . . . 92
Шиносоӣ бо китобхонаи мактаб . . . . . . . . . . 92
Китоб – дӯсти мо . . . . . . . . . . 94
Шиносоӣ бо китоб . . . . . . . . . . 95
Китоб дӯст ва маслиҳатгари мо аст . . . . . . . . . . 96
Китоб дар бораи китобҳои шавқовар . . . . . . . . . . 98
Чӣ хуб асту чӣ бад? . . . . . . . . . . 98
Фарзанд бошад, чӣ сон бошад? . . . . . . . . . . 99
Оё аз рӯи одоб? . . . . . . . . . . 101
Дастони тоза . . . . . . . . . . 101
Нағз мехонем . . . . . . . . . . 102
Китоб маслиҳатчии мост . . . . . . . . . . 103
Китоб оинаи фазлу камол аст . . . . . . . . . . 104
Шоҳи китобдӯст ва фарзандони ӯ . . . . . . . . . . 105

## СИНФИ ЧОРУМ


Дар одоб, ки обрӯи зиндагист . . . . . . . . . . 110

Одоби таҳсил, муаллим, мактаб . . . . . . . . . . 110

Таҳсил . . . . . . . . . . 110

Абӯалӣ ибни Сино . . . . . . . . . . 111

Панд . . . . . . . . . . 112

Дар талаби илм . . . . . . . . . . 113

Гуфтор . . . . . . . . . . 113

Орзу доранд . . . . . . . . . . 114

Насиҳат ба фарзанди арҷманд . . . . . . . . . . 115

Васфи китоб . . . . . . . . . . 116

Дониш аз марг наҷот дод . . . . . . . . . . 117

Устод ва шогирд . . . . . . . . . . 119

Таҳсил дар мадраса . . . . . . . . . . 121

Илм омӯз . . . . . . . . . . 123

“Дар мушт санги осиёбро пинҳон кардед!” . . . . . . . . . . 125

**Хулоса ва ҷамъбасти фасли якум** . . . . . . . . . . 126

Тараҳҳум ба парандаҳо, ҳайвонот . . . . . . . . . . 126

Оҳубарра . . . . . . . . . . 128

Гурба ва паланг . . . . . . . . . . 129

Духтарча ва кабк . . . . . . . . . . 132

Ҷонварони вафодор . . . . . . . . . . 135

Андӯҳи модагов . . . . . . . . . . 140

Тӯтии озодихоҳ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 142
Ҳикояти султони Яман . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 144
Ранҷиш . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 146
Одам ва подшоҳи ҳайвонот . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 148
**Хулоса ва ҷамъбасти фасли дуюм** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 152

---

Муқаддас донистани чор унсури ҳаёт: об, хок, оташ, бод . . . . 153
Хурӯс . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 154
Парвариши замин . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 156
Барфи аввал . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 157
Подшоҳи баққаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 158
Тӯфон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 159
Намакфурӯш ва хар . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 162
Осиё . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 163
Рӯзе дар сари чашма . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164
Офтоби оламтоб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164
Офтобхӯрӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 165
**Хулоса ва ҷамбасти фасли сеюм** . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 166

---

Одоби тозагӣ ва беҳдошти фард . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 167
Пандҳои Луқмони Ҳаким . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 168
Ҳикоят . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Дар одоби либос пӯшидан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 170
Маърифати либоспӯшӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 171
Ду магас . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 173

Машқу варзиш - умри дароз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 173
Алӣ ҳамбозиҳояшро наҷот медиҳад . . . . . . . . . . . . . . . . . . 174
Унсурҳои саломатӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 174
Варзиш саломатист . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 175
Саломат бош ту, эй дӯсти хурдсол! . . . . . . . . . . . . . . . . . . 176
Пеш аз хӯрок даст бишӯй! . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 176
Насиҳат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 177
Одоби атса задан . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 178
Ҷазои дилозор . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 178
Лаклак - табиб . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 179
**Хулоса ва ҷамъбасти фасли чорум** . . . . . . . . . . . . . . . . . 181

Шиносоӣ бо таърихи китобхонаҳо . . . . . . . . . . . . . . . . . . 181
Китоб дар ҷумҳурии мо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 184
Тарзи дурусти китобхонӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 186
Рӯзномаю маҷаллаҳои бачагона . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 187
Шиносоӣ бо феҳристи китобхона . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 189
Истифода аз феҳристи китобхона . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 191
Ёрдамчии содиқи мо . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 194
Луғат . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 194
Мушоира . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 196

Бозор Боронов

# ОДОБНОМА

Китоби дарсӣ барои синфҳои 3–4-ум

**Гурӯҳи нашрӣ:**

Муҳаррир Б. Раҳматов
Мусаҳҳеҳон М. Маҳмадов, Р. Латифова
Дизайн ва ороиш М. Муродов
Муҳаррири техникӣ Д. Қурбонов
Чопи компютерӣ М. Боева
Саҳифабанд Г. Мирзаметов

**© Х.Х. "Сарпараст", 2003**
**Литсензия № 049**
**© ЗАО "Издательство "Учебная литература", 2003**

Ба чопаш 28.04.03 имзо шуд.
Андозаи коғаз 70x90 1/16 Коғази офсетӣ.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Чопи офсетӣ.
Ҳаҷм 13 ҷузъи чопии аслӣ.
Адади нашр 260 000

Заказ 13509.

Государственное унитарное предприятие
ордена Трудового Красного Знамени
полиграфический комбинат
Министерства Российской Федерации
по делам печати, телерадиовещания
и средств массовых коммуникаций.
410004, Саратов, ул. Чернышевского, 59

## НИШОНИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



## ПАРЧАМИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН



# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Шеъри Гулназар Келдӣ* *Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модарӣ, ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Мароми ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*
*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

НАШРИЁТИ САРПАРАСТ ИЗДАТЕЛЬСТВО